**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ 37.01+373**
**ТКБ 74.00+74.2**
**С-89**

**СУРИЕВА ШАКАРМО ЧОРШАНБИЕВНА**

# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «ТОҶИКОН»-И АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика**
**ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

**Роҳбари илмӣ: Туронов**
**Султонмурод Шарофович,**
**номзади илмҳои педагогӣ**

**Душанбе – 2023**

МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................ 3

**БОБИ 1. Тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ** ........................................................................................ 17

1.1.Тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон .............. 17

1.2. Тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир ........ 28

1.3. Тафсири умумии таҳқиқоти солҳои охир оид ба тарбияи ватандӯстӣ . 46

Хулосаи боби 1 ........................................................................................ 69

**БОБИ 2. «Тоҷикон»- и академик Бобоҷон Ғафуров ва моҳияти тарбияи ватандӯстии он** ........................................................................................ **73**

2.1. Аз таърихи нашри китоби «Тоҷикон» .................................................. 73

2.2. Қисмҳои асар ва мазмуни умумии онҳо ................................................ 78

2.3. Мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар китоби «Тоҷикон». ............................ 93

Хулосаи боби 2 ........................................................................................ 105

**БОБИ 3. Метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»** ........................................................................................ 108

3.1. «Тоҷикон» ва методҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон ................ 108

3.2. Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон» ........................................................................................ 116

3.3. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дараҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ........................................................................................ 126

Хулосаи боби 3 ........................................................................................ 138

**Хулосаи умумӣ** ........................................................................................ 140

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда**: ........................................................ 146

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Омӯзиши осори таърихиву фарҳангии гузаштагони халқи тоҷик ва ба ин васила, равнақ бахшидани тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҷомеа қарор дошта, ташаккули он ба афзудани муҳаббат ба Ватан, хизмати содиқонаву софдилона кардан ба он, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти давлатӣ ва иштироки фаъолона ҷиҳати расидан ба мақсад ва ҳадафҳои олӣ мусоидат менамояд. Иҷрои ин рисолати таърихӣ ба дӯши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзгороне, ки соҳиби донишҳои муосир буда, фаъолияти пурсамарашон ба Ватану ватандорӣ бахшида шудаасту мақсадашон танҳо ояндаи неку пуршарафи Ватану миллат мебошад, вогузор гардидааст

Ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатӣ ба ғайр аз дигар шартҳои зарурӣ ба такмилу ташаккули тарбияи ватандӯстӣ дахл дорад. Ҳадафи асосии ин раванд нав кардани мазмуну шаклҳои он, ба талаботи имрӯзаи ҷомеа мувофиқ гардондани мақсаду вазифаҳо, бартараф намудани бетафовутию бегонапарастӣ, баланд бардоштани ҳиссиёт ва шуури миллӣ, эътиқод ва фаъолии шаҳрвандӣ, тарбия намудани хонандагон дар рӯҳияи худогоҳию худшиносӣ ва ватандӯстию меҳанпарастӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид карда буданд: «Дар ин марҳилаи муҳим мақсаду вазифаҳои маориф бештар ба масъалаҳои ташаккули маънавиёт, омӯзиши амиқи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, инчунин, дар тафаккури мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон густариш додани эҳсоси эҳтиром ба муқаддасоти милливу рамзҳои давлатӣ равона мегардад» [91].

Зимни таъкидҳои Сарвари давлат таваҷҷуҳи хоса ба тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва фаъолнокии ҷамъиятӣ дар дарки манфиатҳои

миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳтиром гузоштан ба таърих, давлатдории миллӣ, рамзҳои он, шинохти дастовардҳои илмӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ аз тарафи наврасону ҷавонон асосан ба он алоқаманд аст, ки бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи сарҳадоти он барои мамлакат аҳамияти стратегӣ дорад. Маҳз ин аҳамият талаб мекунад, ки фаъолияти педагогии омӯзгорон дар самти тарбияи ватандӯстии хонандагон пурзӯру мақсаднок ба роҳ монда шавад.

Мавқеъ ва аҳамияти тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорон, баланд бардоштани сифатҳои ватандӯстии хонандагон дар низоми маориф ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон", Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026","Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027", Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ва ғайра инъикос шуданд. Ғояҳои пешбаранда ва самарабахши ин ҳуҷҷатҳо андешаҳои башардӯстӣ, инсонпарварӣ, демократикунонӣ ва тарбияи ватандӯстӣ мебошанд, ки боиси афзоиши шуури миллӣ ва истифодаи он дар фаъолияти тарбиявию таълимӣ мегарданд.

Бо дарназардошти авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ омӯзиши мушкилоти тарбия, аз ҷумла, тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон тақозои замон буда, таҳким ва рушди тарбияи ватандӯстӣ барои ҳар як давлату миллат муҳим мебошад ва ин ҷо муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро мебояд ба сифати муҳофизи мероси таърихию фарҳангӣ, арзишҳои милливу умумибашарӣ фаъолият карда, чун макони тарбия, худогоҳию худшиносии хонандагонро вусъат бахшад ва ҳисси ватандӯстии онҳоро ташаккул диҳад. Зимни барномаву корҳои тарбиявӣ хештаншиносиву ватандӯстӣ ва ифтихори

ватандориро миёни хонандагон рушд дода, онҳоро бештар ба фаъолиятҳои ватандӯстона ҷалб намояд.

Таваҷҷуҳ ба тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахсияти аз ҳар ҷониб рушдёфта, шаҳрванди сидқан дӯстдори Ватан, ояндасозу меҳанпараст ба соҳаи маориф дахл дорад. Аз ин ҷост, ки асоснок кардани мазмун, сохтор ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳам дар назария, ҳам дар амалияи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Зимни таҳлилу баррасии осори мутафаккирон ва сарчашмаҳои илмӣ равшан гардид, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон дар мадди назар ва мавриди таҳқиқи олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ қарор дошт ва минбаъд низ қарор хоҳад гирифт. Масалан, осори адибону мутафаккирони барҷастаи тоҷик Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода, ки ба ганҷинаи маънавии тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шудаанд, воситаи тавонои тарбияи ватандӯстӣ, таълими насли наврас ва ташаккули тафаккури миллати тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар педагогикаи рус мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандустӣ, масъалаҳои инкишофи худшиносии миллӣ ва тарбияи шаҳрвандиро дар асарҳои А.Н.Радишев, В.Г.Белинский, Н.Г. Чернишевский, Н.Добролюбов, А.Гертсен, К.Д.Ушинский, В.А. Сухомлинский ва дигарон мушоҳида кардан мумкин аст. Ин мутафаккирон тавассути асарҳои худ дар бораи муҳаббату садоқат ба Ватан, дар бораи аҳамияти ҳифзу рушди фарҳангу таърихи худ андешаҳо баён мекунанд. Онхо намунахои кахрамонй ва фидокориро нишон дода, чавононро ба гамхорй дар хакки Ватан ва ифтихор аз комьёбихои он рухбаланд менамоянд.

Мисолҳои овардашуда танҳо як бахше аз он аст, ки чӣ гуна адабиётшиносону мутафаккирон дар ҷавонон меҳри ватандӯстиро талқин мекунанд. Ба ҷавонон омӯзонидани таърихи кишвари худ, нишон додани аҳамият ва хидматҳои онҳо дар таърихи ҷаҳонӣ низ муҳим аст. Омӯзиши ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, ташаккули ҷалби шаҳрвандӣ ва иштирок

дар ҳаёти ҷамъиятӣ низ ба ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ мусоидат мекунад.

Академик Б. Ғафуров дар асари бунёдии «Тоҷикон» қаҳрамониву ватандӯстии халқи тоҷикро дар роҳи озодиву ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва таъриху фарҳанги ин миллати озодаро бо далелҳои раднопазир собит кардааст.

Солҳои 70-уми садаи XX тарбияи ватандустӣ мавзуи таҳқиқи махсуси илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, аз ҷумла, педагогика буд. Олимон А.Бозоров, Э.Бутаева, Комил Бекзода, А.Игнатиева, С.Кабиров, М.Мансурхоҷаев, В.Набиева, В. Поливанний, С. Раҳимов, И. Пудинаев, И. Тимошин, Х. Турахонова, Д. Хоҷаев ва дигарон зимни таҳқиқоташон ҷиҳатҳои гуногуни тарбияи ватандустӣ ва байнимиллалиро омӯхтаанд.

Таҳқиқоти Н. Асадуллоев, Б. Ғафуров, А. Баҳовиддинов, Қ. Ёқубӣ, М. Ғафуров, М. Раҷабов, М.Осимӣ, М.Диноршоев, Ҳ.Додхудоев, И.Шарифов, А.Турсунов, М. Шукуров, А. Муҳаммад, В. Хоҷаева, М., А. Мирзоева, Д. Тағоева, К. Гиёева, Ш. Ғуломаҳмадов, Ш. Абдуллоев, С. Ҷононова, А. Саидова, А. Собирова ва дигарон ба асосҳои назариявӣ ва методологии тарбияи ватандӯстӣ бахшида шудааст.

Масъалаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон, ҷанбаҳои педагогии тарбияи ватандӯстӣ, паҳлуҳои гуногуни анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва истифодаи онҳо дар таълиму тарбия дар таҳқиқоти олимони Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Орифӣ, И. Обидов, Х. Буйдоқов, Т. Насиров, Қ. Қодиров, М.Каримова, О.Бозоров, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода М. А. Паҳлавонов, Б. Қодиров, Д. Латипов, Т.Н.Зиёзода, К. Қодирова, Б. Раҳимов, Б. Ҷумъаев, Л. А. Орлова ва дигарон ифода ёфтаанд. Дар таҳқиқоти онҳо тамоюли ҷустуҷӯи арзишҳо ва анъанаҳои миллӣ-ватандӯстӣ, роҳҳои истиқболи ёддошти таърихии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогии омӯзгорон инъикос ёфтааст.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии

ҷавонон қабул шудаву мавриди амал қарор дорад. Вале омӯзиш ва таҳқиқи натиҷаҳои татбиқи санадҳои зикршуда, истифодаи осори ниёгон дар самти ватандӯстиву ватандорӣ, аз ҷумла, омӯзиши асарҳои таърихии олимони тоҷик, махсусан, асари бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки то имрӯз меъёр, равиши ягонаи омӯзиши асарҳои таърихиву фарҳангӣ.пешниҳод нашуда, мазмуну вазифаҳои он дар шароити соҳибихтиёрии ҷомеаи тоҷик муайян нагардидаву масъалаи ташаккули шахсияти рушдёфта ҳамчун барандаи сифатҳои ватандӯстӣ дар низоми умумии тарбия ва илми педагогика чандон васеъ омӯхта нашудааст.

Омилҳои ташаккули шуури ватандӯстии хонандагон низ пурра барраси нагардида, метод восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон муайян нашудааст, ки ин ба омӯзиши якҷонибаи масъала, ба таври зарурӣ муайян нашудани ҳадафу вазифа, мазмуну шаклҳои таълим ва фаъолияти корҳои беруназсинфии тарбиявӣ боис мегардад.

Бо дар назардошти андешаҳои фавқуззикр ҷиҳати ҳалли мушкилоти баёншуда, мавзуи тадқиқ «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров» интихоб гардид ва.вобаста ба он таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ:** Таҳқиқоти мазкур дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи "Тарбияи ватандӯстию ватанпарварӣ ва худогоҳиву хештаншиносии наврасону ҷавонон зимни омӯзишу эҳёи арзишҳои миллӣ ва таърихиву фарҳангӣ" анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот:** аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок кардани метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров

**Вазифаҳои тадқиқот.** Бо дарназардошти ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- омӯхтани вазъи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- муайян кардани тадқиқоти педагогӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ;

- муайян кардани тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ;

- омӯхтан, муайян кардани вазифа ва мазмуни фаъолияти мактаби муосир оид ба тарбияи ватандӯстӣ;

- ошкор кардани мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров;

- равшан сохтани метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров.

**Объекти тадқиқот:** раванди фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ

**Предмети тадқиқот:** раванди тарбияи ватандӯстӣ зимни омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон"

**Фарзияи тадқиқот:** тарбияи ватандӯстӣ самарабахш ва босифат мешавад, **агар**:

- дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.омӯзиши мақсадноки асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" ворид карда шавад;

- минбаъд омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишу малакаву маҳоратҳои омӯзиш ва тарғиби моҳияту мавқеи.асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мусаллаҳ карда шаванд;

- шиносоӣ бо таърих ва фарҳанги миллӣ дар низоми азхудкунии мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, хусусан дар заминаи омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон",чун муҳити фаннӣ ва технологияи педагогӣ ба роҳ монда шавад;

- ба.низоми тарбияи хонандагон омӯзиши мақсадноки асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” ворид карда шавад.

**Марҳила, давра ва макони тадқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шуд.

**Марҳилаи якум (солҳои 2020-2021):** мақсад, объект, предмет ва вазифаҳои тадқиқот муайян шуда, адабиёти илмӣ оид ба моҳият, сохтор ва роҳу сатҳҳои тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Шароити раванди фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар тарбияи ватандӯстии хонандагон тадқиқ гардида, фарзияи корӣ пешниҳод ва унсурҳои алоҳида, ҷузъҳои таркибии ватандӯстӣ аниқ карда шуданд.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2021-2022):** сатҳи тайёрии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар омӯзиш ва истифодаи асари Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” омӯхта, гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ муайян карда шуданд. Тавассути пурсишнома фаҳмиш, тасаввурот ва фаъолияти омӯзгорон оид ба тарбияи ватандӯстӣ муайян ва мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар рушди тарбияи ватандӯстӣ равшан ва сабабҳои нокифоягии тарбияи ватандӯстӣ, роҳҳои ангезиши хонанда ҳамчун шахсияти ватандӯсту меҳанпараст муайян карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2022-2023):** тавассути корҳои озмоишӣ метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ошкор ва меъёру нишондиҳандаҳои дараҷаи ватандӯстӣ муайян карда шуданд.

Дар асоси таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш оид ба омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ва рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хулоса ва тавсияҳо пешниҳод гардид.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии тадқиқотро** ақидаҳои фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик оид ба тарбияи ватандӯстӣ, тарбияи шахсияти фарҳангӣ, ақида ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ

роҷеъ ба тарбияи ватандустӣ ва шоҳасари Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон”, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”,“Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”, “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”, Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ ташкил медиҳанд.

Тадқиқотҳое, ки солҳои охир гузаронида шудаанд, ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ифтихори ватандӯстӣ дар байни насли наврас бахшида шудаанд. Дар ин пажӯҳишҳо афкору андешаҳое, ки дар ташаккули ватандӯстӣ аҳамияти миллии таърихию фарҳангӣ доранд, ба инобат гирифта шудаанд. Онҳо ҷузъи муҳими системаи маориф ҳисобида мешаванд.

Тадқиқот оид ба тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ифтихори ватандорию меҳанпарастӣ дар замони муосир гузаронида, фикру мулоҳизаҳои аҳамияти таърихию фарҳангидоштаи миллӣ дар рушди ватандӯстӣ ҳамчун як низоми таркибии тарбия ба эътибор гирифта шудааст.

Раванди тадқиқот гуногунрангии андешаҳои дар маъхазҳои гуногун овардашуда, аз қабили ҳуҷҷатҳои таърихӣ, адабиёт, таҳқиқи проблемаҳои ҳамин дар дигар кишварҳо ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Вазифаи муҳими ин таҳқиқот муайян кардани он ғояҳо ва арзишҳое, ки миллӣ буда, барои ташаккули ватандӯстӣ муҳиманд.

Дар тадқиқот ба нақши таълим ва низоми тарбия дар ташаккули ифтихори ватандӯстии наврасону ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Олимон ва омӯзгорон усулу равишҳои гуногуни тарбияи ватандӯстиро, аз ҷумла, барномаҳои мактабӣ, корҳои беруназсинфӣ,

чорабиниҳое, ки ба тарбияи ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ нигаронида шудаанд, омӯхта истодаанд.

Тадкикот дар сохаи тарбияи ватандустӣ ахамияти калони амалӣ дорад. Онҳо ба таҳияи равишҳои муассир ва стратегияҳои тарбиявӣ мусоидат мекунанд, ки метавонанд дар системаи таълимӣ барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихор аз кишвари худ дар байни ҷавонон истифода шаванд. Ин тадқиқотҳо барои таҳияи барномаҳо ва фаъолиятҳое, ки шуури ватандӯстӣ ва шаҳрвандии фаъолро ташвиқ мекунанд, заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар рисолаи илмӣ муқаррароти ислоҳоти низоми таълиму тарбия, ки дар ҳуҷҷатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, инчунин талабот ва принсипҳои тарбияи ватандӯстӣ, ки дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шахрвандон”, “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, Консепсияи миллии маълумот, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, истифода гардидааст.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсия.** Сарчашмаи маълумоти диссертатсияро асарҳои олимони соҳаи педагогика, фалсафа, психологҳо, ки фарогири ҷанбаҳои педагогии тарбияи ватандӯстианд, ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмперикии тадқиқот.** Тадқиқот дар заминаи таҷриба ва маълумоти боэътимод, ки аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас шудаанд; омӯзиш ва ҷамъбасти фаъолияти омӯзгорон дар самти омӯзонидани асари “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров; мушоҳидаи бонизоми раванди омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби хонандагон, суҳбату вохӯриҳои инфиродӣ бо донишомӯзон ва тавассути корҳои таҷрибавию озмоишӣ санҷидани масъалаҳои дар фарзияи таҳқиқот баёншуда коркард шудааст.

**Методҳои тадқиқот.** Дар ҷараёни тадқиқот усули таҳлили адабиёти илмӣ, таърихиву педагогӣ, усули монандӣ, таҳлили муқоисавӣ, бонизомӣ ва сохторӣ, пурсишнома, коркарди омории иттилоот, мушоҳида, суҳбат,

мусоҳиба оид ба тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода карда шуданд. Вобаста ба сатҳи омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пурсишномаи иттилоотӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари зикршуда, ки аз ҷониби мо таҳия шуда буд, мавриди озмоиш қарор дода шуд.

**Пойгоҳи озмоишии тадқиқот:** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №8-и н.И.Сомонӣ, № 35-и н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва 3, 4-и шаҳри Ваҳдат.

**Навгонии илмии тадқиқот**: ба таври хоса аз инҳо иборатанд:

- мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок карда шуд;

- бори аввал барномаи озмоишии махсуси омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор дода шуд, ки самарабахшии таҳқиқотро ифода карда, арзишҳои миллӣ, таърихию фарҳангӣ, принсипҳои ташаккули ватандорию меҳанпарастӣ ва густариш додани онҳоро муттаҳид месозад;

- тавассути омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров.фаъолиятҳои тарбиявию беруназсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд, ки ба ташаккули худогоҳиву худшиносӣ, тарбияи ҳисси амиқи ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватан миёни хонандагон мусоидат менамояд.

**Нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда:**

1.Истифодаи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар таълим ва тарбияи ватандӯстии хонандагон аз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ донистани инҳоро талаб мекунад:

- таърихи нашр, фаслу бобҳои асар ва нақши он дар тақвияти худогоҳиву худшиносии миллӣ, ватандӯстии хонандагон;

- асари бунёдии “Тоҷикон” ва мавқеи он дар тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”;

- роҳҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон.

2. Тайёрии босалоҳияти омӯзгорон ба истифодаи метод, восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар таълиму тарбия инҳоро дар назар дорад:

- донистани мазмун ва меъёрҳои татбиқи амалии донишу малакаҳо оид ба тарбияи хонандагон, махсусан тарбияи ватандӯстии онҳо дар замони муосир;

- шароити муосири педагогии истифодаи метод, восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши “Тоҷикон” дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- донистани технологияи муосири педагогӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ оид ба омӯзиши “Тоҷикон” ҳамчун рукни таркибии таъриху фарҳанги миллӣ.

3. Дар ташаккули муваффақонаи тайёрии касбии омӯзгорон курси «Назария ва методикаи тарбия»-ро такмил дода, дар он мавзуъҳои «Ватану ватандӯстӣ ва ватандорӣ»-ро ворид кардан, аз ҷумла:

- шиносоӣ бо мазмуну мундариҷаи асари бунёдии “Тоҷикон” ва акидаҳои тарбияивии он бо дарназардошти технологияҳои муносиби таълимии он;

- воқиф гаштан аз арзишҳои таърихиву фарҳангии миллии тоҷикон оид ба Ватану ватандӯстӣ ва иртиботи он бо падидаҳои ҷаҳонбинии насли нав;

- нақши асари илмию бунёдии «Тоҷикон» дар ташаккули худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- ҳавасмандии омӯзиши амиқи илмҳо ва касби омӯзгорӣ бо мақсади рушди тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеаи муосир ҳамчун шахсияти рушдёфта, ояндасоз ва ватанхоҳу меҳанпараст.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот дар он аст:**

- раванди фаъолияти таълимӣ ва шароиту нақши муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор гирифт;

- зимни омӯзиш мавқеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шуд;

- асосҳои педагогӣ ва самарабахшии омӯзиши асари "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо муайян карда шуд;

- зимни корҳои озмоишӣ шароити педагогӣ ва воситаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷиҳати омӯзиш ва ҳифзу ғанӣ гардондани мероси таърихиву фарҳангӣ амалӣ карда шуд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот дар он аст:**

- дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи озмоишҳо асоснок карда шуд;

- мавқеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нишондиҳандаву сатҳҳое, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, муайян карда шуданд;

- метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон" муайян ва унсурҳои алоҳидаву ҷузъҳои таркибии тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард ва дақиқ карда шуданд;

- тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон  ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгорон коркард ва пешниҳод шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот:**хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ;мантиқи илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омаданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои 3,4 ва 5-и шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:**

- таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳи тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои бадастомада;

- таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ;

- омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ, ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ;

- муайян кардани муҳтавои педагогӣ,моҳият ва мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- пешниҳоди тавсияҳои методӣ, барномаи озмоишии омӯзишӣ барои омӯзгорон доир ба восита ва шаклҳои муосиру самарабахши тарбияи ватандӯстӣ дар раванди таълиму тарбия;

- гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи таҳқиқот.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Автореферат ва маводи илмии ба табърасондаи муаллиф мазмуни пурраи диссертатсияро инъикос намуда, натиҷаҳои тадқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, машваратҳои августии омӯзгорон, ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шуданд.

**Интишорот.** Натиҷаҳои диссертатсия дар 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастур ва 1 барномаи озмоишии махсуси омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон” -и Бобоҷон Ғафуров инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар қолаби 158 саҳифаи компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулосаҳои умумӣ, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар таълифи диссертатсия 143 адабиёти ватаниву хориҷӣ истифода шуда, дар матни рисола 2 ҷадвал ва 1 диаграмма ворид шудааст.

# БОБИ 1. ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН-ҶУЗЪИ ТАРКИБИИ ТАРБИЯИ МАЪНАВӢ

## 1.1.Тафсири умумии ташаккул ва тарбияи маънавии хонандагон

Дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ маҷмуи тадбирҳое дониста шудааст, ки барои аз ҷониби шахс дарк намудани арзишҳои олӣ, ормонҳо ҳадафҳо, раванд ва падидаҳои муҳими иҷтимоӣ дар ҳаёти воқеӣ, қобилияти ба роҳбарӣ гирифтани онҳо ҳамчун омилҳои муайянкунанда ва мавқеъ дар фаъолияти амалию рафтор-хидмати сазовор ба Ватан равона мешаванд.

Бо дарназардошти идеяву назарияҳои замони муосир тарбияи маънавӣ омили асосии рушди ҷомеаву давлат маҳсуб ёфта, тарбияи насли солиму ватандӯст дар руҳияи арзишҳои миллӣ кафолати таъмини рушди устувор ва ояндаи дурахшони ҷомеа ва давлат мебошад.

Вобаста ба ин, Президенти мамлакат дар асарашон «Уфуқҳои Истиқлол» чунин таъкид кардаанд: «Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аҳамияти хос касб карда, ҳар як ҷавони бонангу номуси кишварро зарур аст, ки ба омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар машғул шавад, таърихи халқи худро азбар намояд, Ватанашро чун ҷон дӯст дорад, арзишу суннатҳои милливу фарҳангиро эҳтиром кунад ва худогоҳу худшинос бошад» [134, 314].

Дар робита ба таъкиди Роҳбари давлат, насли ҷавонро мебояд бештар ба омӯхтани илму дониш ва шуғлҳои замони муосир таваҷҷуҳ намуда, дар донистани таъриху фарҳанги миллати тоҷик ва ҳифзи марзу бум, арзишҳои миллӣ ва ободу зебо намудани Тоҷикистони азиз аз рӯйи садоқат ба Ватан ҷаҳду талош намоянд.

Бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардидани озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон- Ватани азизи ман» ва ройгон тақдим

гардидани асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ба ҳар як хонаводаи тоҷик таваҷҷуҳи хоссаи Сарвари давлат ба насли ҷавон ва мардуми тоҷик ба шумор рафта, дар азхуднамоӣ ва гиромидошту ҳифзи арзишҳои фарҳангиву маънавии халқи тоҷик нақши бориз дорад.

Месазад зикр намоем, ки бо ибтикори Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бомақсади арҷгузорӣ ба гузаштаи пурифтихори миллати тоҷик соли 2023 ба ифтихори 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат» баргузор карда шуд. Мақсади озмун омӯзиши амиқу хамаҷонибаи корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷик дар тӯли таърих, тақвияти ҳисси худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва ба ин васила, шинохти нақши халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷик дар рушди тамаддуни инсоният буда, баргузории он ба оммавӣ шудани таърих, ба ташаккул ва бедории миллии насли наврас заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ин амали шоистаи Президенти кишвар насли ҷавонро водор менамояд, ки бо пайравӣ ба он кас ба хидмати фидокорона ба Ватани хеш омода бошанд. Дар ин росто, пешниҳод менамоем, ки озмуни зикршуда як сол нею ҳамасола баргузор карда шавад. Зеро ин чорабинӣ дар таҷрибаи таърихии ҷаҳон беназир ба шумор рафта, дар бақои давлату миллат ва шинохти арзишҳои волои халқи тоҷик амри зарурӣ мебошад. Гузаштаи худро надониста имрӯз зиндагӣ кардан душвор аст. Дар ин маврид ходими сиёсию давлатии Олмон Алфред Розенберг бо дарки ин мазмун чунин менависад: «Ҳар касе, ки таърихро медонад, ҳам дар гузашта зиндагӣ мекунад ва ҳам дар ҳозира». Воқеан рӯ овардан ба илму фарҳанг ва таърихи миллати хеш дар сиришту равони кас ҳисси ифтихори ватандорӣ, худшиносии миллӣ, мустақилияти фикрӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, адолатхоҳиву зиракии сиёсиро бедор намудаву афзун мегардонад. Инсони огоҳу бедор дар ҳама ҳолат шикастнопазир аст.

Баъд аз истиқлол ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии таҳсилот ва принсипҳои он ба таври зерин муайян шудааст:

1.Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстии таълиму тарбия дар ҳама намуди таълимгоҳҳо.

2. Ягонагии фазои фарҳангӣ ва таҳсилот, алоқаи маълумот бо анъанаҳои миллию маънавии халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Пеш аз ҳама дар назар доштани арзишҳои миллию умумибашарӣ, тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, сулҳдӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, ҳаёту саломатии инсон, инкишофи озодонаи шахс.

4. Дар асоси озмун гирифтани таҳсилоти касбӣ.

5. Ягонагии низоми таҳсилот ва бисёрзинагии он дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ.

Аз ин рӯ, сиёсати зикршуда имкон медиҳад, ки дар вақти интихоби мазмуни маълумот принсипҳо ва меъёрҳои зерин риоя карда шаванд:

1.Мутобиқати мазмуни маълумот бо асосҳои илми муосир, истеҳсолот ва дархости ҷомеаи демократию гуманистӣ.

2.Инкишофпазирии мазмуни таҳсилот.

Вобаста ба присипҳо ва меъёрҳои зикршуда самтҳои таҳсилот ба таври зерин муайян шудаанд:

1. Эҳёи анъанаҳои беҳтарини педагогикаи ниёгон, афкори педагогии халқ ва таҳқиқи проблемаҳои таълиму тарбияи миллӣ.

2. Таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи эҳтироми қонун, ҳуқуқҳои умсумибашарӣ, ваҳдати миллӣ, дӯст доштани Ватан, ифтихори ватандорӣ, инсонпарварӣ, сулҳдӯстӣ, адолати иҷтимоӣ, бародарӣ баробарӣ ва амсоли инҳо.

3. Ташаккули тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи насли наврас дар иртибот ба шароити муосир.

4. Равнақу ривоҷи арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ, демократӣ ва дунявӣ.

Дар робита ба сиёсати давлатӣ ва принсипҳои зикршуда, Консепсияи мактаби миллӣ ва Консепсияи миллии таҳсилот, ки муайянгари асосҳои

методологии низоми маорифанд, муҳтаво ва ғояҳои асосии таҳсилотро ба таври зерин пешниҳод менамоянд:

- якум, зарурияти андӯхтани маълумот, арзиш ва қимати он, муносибати ҷомеа ва давлат ба маълумот;

- дуюм, маълумот ва тарбияи инсон, инсону инсонгарои, гуманизми волои башарӣ, арзишҳои миллию умумибашарӣ, сулҳпазирӣ, ватандӯстӣ, худогоҳӣ, асолат ва ваҳдати миллӣ;

- сеюм маълумот ва итисос, касб, техника ва технологияи муосир.

Бо дар назардошти моҳияти ин ду санад таҳсилот он вазифаҳоеро анҷом медиҳад, ки ҷомеа ва давлат дар назди он мегузоранд. Дар ин раванд давлат ҳамчун танзимгар вазифаҳои маълумотро ба нафъи ҷомеа равона сохта, бо ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ барои ҳамаи табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати гирифтани маълумоти босифат шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз тарафи дигар, вақте ки маълумот дар симои давлату ҷомеа ҳомии худро пайдо мекунад, мунтазам рушд намуда, вазифаҳояшро беҳтару хубтар анҷом медиҳад ва ҳамчун эҳёгари таърих робитаи наслҳоро бо омӯхтани таърих ва сабақ гирифтан аз он устувор намудаву амалӣ месозад.

Дар робита ба ин Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарашон «Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ» бамаврид таъкид кардаанд: «таърих оинаест, ки мо дар он мавқеи гузаштагонамонро дар масири таърих бо ҳама шукӯҳу шаҳомат ва хорию зориаш дида, ба ҳусну қубҳи фаъолияту корбарии ӯ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯйи хештаншиносию худогоҳӣ ниҳода бо дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонем» [133, 43].

Ин таъкиди Сарвари давлат нақши маълумотро дар инкишофи шахс ва тарбияи ӯ муайян карда, маънавиёт ва гуманизми олиро мабнои фаъолият муқаррар менамояд, ки паҳлуҳои гуногуни инсони ҷомеаи демократӣ, аз ҷумла, худшиносӣ, ватандӯстӣ, одобу ахлоқи ҳамида, истиқлолхоҳию озодӣ, сулҳу салоҳ ва муҳофизи манфиатҳои миллиро фаро мегирад.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби

тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ чунин баён шудааст: «Тарбияи ахлоқӣ -маънавӣ ин таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкору ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатманд ва амсоли инро ба вуҷуд меоранд. Ҳамаи дигар унсурҳои тарбияи миллӣ дар худ ғояҳои ахлоқию маънавӣ доранд. Ахлоқ унсурест, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайвандад ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳад. Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд. Забон, адабиёт, таърих манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телевизион, маводи компютер, шабакаи «ИНТЕРНЕТ», васоити ахбори умум дар тарбияи ахлоқию маънавӣ олами маънавии инсон ғанӣ мегардад. Тарбияи миллии маънавии инсон нақши асосӣ дорад. Тарбияи маънавии инсон ба тарбияи ахлоқии шаҳрванд наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрванд нақши бориз доранд» [55].

Вобаста ба ин сифатҳои маънавии инсон арзишҳоеанд, ки дар мазмуни маълумот нуҳуфтаанд. Аз ин рӯ, аҳли маориф ва мактаби миллиро зарур аст, ки дар раванди таълиму тарбия ин арзишҳоро ба нафъи арзишҳои инсонӣ истифода бурда, ҷиҳати афрӯхтани нури маърифат, ахлоқи маънавӣ ва инкишофи шахс методологияеро кор баранд, ки табиату ҷамъият, ҳастии моддию маънавиро на дар қолабҳои шахшуда, балки дар тағйироту таҳаввулот маънидод карда, аз фалсафаи мардуми бумию умумибашарӣ бархурдор бошад.

Азбаски тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ бо дигар соҳаҳои тарбия, махсусан, тарбияи ахлоқӣ- маънавӣ робитаи зичу густарда дорад, покии ахлоқ ва маънавиёти баланд.асоси ватандӯстӣ маҳсуб ёфта, бе ахлоқи ҳамида ватандӯст шудан нашояд.

Масъалаҳои тарбияро бе ташаккули ҳиссиёти маънавӣ, маҷмуи ақидаҳо, эътиқоду идеалҳо, хусусиятҳои эмотсионалӣ ва иродавии характер, инчунин одатҳои рафтори мадании шахсият ба танзим даровардан мумкин нест. Зеро

сифатҳои маънавӣ- психологии шахсият дар зери таъсири муҳити оила, мактаб ва ҷомеа ташаккул меёбанд.

Психологияи педагогӣ масъалаҳои психологии тарбияро меомӯзад ва бо ҳамин нишон медиҳад, ки дар рафти тарбия дар олами ботинии (психологии) кӯдакон чӣ гуна тағйирот ба вуҷуд меоянд ва механизми психологии таъсири байниҳамии тарбиядиҳандагону тарбиягирандагон чӣ тавр сурат мегирад ва ҳамчунин самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ, ки ба хусусиятҳои тафовути фардӣ - психологии хонандагон вобаста аст, чӣ тавр ташаккул меёбад.

Бояд гуфт, ки тарбия масъалаи хеле душвор будаву бардавом аст ва натиҷаи онро ҳамеша чашмрас шудан мумкин нест. Тарбия шуруъ аз рӯзи таваллуд то дами охирини ҳаёт давом мекунад. Аз ин ҷиҳат дар рафти тарбия ба осонӣ ба натиҷаҳои хуб соҳиб шудан душвор аст. Ҳол он ки ба натиҷаҳои ниҳоии таълим баъди чор соли таҳсил ва инчунин пас аз ба итмомрасии мактаби миёна ноил шудан мумкин. Бо вуҷуди ин, ҳамеша дар кори тарбия ба натиҷаи хуб умед бастан нашояд. Зеро дар кори тарбия як ҳамбастагӣ ва мунтазамӣ ҷой надорад ва дар баробари ин бисёр вақт алоқаи мутақобила дар боби тарбияи хонандагон аз мадди назари волидайну омӯзгорон дур мемонад.

Тарбия раванди дуҷониба аст. Дар рафти тарбия муносибати байниҳамии тарбиятдиҳандагону тарбиятгирандагон барқарор мешаванд. Дар ҷараёни тарбия ба шууру ҳисси хонандагон таъсири мақсадноки тарбиявӣ расонида, сатҳи дониш ва тасаввуроти маънавӣ-психологии онҳо бо меъёр ва қоидаҳои ахлоқӣ васеъ гардонида мешавад.

Педагоги машҳур А.С.Макаренко махсус таъкид мекунад, ки «ман ҳеҷ ҳодисаеро намедонам, ки зимни дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои тарбиявӣ шахсияти ахлоқан ва руҳан вайроншударо ташаккул додан мумкин набошад».

Дар робита ба таъкиди олими шинохта, моро мебояд дар раванди тарбияи арзишҳои ахлоқӣ умумибашарии хонандагон бо дарки масъулият рафтор намуда, дар шуури насли наврас эътиқоди маънавӣ, ҳиссиёти

ахлоқиро равнақ бахшида, ба ин васила рафтори маънавии онҳоро ташаккул диҳем.

Агар байни донишҳои маънавӣ ва таҷрибаи рафтори маънавии хонандагон робита мавҷуд набошад, аз номувофиқ будани дониш ва таҷрибаи рафтори маънавӣ дарак медиҳад. Барои он ки ин раванд тавъам ташаккул ёфтаву устувор гардад,бояд шартҳои зерини психологӣ ба эътибор гирифта, амалӣ карда шаванд.

Аз ҷумла:

- вусъати донишу таҷрибаи ҳаётӣ ва рафтори маънавии хонандагон дар рафти фаъолият;

- ташаккули маҷмуи донишҳои ахлоқӣ ва ғоявӣ-сиёсии хонандагон зимни таълим ва тарбия;

- миёни хонандагон ба роҳ мондани риояи арзишҳои умумибашарӣ дар асоси ба назар гирифтани ягонагии қавлу амал, шууру ҳис ва зарурияти таҷрибаи рафтори маънавӣ.

Равоншинос Л.И.Божович муайян кардаст, ки дар ташаккули шахсияти хонанда нақши асосиро дуруст ташкил кардани фаъолият ва бою ғанӣ гардонидани таҷрибаи рафтори маънавӣ (маҷмуи фикрҳо, ҳиссиёт, мақсад, талабот, ирода ва фаъолияти барангезанда ба ин ё он амал) мебозад. Барои он ки дониш ва таҷрибаи рафтори маънавии хонандагон ташаккул ёбад, лозим аст, ки таҷрибаи рафтори маънавии онҳоро хуб ташкил намуда, барои аз худ намудани меъёр ва қоидаҳои ахлоқӣ ба онҳо имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми психологӣ мақсадноку самарабахш ба роҳ мондани чорабиниҳои таъсиррасони тарбиявӣ дар оила ва муассисаи таълимӣ мебошад. Зеро тавассути чорабиниҳои тарбиявӣ дар хонандагон ҳиссиёту эътиқоди маънавӣ дар ҳамбастагии дониш ва тасаввуроти маънавӣ рушд меёбад.

Дар синни наврасӣ ва овони ҷавонӣ яке аз вазифаҳои муҳими тарбияи ахлоқӣ он аст, ки дар хонандагон эътиқоду идеалҳои ахлоқӣ ва падидаҳои арзишҳои ахлоқи умумибашарӣ ташаккул дода шаванд.

Аз ин рӯ, чорабиниҳои тарбиявӣ ҳамон вақт самараи хуб медиҳанд, ки шартҳои зерини психологию педагогӣ ба роҳбарӣ гирифта шаванд: 1) муайян кардан лозим аст, ки кадом сифатҳои маънавӣ-психологиро дар хонандагон ташаккул бояд дод; 2) дар асоси таҷрибаи андӯхтаи иҷтимоӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ муайян кардан зарур аст, ки дар рафти кадом хели фаъолият (дар рафти тағйирёбии хелҳои фаъолият) ва бо кадом тарз ташкил кардани намудҳои фаъолият ин ё он сифатҳои маънавӣ- психологиро дар хонандагон ташаккул додан мумкин аст; 3) барои он ки ин ё он сифатҳои маънавӣ - психологӣ дар шууру ҳисси хонандагон ташаккул дода шавад, лозим меояд, ки чунин вазъияти психологию педагогие ба вуҷуд оварем, то ки хонандагон дар рафти фаъолият ширкат варзанд, ин ё он фаъолиятро иҷро намоянд ва дар зери таъсири вай инкишоф ёбанд; 4) барои фаъолкунонии хонандагон лозим аст, ки аз тамоми шаклу воситаҳои чорабиниҳои корҳои тарбиявӣ ба монанди:нутқи шифоҳӣ, таъсири суханони омӯзгор, ибрати шахсӣ ва обрӯю эътибори тарбиядиҳанда, ҳамаи хелҳои маърифатнокшавӣ, аз ҷумла: фаъолияти сиёсӣ, маънавӣ, тарбия дар коллектив, таъсири оила, аҳли ҷамъият, созмонҳои ҷамъиятии хонандагон, фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ғайра истифода намоем. Дар замони муосир шаклҳои мухталифи инкишофи таҷрибаи маърифатӣ- маънавии хонандагон ва ба ин васила ба шууру ҳис ва хулқу атвори онҳо таъсир расонидан муайян гардидааст. Масалан, бо оростани суҳбатҳои инфиродиву гурӯҳӣ дар мавзуи ахлоқ, баргузории шабнишинӣ, мубоҳисаву вохӯриҳо, таҷлили санаҳои таърихӣ, гузаронидани конференсияҳои мактабӣ метавон рафтори маънавии хонандагонро рушд додаву таҳким бахшид. Чорабиниҳои тарбиявие, ки ишора шуданд, ҳамон вақт самараи хуб медиҳанд, ки агар пеш аз гузаронидани ҳар як чорабинии тарбиявӣ ин ё он усули таъсиррасонии педагогӣ (усули фаҳмондадиҳии ҳикоя, суҳбат, ибрати шахсӣ, машқ, ёддиҳӣ,

омӯзонидан, талабот, мусобиқа, ҳавасмандкунонӣ, ҷазодиҳӣ, маъқулшуморӣ, маҳкумкунӣ, худтарбиякунӣ ва ғайраҳо) мувофиқи мақсад истифода бурда шаванд. Тарбияи ватандӯстӣ мавзуи махсуси илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, аз ҷумла, педагогика ба шумор рафта, илми педагогика татбиқи ин намуди тарбияро  дар низоми умумии тарбия пешниҳод менамояд ва муайян кардани предмет, ошкор намудани хусусиятҳои онро чун қисми зернизоми васеи фаъолияти тарбиявӣ зарур шуморида, ҷиҳати ноил шудан ба мақсад донишҳои илми фалсафаро муҳим мешуморад.

Мазмуни тарбияи ватандӯстӣ дар мактаб асоси фаъолияти омӯзгор ба шумор рафта, мураббиён дар ин раванд бояд хонандагонро бештар ба дарки манфиатҳои миллӣ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳтиром гузоштан ба таърих, давлатдории миллӣ, рамзҳои он, шинохти дастовардҳои илм, фарҳанг, гиромӣ доштани забон, расму оин ва анъанаҳои халқи хеш водор намоянд. Зеро масъалахои зикршуда дар як қатор китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии педагогика инъикос ёфта, дар маводи конференсияҳои илмӣ, симпозиумҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ ба табъ расидаву тафсири тарбияи ватандӯстӣ дар луғатҳои фалсафӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, педагогӣ, этнологӣ ва дигар луғатҳои энсиклопедӣ баён шудаанд. Масалан, таҳқиқоти таърихшиносону файласуфони Тоҷикистон Н.Асадуллоев, Б.Ғафуров, А.Баҳовиддинов, Қ.Ёқубӣ, М.Ғафуров, М.Раҷабов, М.Осимӣ, М.Диноршоев, Ҳ.Додхудоев, И.Шарифов, А.Турсунов, М. Шукуров, А. Муҳаммад, В. Хоҷаева, М., А. Мирзоева, Д. Тағаева, К. Гиёева, Ш. Ғуломаҳмадов, Ш. Абдуллоев, С. Ҷононова, А. Саидова, А. Собирова ба омӯзиш ва пажуҳиши масоили шаҳрвандӣ, аз ҷумла, муайян кардани асоси назариявӣ ва методологии тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ бахшида шудаанд.

Афзоиши бемислу монанди ҳаракатҳои миллӣ ва мухолифатҳои байни миллатҳо дар мамлакатҳо  олимони ҷамъиятшиносро вазифадор менамояд, ки назарияҳои мавҷударо бознигарӣ ва такмил дода, назарияҳои нави ояндадорро матраҳ кунанд, то ин ки дар давлати соҳибихтиёр ҳар як фарди

ҷомеа ба ин муносибат ба омӯзиши мушкилоти тарбияи ватандӯстӣ бештар шавқу ҳавас пайдо кунад.

Дар давоми чанд соли охир дар ҷумҳурӣ як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии давлатӣ аз  ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026”,“Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027”, “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”, Стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ қабул шуданд, ки ба беҳтар шудани тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагон дар соҳаи маориф мусоидат мекунанд. Дар замони соҳибдавлатӣ методологияи маорифи миллиамон тамоман тағйир ёфта, асоси онро фалсафаи бумии мардумамон, назарияи маърифат, ҳуҷҷатҳои тақдирсози замони Истиқлол ва ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳад.

Пешвои миллат иброз доштаанд: “шоҳасари безаволи Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” шиносномаи миллати мо буда, дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии тоҷикон хизмати шоиста кардааст. Итминони комил дорам, ки китоби мазкур солҳои баъдӣ низ рисолати худро иҷро карда, ба болоравии ҳисси ватандӯстии наслҳои ояндаи кишвар мусоидат менамояд» [28, 14].

Дар ҳақиқат, «Тоҷикон» дар худшиносию худогоҳии миллии халқи тоҷик, ҳофизаи беназири таърихии он, кишвару кишвардорӣ, ватану ватандӯстӣ, маънавиёту маърифати динӣ забон, мактабу маориф, илму адабиёту фарҳанг, одобу муносибат бо халқҳои дигар ганҷи бебаҳоро мемонад.

«Тоҷикон», бешубҳа, зиндагии мо, ҳастии мо,ифодагари буду боши мо дар гузашта ва имрӯзаи мост. Ба ифодаи Президенти кишварамон, «Моро

зарур аст, ки худогоҳу худшинос бошем, таърихи пурифтихору фарҳанги оламшумули ниёкони сарбаланди хешро аз худ намоем, ба хизматҳои беназири адибону мутафаккитрони номдори пешинаамон арҷ гузорем ва барои ҳифзу суннату анъанаҳои неке, ки аз замони бостон то ба имрӯз боқӣ мондаанд, талош варзем, хотираи фарҳангиву таърихии худро тавсеа бахшем, барои пойдории истиқлолу озодии давлати миллиамон ва ҳар як ваҷаб хоки ин Ватани муқаддас ҳамеша омода бошем» [28, 15].

Барои ҳамин ҳам, мо аз масоилу мавзуъҳои зиёди «Тоҷикон» ҳамин Ватану ватандӯстӣ, озодӣ ва ободии онро интихоб намудем. Дар Ватану озодии он шиори ҳамаи мо ҳамон аст, ки Фирдавсии хирадманд дар «Шоҳнома» борҳо таъкид кардааст:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Вале бояд эътироф кард, ки нақш, вазифа ва масъулияти ҷавонон дар ин саҳм бузургу беҳамто аст. Ҷавонон масъуланд, ки Ватан, падару модар, зану фарзанд, хоҳару бародари хурди худро ҳифз намоянд, дар ободии он бикӯшанд.

Барои ба мақсад расидан ба мазмуни анбуҳи воқеаҳо фурӯ нарафта (ин воқеаҳоро аз китоби «Тоҷикон» метавон хонд), ҳамон лаҳзаҳои пурифтихори онро иқтибос овардаем, ки шахсиятҳои ватандӯсту меҳанпарвар, ҷасуру мубориз, хирадманду бонангу номус ва муҳимтар аз ҳама оммаи васеи халқ тӯли таърих содир намудаанд. Ба ин маънӣ ин ҷо таълимот ва муборизаи Иброҳими Зардушт, Куруши Кабир, Томирис, Шерак, Спитамен, Нушервони Одил, неҳзати Маздак, неҳзати Абрӯй, муборизаи мардуми Хатлонзамин, Абумуслим, Муқаннаъ, муборизаи халқи Хуҷанд, Темурмалик, Восеъ, ҷараёни маорифпарварӣ ва ғайра пораҳо оварда шудаанд, ки ҳамагӣ ифодагари Ватану ватандӯстианд.

Хулоса, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ чун зербинои устувору боэътимод дар ба камолрасии насли солиму ватандӯст ба шумор рафта, ватандӯстӣ инъикоси муҳаббат ба Ватани хеш, алоқамандӣ бо таъриху фарҳанг ва

арзишҳои миллӣ мебошад. Ва барои расидан ба ин ҳадафи олӣ омӯзгорону муассисаҳои таълимиро мебояд дар ҳамкорӣ бо оила, ҳисси ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар замири шогирдон парвариш намоянд.

## 1.2. Тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир

***Ватан қибла, хонаи умед ва имрӯзу фардои миллат аст.***

***Э. Раҳмон***

Ватан чист? Чаро мо онро дӯст медорем?

Ватан-чашмасорони мусаффо, боғҳои шукуфон, марғзорони сабзу хуррам, гулу буттаҳои рангоранг, биноҳои баландошёнаву иншооти азим, дарёву кӯлҳо, кӯҳҳои сарбафалаккашида, парандагони дар осмони кабуд парвозкунанда, наботот, билохира, сарзамини муқаддас-Тоҷикистони биҳиштосо.

ВАТАН - ифтихори мо.

ВАТАН - падар, модар, бародар-такягоҳи мо.

ВАТАН - хонаи осудаю умеди мо.

Педагоги машҳур В. А. Сухомлинский ВАТАН- ро чунин маънидод кардаву баҳо додааст:

ВАТАН - инсон.

ВАТАН - оила.

ВАТАН - маънои зиндагӣ.

ВАТАН - забони модарӣ.

ВАТАН - муҳаббат.

ВАТАН - садоқат.

ВАТАН - муҳити зист.

ВАТАН - меҳнат [2].

Ватан!.Шахсоне ҳастанд, ки ин сухан дар забонашон муътамад садо медиҳад ва эшон дар хеш накутарин сифатҳои онро таҷассум мекунанд».

Ватан аз муҳаббати модар, аз гармиву эҳсоси дили ӯ пайдо мешавад. Ватан-Модар субҳи умеди имрӯзу фардои ҷомеа буда, ҳар инсон мехоҳад

Ватани озоду обод дошта бошад. Ин Ватан аст, ки фарзандонашро дар руҳияи ватандӯстию ҷавонмардӣ, далерию устуворӣ, ҳақиқату адолатҷӯӣ тарбия намуда, барои расидан ба орзуҳои нек, ояндаи дурахшон раҳнамун месозад. Сарнавишти инсон аз Ватан сарманшаъ мегирад. Ватан тақдирсози миллат, поягузори нахлу буни инсон, равшанибахши тафаҳҳуми инсоният аст. Перомуни Ватан сухан гуфтан беинтиҳост.. Мафҳуми Ватан маънои густарда дошта, дар оғӯши Ватан ҳазорон диёру шаҳр ғунҷидааст. Мо бояд аз он фахр намоем, ки чунин Ватани озоду обод ва саршори сулҳу ваҳдат дорем. Ватан хазинаи илҳом, макони ишқу ифтихор аст ва бо рангу бӯ ва таровати худ ба чаман шабоҳат дорад.

Мо, миллати озодихоҳи тоҷик, дар давлати соҳибистиқлол ва ободу озода зиндагӣ менамоем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро аз нав эҳё намуда, баҳри пешравии ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварданд. Насли навини тоҷик дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат кору фаъолият карда, барои ободии Ватан, хизмат ба Ватан, риояи ахлоқ, фарҳангу тамаддуни миллии хеш талош меварзанд.

Агар мо бихоҳем, ки Ватанамон ҷовидон бошад ва худро вориси воқеӣ гузаштагон бидонем, бояд баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем ва нагзорем, ки касе миёни мо тухми нифоқу кина барангезад. Вобаста ба ин, Президенти ҷумҳурӣ таъкид менамоянд: «Фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».

Президенти мамлакат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (25.04.2008) вобаста ба мавқеи фарди ватандӯст дар обод кардани ин сарзамини бостонӣ -Тоҷикистон чунин чунин таъкид кардаанд: «Ҳар як давлатро фарзандони ватандӯсту ватанпараст, бунёдкору созанда ва соҳибмаърифату равшанфикраш обод мекунанд. Яъне имрӯзу фардои Ватан ва миллат дар дасти фарзандони бошараф, бонангу номус ва зираку ҳушёри

сарзамини бостонии мост» [93].

Ба андешаи Сарвари давлат, мо бояд ҳасттии худро, қадру қимати миллатро дарку қадр намоем, худро бо миллат якҷо, ҳаммарому ҳамтақдир шуморем. Зеро ҳамтақдири миллат будан дараҷаи баланди худогоҳист. Пешвои миллат бо эъломи чунин андеша барои бунёд ва таҳкими давлати миллӣ ва эҳёи миллат шароит фароҳам овардананд. Дар ин замина назарияи таълиму тарбия, ки ҷузъи муҳими раванди миллатсозист, бар эҳсоси ватандорӣ ва ватандӯстӣ асос ёфт.

Инсони худогоҳ Истиқлоли кишварашро муҳофизат менамояд ва дар ғанӣ гардонидани дороиҳои моддию маънавӣ ва фарҳангии он саҳм мегузорад. Донистани ҳуқуқу озодиҳои худ ва дигаронро эҳтиром намудан, муҳофизати табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, мақому манзалати ҳар як сокини кишварро  дар ҷомеа майян мекунад.

Анъанаҳои неки ниёгон - хирадгароӣ, заковату илмомузӣ, ҳунармандӣ, накукорӣ ва адолату сулҳпарварӣ, дӯстӣ ва дастгирии ҳамдигар, ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, ки мавзуъҳои умдаи адабиёти гузаштаю ҳозираро ташкил медиҳанд, тафаккури миллии ҳар як шаҳрвандро ташаккул дода, дар эҳтиром ва гиромидошти таърих ва фарҳанги ниёгон нақши муҳим доранд. Бо дарку гиромидошти арзишҳои миллӣ шаҳрванд ҳуқуқу озодиҳои худро дар назди давлату ҷомеа муайян ва манфиатҳои шахсиашро  дар ҷомеа ҳимоя менамояд.

Дарёфти маърифати саҳеҳу комил дар бораи Ватан батадриҷ дар тафаккури хар фард падид омада, ба оҳистагӣ муайяну муназзам мегардад. Эҳсоси ватанпарастӣ ва ифтихори ватандорӣ дар замири ҳар кас аз замони кудакӣ пайдо шуда, маҳз дар ҳамин даврони дурахшони ҳаёт афкори ватанхоҳонаву меҳанпарастонаи ҳар фард дар қалбаш маскан мегузинад ва бо саршортарин фикру зикри барозанда ин эҳсосоти нурбахшро гиромӣ медорад. Аммо бояд арза дошт, ки наметавон бо суханпардозиву фазлфуршии урён оид ба Ватан ҳарф зада, Ватанро бо тамоми шукуҳу шаҳоматаш дӯст дошт, балки бо худшиносиву худогоҳии хоса ва фаъолияти

судманди меҳнатӣ мухаббати худро нисбат ба Ватан нишон бояд дод.

Андешаи парвариши ватандустӣ ва ифтихори миллӣ дар каломи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳам маҳз ба ҳамин маънӣ аст. Аз назаргоҳи Президенти ҷумҳурӣ мафҳуми Ватан маънои серпаҳлу ва пурғунҷоишро ба худ касб кардааст. Таҳти ин вожаи маъруф мафҳумҳои муқаддасоти миллӣ, забони модарӣ, арзишҳои маънавӣ, осори таърихиву фарҳангӣ карзи насли имрузӣ ба пасиниён, ваҳдату созандагӣ дар назар дошта мешаванд, ки воқеан ҳам пайваста аз забони ин шахсияти барҷаста бо камоли меҳрубонӣ садо медиҳад.

Баёни ин алфози пурнишот аз ҷониби Сарвари давлат дар қалби насли наврас тухми садоқату дӯстдориро мепошад ва бидуни тардид ва мулоҳиза шоистатарин хостаҳои ормонӣ бо накутарин ниятҳову ҳадафҳо дар ниҳоди ҳар шахси ватанхоҳ тавлид меёбад. Зеро ба фармудаи Пешвои миллат, «Ватан азизтарин муқаддасот барои фарзандони огоҳи миллат аст. Онро касе аз таҳти дил ва мағз андар мағзи ҷон дӯст дошта метавонад, ки ифтихори баланди миллӣ дошта бошад. Ифтихор аз озодӣ, ифтихор аз зебоӣ, ифтихор аз Ватан чун модари мушфиқу ғамхор» [121, 116].

Аз ин нуқтаи назар маорифчиёнро зарур ва лозим аст, ки дар огози ҳар дарси хеш пеш аз мавриди саволу ҷавоб карор додани маводи таълимӣ перомуни мавзуъҳои ифтихорӣ дақиқае чанд тавaққууф фармоянд. Зеро садоқат ба Ватан дар ҳамон сурат дар вуҷуди наврасон таҷассум мепазирад, ки бо ахлоқи ҳамида ва кирдору пиндори сазовор намунаи ибрат бошанд ва бо зеҳни солиму ақли расо дар бархурдорӣ аз донишхои муосир бо вазифашиносии комил саъю эхтимом варзанд. Пайгирӣ намудан аз ин ҳама масъулиятҳои фарогир дар гузоштани таҳкурсии устаҳкам дар роҳи тарбияти ватандустии шогирдон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Парвариши эҳсоси қарз дар назди Ватан дар сиришти шогирдон дар мактаб маҳз туфайли омузгорон барномарезӣ мегардад. Омӯзгор бояд дар ин замина раҳнамо ва ҳидоятгар бошад.

Роҳбари давлат дар баробари иродатмандии хешро нисбат ба арзишхои

таърихии пешиниён тазаккур додан, ҳамзамон дар руҳияи созандагони фардои дурахшони диёри хуршедиамон тарбият намудани насли наврасро чунин таъкид менамоянд: «Мо, ки имрӯз бо ному корҳои гузаштагонамон ифтихор мекунем ва аз дастовардҳои онҳо истифода менамоем, бояд рисолати таърихии худро дар назди Ватан, миллат ва мардумамон тавре адо кунем, ки ояндагон аз маҳсули фаъолият ва талошу кӯшишиҳои мо изҳори қаноатмандӣ ва сарбаландӣ намоянд» [100].

Тавре маълум аст, сухани омӯзгор хамон вақт ба шогирдон таъсири амиқ мегузорад, ки дар ҳаққи Ватан ва зебоиҳои нотакрори табиати он гуворотарин ва шевотарин ҳарфҳоро ба забон орад ва бо қадршиносии қобили таваҷҷуҳ аз падидаҳои тозаи ҳаёти маънавии муосир ва шукуфоии рӯзафзуни марзу буми диёр сухан гӯяд. Дар ин маврид ба шогирдон хотиррасон намудани хидмат ва иқдомҳои пайвастаи Пешвои миллат дар рушду равнақёбии тамоми ҷабҳаҳои рӯзгори ҷомеаи имрӯзӣ аз аҳамияти махсуси парваришиву омӯзишӣ бархурдор хоҳад буд. Маъруфияти ин нукта ҳақиқати ҳол аст, ки ниёз ба муҳокимаву мулоҳиза надорад, балки онро бо камоли мамнуният бояд эътироф дошт ва ба шогирдон талқину ташвиқ намудани ин пешрафтҳоро дар ҳар лаҳзаи муносиб бояд лозим ва зарурӣ бишуморем.

Маълум аст, ки раҳнамоӣ ва рушди тарбияти ватандустӣ дар мактаб ба дӯши омӯзгори асилу ватанхоҳ аст. Президенти мамлакат аснои мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар ин мавзуъро пайгирӣ намуда, аз ҷумла, таъкид карданд: «Ҳар фарде, ки имрӯзу ояндаи Ватан ва миллат барояш азиз аст, бояд дар роҳи соҳибмаърифату соҳибкасб ва дар руҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ ба камол расидани насли наврас ва ҷавонон саҳми муносиб гузорад» [126,119].

Дар ин росто, омӯзгор вазифадор аст, ки дар равиши дарс дар тарбияти ин эҳсос худро масъул донад ва шавку рағбати шогирдонро ба ин мафҳум ва масъала баланд бардорад. Ифодаи садоқат ба Ватан бо хидмати амалии ҳар шахс дар ҷомеа рӯи кор меояд, ки таҳкимбахши ин масъулият низ омӯзгор

мебошад. Омӯзгор тадриҷан майли шогирдонро ба меҳнат пайваста, онҳоро водор мекунад, ки ба муҳити атроф назари нек ва хайрхоҳона кунанд. Ба қадри заҳмати дигарон расидан ва ба ин шева пайравӣ намуданро дар ниҳоди шогирдон парвариш диҳад.

Дар рӯ ба рӯи ин андешаҳо Президенти ҷумҳурӣ орзуву ормонҳои аҳли ҷомеа ва фурӯғи ҳувияти миллиро доимо мавриди таваҷҷуҳи хамагон карор медиҳанд. Аз соҳибистиқлолӣ ва ваҳдати пойдор бо ифтихор ва дили пур сухан мегӯяд ва ин ду вожаи муқаддасро чун гавҳараки чашм ҳифз намудану маънои онро ба шогирдон фаҳмонданро аз падару модарон ва калонсолон таманно карда, дар ин мавридмефармояд: «Бояд мафҳуми Ватан, гиромидошти он рӯйдодҳҳои воқеии таърихии миллатро биомӯзем, бидонем ва ба фарзандонамон фаҳмонем, то ки аз гузашта ибрат бигиранд. Рӯ овардан ба таърих ва омӯзиши он маҳз барои худогохӣ, бедории миллати мо басо ногузир аст. Ба назарам, ифтихор аз гузаштаи халқу миллати худ вақте баҷову шоиста аст, ки онро донӣ, дарк кунӣ ва аз бурду бохташ огоҳ бошӣ» [126, 118].

Роҳбари давлат таъкид ба он доранд, ки танҳо бо таълим ва парвариш инсон ба камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ намерасад. Камолоти инсон бе чаҳонбинии васеъ, бе дониши комил оид ба Ватан, ватандорӣ, таърих, гузаштаю имрӯзи кишвар ғайриимкон аст. Бинобар ин ҳам масъалаи парвариши эҳсоси ватандорӣ ватанхоҳӣ, пеш аз хама пайванд мехӯрад ба дараҷаи камолоти инсон ва онро ба ягон соҳаи дигар вогузоштан маънӣ надорад.

Таълиму бузургдошти арзишҳои маънавӣ ва фарҳангӣ аз ҷумлаи кӯшишҳоест, ки омӯзгор бояд дар ташвиқу тарғиби онҳо ба шогирдон бедареғ мадад расонад. Ба соҳибихтиёриву истиқлоли кишвар арҷ гузоштан вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як сокини Тоҷикистон аст. Дарвоқеъ, дарёфт ва идроки ин вожагони ширину руҳпарвар ба мисоли решаи тозаниҳолест, ки ишқи Ватани азизро ғизо мебахшад ва авлоди баору баномуси миллатро дар партави шиори худшиносиву худогохии комил ба воя мерасонад.

Маъруфияти ин каломро дар фармудаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дармеёбем, ки гуфтаанд: «Сиёсати давлати мо пос доштани фарҳанги оламшумули миллати кӯҳанбунёди тоҷик ва бо густариши он баланд бардоштани ҳисси худшиносиву ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии мардум аст» [99,112].

Ба андешаи Сарвари давлат, маҳз туфайли мехнати софдилона мо муҳаббати худро нисбат ба Ватан арза дошта метавонем. Иқдомҳои шоистаи Пешвои миллат дар ободкорӣ сабзкунонии гулгашту хиёбонҳо ва ташкили боғҳои нави диёри маҳбубамон далели ин гуфтаҳост. Ин иқдомоти созандаро чун пайки баҳорӣ хурду бузург бо хушҳолӣ истиқбол намуда, дар шукуфоӣ ва гулзор намудани сарзамини ҳамешабаҳори диёр камар бастанд. Воқеан ҳам, дар кӯтоҳтарин фурсат ҷавобан ба ин амали ин чавонмарди асил диёрмон- Тоҷикистон боз ҳам зеботару пурҷилотар гардид. Аз ин рӯ, метавон чунин натича бардошт, ки эҳсоси гиромӣ доштани Ватан ба кас саҳлу осон пайдо намешавад, балки маҳз бо фаъолияти садоқатмандона ва пурсамару созанда муяссар мегардад.

Ватан болу пари инсон, сарфарозию сарбаландии вай, бахту иқбол, орзу ва умеди ӯст. Ватан ва модар ҳаммаъно ва ҳамрадифанд. Он тавр ки инсон як модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Беҳуда баъзан ин ду калимаро дар паҳлуи якдигар наменависанд: Ватан-Модар ва ё Модар-Ватан.

Ватан ҷоест, ки ҳамроҳи халқу миллат ва дар ҳалқаи онҳо ба камол мерасӣ, ҳунар меомӯзӣ ва дар озодӣ ва ободии он саъй менамоӣ. Инсон вақте ки дар ҳалқаи хешу табор, дӯстон, бародарон ва хамдиёрони худ умр ба сар мебарад, булбулеро мемонад, ки дар боғу чаман месарояд. Вале чун дар кишвари бегона ғариб шавад, булбулест, ки гӯё дар биёбони бедолу дарахт афтодааст, ё дар қафасаш кардаанд. Барои ӯ ҳамеша ҷойе, ки ба дунё омадааст - зодгоҳаш аз ҳама азиз аст. Аммо чун аз зодгоҳ каме дур афтод, он гоҳ мавзее, ки дар он ҷо зодгоҳаш мавқеъ дорад, азизтар мегардад, чун дар байни халқу миллати ғайр афтад, он гоҳ барояш обу хоки кишваре, ки дар он ҷо зодгоҳаш ҷойгир аст, қимати дигаре пайдо мекунад. Меҳру муҳаббатро

нисбат ба Ватан ҳар шахс аз хурдӣ дар дил мепарварад. Ин аст, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ низ васфи Ватан ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Васфи Ватан дар эҷодиёти шифоҳӣ тавассути мавзуи ғарибӣ зиёдтар инъикос меёбад. Ғариб касест, ки аз Ватан, аз ёру диёр дур афтода, умр ба сар мебарад. Ӯ дар ғарибию дури аз Ватан лаззату ширинии Ватанро зиёдтар эҳсос мекунад. Масалан, дар рубоии зерин бо истифода аз санъати талмеҳ Ватан чунин васф шудааст:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Эй кош, гадо буд, ба Канъон хуштар.

Дар рубоӣ такя ба ду ривояти динӣ зикр рафтааст, ки тахте, ки Ҳазрати Сулаймон ба он менишаст ва он тахт ӯро ба тариқи осмон аз як ҷой ба ҷойи дигар мебурд, беҳтар аз хоки Ватан нест ва ё Ҳазрати Юсуф ҳарчанд дар мулки Миср подшоҳ шуд ва ӯро ҳама азиз медонистанд, аммо аз ёру диёр дур буд, бинобар ин, доим дар ёди онҳо гиря мекард. Аз чунин подшоҳӣ кош гадое мебуду дар зодгоҳаш- Канъон мезист, ҳазорон бор беҳтар буд.

Ишқу муҳаббати Ватан ончунон бузург аст, ки ҳатто Пайғамбари Ислом Муҳаммад(с) ин муҳаббатро пинҳон накарда, дар ҳадисе онро зикр кардааст. Вобаста ба ин Ибни Аббос ривоят мекунад, ки: «Паёмбари Худо Муҳаммад (с) ба сӯи Макка рӯ оварда гуфтааст: «Чӣ қадар шаҳри накуву гуворой, чӣ қадар туро дӯст медорам! Агар қавмам маро аз ту берун намесохтанд, сокини шаҳри дигар намешудам» [103,Ҳ.486-1].

Яъне ҳангоме ки дар Макка мезист, онро дӯст медошт ва аз он берун шуданро бад медид, лекин вақте ки ба Мадина ҳиҷрат намуд ва онро Ватани худ қарор доду ба (зиндагии) он одат кард, аз Худованд илтиҷо намуд, ки муҳаббати Мадинаро дар дили ӯ(с) ҷой кунад. Ончунон ки дар «Саҳеҳайн» омадааст: «Худовандо, дӯст доштани Мадинаро ба мисли муҳаббатамон нисбат ба Макка ва зиёдтар аз он дар дилҳоямон ҷойгузин гардон»[104, Ҳ.1376].

Чун рӯ ба адабиёти классикиамон меорем, шоиреро дарнамеёбем, ки васфи меҳру муҳаббати Ватан накарда бошад, ҳарчанд мувофиқи шарҳи ҳоли аксарияти шоирон онҳо дур аз Ватану ёру диёр умр ба сар бурдаанд ва ҳатто дар фироқи Ватан ҷон додаанд. Ин дурии онҳо аз Ватан на ба ихтиёри онҳо будааст, балки иҷборан аз беадолатии даври замон тарки Ватан намудаанд (ончуноне ки Пайғамбар (с.а.в) аз Макка ба Мадина ҳиҷрат намуда буд).

Дар асоси ҳадиси дар боло зикршуда шоири ширинкаломи форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ мегӯяд:

Саъдиё, ҳубби Ватан гарчи ҳадисест саҳеҳ,

Натавон мурд ба сахтӣ, ки ман ин ҷо зодам.

Иборaи «ҳубби Ватан» маънои муҳаббати Ватан, меҳри Ватанро дорад ва он ки ба Ватан меҳру муҳаббат дорад, ӯро ҳуббулватан мегӯянд. Аз мисраи аввали байт маълум мегардад, ки Саъдӣ то чӣ андоза муҳаббат ба Ватан доштааст ва ҳатто гӯшрас аз як ҳадиси саҳеҳи Пайғамбари Ислом (с.а.в.) мекунад. Вале дар мисраи дувум бар он аст, ки аз беадолатию ҷабри замон наметавон дар Ватан осуда зиндагӣ кард ва маҷбур аст, ки муддате барои дурӣ ҷустан аз ҷабру истибдоди муғулон нисбат ба халқи худ тарки ватану ёру диёр кунад.

Шоири ғарибии форсу тоҷик Камоли Хуҷандӣ, ҳарчанд ки зиндагиаш дар Табрез хуб мегузашт, ба ӯ чизе намерасид ва ин, албатта, обу хоки Ватан буд:

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,

Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб.

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,

Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб...

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,

Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб.

Ё ин ки дар ҷойи дигар шоир фармудааст, ки кас ба қадри Ватан танҳо дар ғарибию мусофирӣ мерасад, ва ин монанди он аст, ки булбул чун дар қафас афтад, он гоҳ ёди чаман мекунад:

Мусофир ҳар куҷо афтад, Ватанро дӯст медорад,

Ки булбул дар қафас афтад, чаманро дӯст медорад [66,123-124].

Аслан бисёр вақт замон ба тақдири одамон бозӣ мекунад ва онҳо маҷбур мешаванд, ки тарки Ватан кунанд ва албатта, ин басо сахт аст. Дар замоне, ки Сайидои Насафӣ зиндагӣ мекард, ҳамин гуна тақдир насиби ӯву ёру дӯстонаш гашта буд. Вале «Ҳамраҳон рафтанду ман по дар Ватан дорам ҳанӯз» гуфта, Сайидо фахр мекард, ки дар чунин лаҳзаҳои ҳассос низ намехоҳад Ватанашро тарк кунад:

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар Ватан дорам ҳанӯз,
Такя чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз.

Одамони ватанхоҳу ботадбир, барои он ки аз Ватани худ ҷудо набошанд ва ё Худо накарда, ба ғарибӣ бираванд, ҳамроҳи худ як каф хоки Ватан мегиранд.

Парвардигор биёмурзад ниёгони моро. Онҳо ба мо бунёдкориро омӯхта, ғаллакорӣ ва боғдориро ба мерос гузоштаанд. Ва аз ҳама муҳим, муҳофизати хоки муқаддас, ҳимояи Ватанро қарз бар дӯши мо гузоштаанд. Панд додаанд: модом, ки худро соҳиби кишвар медонед, худро ворис мепиндоред, Ватанро обод мекунед, хонаю фарзандро азиз мешуморед, пас онро дифоъ кунед. Нагузоред, ки бегонагон, душманон мулкро хароб кунанд. Молу мулк, маҳсули меҳнати шуморо ба яғмо баранд, худи шуморо ба ғулому чоряккор табдил диҳанд.

Муҳофизати Ватанро аз кӣ омӯзем? Барои дарёфти посух ба ин савол меравем ба сороғи достонҳои асотирӣ, қаҳрамонӣ ва воқеӣ. Ва ҳамин достонҳо гаштаю баргашта таъкид мекунанд, ки Ватанро дӯст дошту ҳомияш бояд буд. Ватанхоҳию муҳофизати Ватанро аз Рустам, Сатибарзан, Спитамон, Ғӯрак, Дивоштак, Абӯмуслим, Сумбоди Муғ, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Восеъ, аз шоир Фирдавсии ҳамосасаро бояд биомӯхт[66,123-124].

Баҳри ҳифзи Ватан қаҳрамонони зиёде, ҷони ширини худро қурбон кардаанд. Барҳақ, «Ҳифзи ҷон воҷибасту ҳифзи Ватан аз он воҷибтар».

9 сентябри соли 1991 дар харитаи олам давлати мустақилу соҳибихтиёри

Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард ва аз оғози марҳалаи наву тозае дар таърихи халқи тоҷик башорат дод.

Тоҷикон аз қадимтарин халқҳои олам ҳисоб мешаванд, аз ҷумлаи бунёдгузорони таърихи тамаддуни башарият буданду ҳастанд, фарзандони бадонишу бафарҳанги халқи тоҷик мисли нигини тобоне тоҷи давлату давлатдориҳои аҷнабиро шукӯҳ (зеб) мебахшиданд, вале ин миллат баъд аз фурӯпошии сулолаи бузурги Сомониён дар тӯли ҳазор соли охир аз давлату давлатдории худ маҳрум буд. Аз ин рӯ, 9 сентябри соли 1991 барои мо на танҳо Рӯзи Истиқлоли Тоҷикистон, балки ҳамчунин санаи барқароршавии адолати таърихӣ низ мебошад.

Академик  Ф. Шарифзода Ватан модарро тавъам шуморида, чунин менависад: «Ватан сарфарозию сарбаландӣ, бахту иқбол ва орзую умеди инсон аст. Ватан ва модар ҳамрадифанд. Он тавр ки инсон як модар дорад, ҳамин тавр як Ватан дорад. Аз ин лиҳоз мегӯянд «ВАТАН – МОДАР» ё «МОДАР – ВАТАН» [120,209].

Халқи мо аз қабили халқҳост, ки диёр, ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва барои саодати он сина сипар мекунад. Дар ҳамин радиф шоир Лоиқ Шералӣ Ватанро чунин васф намудааст:

Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман
Модар яктост, Тоҷикистон яктост!

Ватан аз модаре ибтидо мегирад, ки моро зодаву хӯрондааст, аз одамоне сар мешавад, ки порае аз руҳашонро баҳри офариниши исони дигар бахшидаанд.

Ватан ҷоест, ки инсон ҳамроҳи халқу миллат ба камол мерасад ва маконе, ки ба дунё омадааст, яъне зодгоҳи ӯ буда, барояш бояд азизу гиромӣ бошад.

Сайидои Насафӣ ҷудоӣ аз Ватани хешро бо таассуф чунин ба қалам додааст:

Ҳамраҳон рафтанду ман по дар Ватан дорам ҳанӯз,
Такя чун сурат ба девори бадан дорам ҳанӯз.

Истиқлоли давлатӣ ғояи муҳаббати Ватанро саршори маънии нав кард, бо ҳадафҳои нав- мубориза баҳри пешрафту шукуфоӣ, баҳри таҳким ва рушди ҷомеаи миллӣ моро руҳбаланд намуд. Ватани мо, Ҷумҳурии Тоҷикистон, пушту паноҳи ҳар яки мост. Аз ин рӯ, маънӣ ва моҳияти зиндагии ҳар яки мо, яъне ҳар як шаҳрванд бояд қарзи Ватан бошад. Ватан барои ҳар яки мо ҳама чиз шинохта шуда, шодиву нишот ва ғаму мусибати он шодиву нишот ва ғаму мусибати ҳар яки мо дониста шавад.  Ва ин ҷо бояд муҳаббати Ватан ҷавҳари ҳастии ҳар яки мо бошад. Зеро ин ҷавҳар ба эҳсосу таассуроти мо рабт дорад, чаро ки мо ҷаҳонро на фақат бо ақл, балки бо дил низ мешиносем. Зеро дил аз некӣ, зебоии маънавӣ ва ростӣ руҳ мегирад ва аз тантанаи некиву зебоӣ ва ростӣ мо хушбахт мешавем. Вобаста ба ин, моро зарур аст, ки ҳамин хушбахтиро ба маънои томаш сидқан дарк намоем. Ва ҳамин мешавад садоқат ба Ватан.

То Ватан, қудрату бузургӣ ва шуҳрати он чун чеҳраи модари меҳрубону падари ғамхор, чун олами зебоӣ шинохта нашавад мо ба қадри Ватан намерасем. Шинохти Ватан ва рушди шуури ватандӯстӣ равандест мураккаб ва гуногунҷабҳа. Ватан дар назари мо боғҳои шукуфон, марғзорони сабзу хуррам, олами рустаниву набототт, селаи парандагон дарахтон ва амсоли ин ҳаст, вале нерумандтарин чизе, ки саросари умр дар дили ватанпарвар нақш мебандад ва дар худ Ватанро таҷассум мекунад, одамонанд, ки ба шарофати онҳо номи миллат, қудрат ва шуҳрати ӯ шинохта шудаву оламгир мешавад.

Мо, тоҷикон, аз он бояд ифтихор кунем, ки миллати мо шахсиятҳоеро ба дунё овард ва ба камол расонид, ки хидматҳояшон мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди ин кишвари маҳбуб аст. Аз ҷумла, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Закариёи Розӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мирсаид Алии Ҳамадонӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Нусратулло Махсум ва Ширишоҳ Шотемур, ки ақидаву

афкор ва осорашон саршори одаму одамгарой, инсону инсонпарварӣ, ғамхорию меҳрубонӣ, бародарию баробарӣ, адлу инсоф, шафқат, эҳтироми шаъну шарафи инсон, қадру қимат ва арзишҳои инсонӣ, милливу умумибашарӣ ва Ватану ватандорӣ, меҳанпарастӣ буда, башариятро ба саодат раҳнамун месозад.

Аммо набояд фаромӯш кард, ки афкори педагогии шоирону нависандагони муосирамон, аз ҷумла, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Муҳаммад Ғоиб, Камол Насрулло низ шоистаи таҳсин аст. Мисоли барҷастаи ин эҷодиёти Назар Халил мебошад. Ватан барои ӯ шиори одӣ набуда, нури имон, ба ҷон баробар, нанг асту номус, «мисли модар асту аз ҷон болотар, хуршеди мунаввар асту мушку анбар.»

Ватан бар ҷон баробар ҳаст моро
Ва аз ҷон, балки бартар ҳаст моро.
Ба бар бигрифта моро тарбият кард,
Аз ин рӯ ҳамчун модар ҳаст моро.
Ватан бо нури имон ҳаст тавъам,
Ватанбезор кофар ҳаст моро.
Дили мо бар Ватан чун шед гарм аст,
Чу хуршеди мунаввар ҳаст моро…
Нахоҳам рафт бар дӯкони аттор,
Ватан худ мушку анбар ҳаст моро.

Ифодаи садоқат ба Ватан бо хидмати амалии ҳар шахс дар ҷомеа рӯи кор меояд. Илҳомбахши ин масъулият ҳам омӯзгор мебошад. Омӯзгор андак – андак майли шогирдро ба меҳнат мепайвандад ва ӯро водор мекунад, ки ба муҳити атроф некбинона назар андозад. Ба қадри заҳмати дигарон расидан ва ба ин шева пайравӣ намуданро дар ниҳоди шогирдон парвариш медиҳад. Дар оғози ҳар дарси тарбиявӣ ва ҷаласаҳои ба масъалаҳои ахлоқӣ бахшидашуда корбаст намудани ба ҳамин монанд лавҳаҳои ёдмон ва пуртаъсир ба тарбияи ватандӯстии мактабиён нақши баарзиштарро адо менамояд. Бояд иқрор шуд, ки доир ба ин мавзуъ дар ҳамаи барномаҳои парваришӣ мавзӯъҳои алоҳида

ҷудо карда шудаанд, ки ба шогирдон бо тамоми паҳлуҳояш меъёру мақулаҳои ахлоқии ин мавзуъро мавриди таҳлилу таҷзия ва баррасӣ қарор додан пурманфиат хоҳад буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазифа ва мазмуни тарбияи ватандӯстиро хеле равшан ба таври зерин ифода карданд: «Имрӯз аз он ифтихор дорем, ки таърих ва илму фарҳанги бои халқу миллатамон асрҳо боз таваҷҷуҳи олимону таҳқиқотчиёни соҳаи педагогикаю психология, фалсафаю мантиқ, забоншиносию адабиёт, тиббу ҳикмат ва математикаю астрономияи чи машриқзамину чи мағрибзаминро ба худ ҷалб карда меоянд. Ҳамчунин аз он ифтихор дорем, ки бисёр панду ҳикматҳои бузургонамон имрӯз на танҳо арзишҳои миллии моро ташкил медиҳанд, инчунин ба ганҷинаи арзишҳои умумибашарӣ ворид шуда, онро ғанӣ гардонидаанд» [100].

Тарбияи ватандӯстӣ бояд ба ҳадафи хидмати содиқонаи судманд ба манфиати миллату Ватан устувор бошад ва хоҳиши ҳар чи бештар накукорӣ карданро дар дилу рӯҳи шогирдон тарбият диҳад.

Масъалаи тарбияти ватандорӣ ва ифтихори миллӣ дар каломи Президент нуктаҳои мушаххас дорад, ки иборатанд аз:

- бозгашт ба асли хеш ва асолатҳои фарҳангии суннатӣ;
- эҳёи фарҳанги миллӣ;
- эҳёи забон;
- эҳёи маънавият дар ҷомеа;
- таваҷҷуҳ ба мероси гузашта ва нашру омӯзиши он;
- таъмини истиқлоли миллӣ бо таъмини истиқлоли фарҳангӣ.

Ин ҷо омӯзгорону масъулони соҳаро мебояд тавре амал намоянд, ки ақидаву осори ниёгон ва афкори педагогии шоирону нависандагон муосирро аз овони кудакӣ то айёми балоғату пирии ҳакимона сармашқи зиндагӣ ва фаъолият қарор дода, ба ин васила руҳи хонандагонро илҳом бахшанд, дар ниҳоди онҳо маънавиёт ва ҳиссиёти Ватану ватанпарвариро ташаккул диҳанд. Аз ин рӯ, сарчашмаи тарбияро бояд дониши амиқ дар бораи Ватани

азизамон, Тоҷикистони маҳбуб, гузаштаи пуршарафу пурифтихор, ҳозираи қаҳрамонӣ ва ояндаи неку муҳташами он ташкил диҳад. Зеро Ватанро танҳо касе бо чашми ватанпарварона дида метавонад, ки бо тамоми ҳастияш онро дӯст медорад, бо ранҷаш ранҷ мекашад, бо бемориаш бемор мешавад, аз пешрафташ шод мешавад, ифтихор мекунад ва худро узви ҷомеаю миллати хеш эҳсос мекунад.

Хонандагон Ватанро танҳо вақте дӯст дошта метавонанд, ки онро неку донанд ва аз он ифтихор кунанд.

Тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ дар инсон дар дидани шодию нишот аз хидмати мардум ба вуқуъ мепайвандад. Эҳсоси мазкур дар кудакӣ реша гирифта, тадриҷан ташаккул меёбад. Масалан, вақте ки кӯдак ҳаёти атрофро дарк мекунад, аввалин бор аз зебоии ҳаёти дарккардааш мутаассир шуда, гумон мекунад, ки аз ин зебоиҳо барои волидону наздикон ва дӯстон ягон чӣ офарад ё тақдим кунад. Ва дар ҳамин ҷо мекӯшад, ки барои онҳо некие, кунад зебоие офарад. Вақте ин корро анҷом медиҳад, аз шодии некиву офаринишҳои худ баҳри наздикону пайвандон ва одамон илҳом гирифта, руҳаш ба диёри маҳбуб мепайвандад, ба қадри худу дигарон расида, аз хидмати хеш ифтихор мекунад. Ин амал ва фаъолият ба неруи бузурги тарбиявии дониш, дониш дар бораи Меҳан табдил шуда, марҳала ба марҳала ҷӯшу хурӯш менамояд ва дили ӯро шод мегардонад, шуури олии ватанхоҳиро дар ниҳоди ӯ мепарварад. Вазифаи мактаби муосир дар он аст, ки раванди фарогирии ҳамин донишу муносибатро дар ниҳоди хонандагон ташаккул дода, ба ин васила дар ҳаёти ҷамъиятӣ чун муборизи асил барои рушду нумуи ҷомеаву кишвар тарбия шуданаш чораҳо андешад.

Олими шинохтаи илми педагогика В. А. Сухомлинский таъкид кардааст: “Меҳнат решаест, ки эҳсоси тавони муҳаббати диёри маҳбубро ғизо мебахшад” [110].

Эътиқод ва эътимод ба Ватан дар кӯдак вақте устувор мешавад, ки ӯ бо дасти худ барои халқ чизи даркору судманд сохта, амали хешро дар зиёдшавии дороии Ватан эҳсос кунад. Ин ҷо омӯзгоронро мебояд, ки дар

дили кӯдак эътиқод ба меҳнат кардану заҳмат кашиданро ҷой диҳанд, равнақ бахшанд, то ки ӯ натиҷаи меҳнату заҳматҳояшро ба чашми худ бинад ва ифтихор аз зебоиҳои табиати зодгоҳ, Ватан ва меҳнати хеш кунад. Дар ин маврид муҳаббат ба Ватан ба сифати омили асосии ҷонбахши симои ахлоқии инсон хидмат мекунад. Дӯст доштани Ватан ва муҳаббат варзидан барои ҳар як инсон воҷиб асту ҳифзаш аз он воҷибтар. Касе ки Ватанро бо тамоми ҳастиаш дӯст медорад, ӯ лаззату ширинии Ватанро зиёдтар эҳсос мекунад.

Академик Файзулло Шарифзода ва муҳаққиқ Ҷумахон Файзалиев дар асарашон "Ҳикмати афкори педагогии ниёгон " ибораи "ҳубби Ватан"-ро муҳаббати Ватан, меҳри Ватан маънидод карда, ҳуббулватан номидаанд. [120, 211].

Аз ин рӯ, меҳр ва муҳаббати Ватан бояд дар қалби инсон маъво гирад, на дар забон.

Суоле ба миён меояд, ки муҳофизати Ватани азизро аз кӣ омӯзем? Барои дарёфти ҷавоб ба ин савол рӯ меорем ба гузаштаи дур, ба ривояту афсонаҳо, достонҳои асотирӣ ва қаҳрамонӣ ва воқеӣ, ки дар бораи қаҳрамонию қаҳрамонҳое сухан меравад, ки худро дар пайкор баҳри озодиву истиқлол, баҳри шарафу обрӯи Ватан қурбон кардаанд, дар солҳои душвори озмоиш ва хатари маргбор синаро сипари Меҳани худ кардаанд ва бехавфу ҳарос маргро пешвоз гирифтаанд, то халқ эмин бошад.

Руҳи ватанхоҳӣ ва омодагии ин наслҳо ба мубориза баҳри ормонҳои волои миллӣ, ҷамъиятӣ бастаи он аст, ки наслҳои нави ба зиндагӣ воридшаванда чӣ сон ба хотираи қаҳрамонони гулгункафан муносибат хоҳанд кард. Ин ҷо вазифаи муассисаи таълимӣ аз он иборат аст, ки таърихи халқро дар зеҳну қалби шогирдон ҷой карда, корномаи ниёгонро сармашқи пайкор ҷиҳати шаъну шӯҳрат ва ободию осудагии имрӯзу фардои Меҳан кунад.

Ба андешаи олими шинохта ва педагоги маҳбуби тоҷик М. Лутфуллоев: "Ҳимоя ва ҳифзи Ватан ҷавҳарест, ки ниёгон ба мо мерос гузоштаанд. Онҳо панд додаанд: "Модом, ки худро соҳиби кишвар медонед, худро ворис

мепиндоред, Ватанро обод мекунед, хонаю фарзандро азиз мешуморед, пас онро муҳофизат кунед. Нагузоред, ки бегонагон, душманон мулкро хароб кунанд, молу мулк, маҳсули меҳнати шуморо ба яғмо баранд, худи шуморо ба ғуломи табдил диҳанд” [81,18].

Бо дарназардошти таҳаввулоти замони муосир ва авзои сиёсии ҷаҳон ҳимояи Ватан-Тоҷикистони азиз дар ҷойи аввал меистад. Зеро таваҷҷуҳи душманони миллат ба рабудани боигарӣ, сарватҳои зеризаминӣ ва маънавии он, нооom сохтани сулҳу суботи кишвар мебошад . Дар робита ба ин, ҳамаи моро, пеш аз ҳама, ҷавононро, лозим аст, ки ҳимояи Ватанро қарзи шаҳрвандии худ дониста, барои ҳифзи марзу бум таъриху фарҳанг ва сарватҳои миллӣ камар бубананд. Боиси таассуф аст, ки мехонему мешунавем, ки ҷавонон аз хизмати аскарӣ саркашӣ мекунанд, мегурезанд, пинҳон мешаванд, ҳол он ки бе озодию истиқлол ягон кас наметавонад худро хушбахт ҳисобад.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи ватанпарастии наврасону ҷавонон чунин омадааст: “Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад [55].

Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Фаромӯш набояд кард, ки,-танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад» [138].

Вобаста ба ин, насли наврасро мебояд сарзамини аҷдодӣ кишвари худро дӯс дорадва ба он содиқ бошад. Дар ободии он бо амри имону виҷдон саҳм гузорад.

Мақсаду вазифаҳои таҳсилот дар робита бо рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳуҷҷатҳои муҳимии давлатӣ муайян гардидаанд, ки дар онҳо суннатҳо ва арзишҳои миллию таърихӣ ва умумибашарӣ ба назар

гирифта шудаанд.

Дар мақсаду вазифаҳо ба он арзишҳои асосии таҳсилот афзалият дода мешавад, ки дар рушди шахс, дарки волои ватандӯстӣ, принсипи гуманистӣ, мафҳумҳои ваҳдат ва ифтихори миллӣ, баробарҳуқуқӣ, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва ҳусни тафоҳум ифода меёбад.

Академик Муҳаммад Лутфуллозода моҳияти арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар таҳсилоти умумӣ ба таври зерин мушаххас кардааст:

- Ватану ватандӯстӣ;
- озодии Ватан ва шахс;
- ободӣ ва шукуфоии кишвари азиз;
- гуманизми волои умумибашарӣ;
- якпорчагӣ ва ваҳдати миллӣ;
- сулҳу оштӣ, муомилаю муносибат бо халқу миллатҳои кишварҳои дуру наздик, таҳаммул ҳамдигарфаҳмӣ;
- меҳнати софдилона;
- дастгирӣ ва некӣ;
- рушду нумуи арзишҳои маънавӣ;
- худшиносӣ ва ифтихори миллӣ [69,160].

Хулоса, мо муайян кардем, ки Ватан дар худ арзишҳои таърихӣ, тарбиявӣ, зебоипарастӣ ва ахлоқи ҳамидаро таҷассум менамояд. Аз ин рӯ, Ватанро бояд дӯст дошт, ҳифз намуд ва сарсупурдаи ӯ буд.

Аммо доираи истифодаи лашкари сершумори омӯзгорон боз ҳам фарохтар аст. Онҳо имкон доранд, ки ҳар як китоби ба тозагӣ чопшударо аввал худашон мутолиа карда, баъд ба шогирдон тавсия намоянд. Дар низоми тарбия фақат пешниҳод кардан кифоя нест. Чи тавре ки тарбия мақсаднок аст, тавсия ҳам бояд мақсади муайян дошта бошад. Мақсаду вазифаҳо вобаста ба зинаҳои таълим ба миён гузошта мешаванд, ки мо чанде аз онҳоро дар робита ба мутолиаи асарҳои сарвари давлатамон таъкид кардаем. Ҳамин мақсаду супоришҳоро омӯзгорон метавонанд зимни аз худ намудани осори

таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, аз ҷумла, «Тоҷикон»-и академик Б. Ғафуров ва асарҳои дигар низ амалӣ намоянд.

## 1.3. Тафсири умумии таҳқиқоти солҳои охир оид ба тарбияи ватандӯстӣ

Тарбияи ватандӯстӣ ҳамеша барои давлату ҷомеа, инчунин барои илмҳои педагогика ва дигар илмҳо муҳим ва зарур буд. Илми педагогика бо мақсади амиқтар ва пурратар таҳқиқ намудани масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, дар низоми умумии тарбия баррасӣ намудани он, муайян кардани предмет ва ошкор намудани хусусиятҳои он, дида баромадани он ҳамчун қисми васеи фаъолияти тарбиявӣ ба маълумоту донишҳои дигар илмҳо такя мекунад. Аз ин лиҳоз, мушкилоти ватандӯстӣ барои илми фалсафа низ аҳамият ва таваҷҷуҳи хоса дорад.

Солҳои 70-уми асри XX омӯзишҳо дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва байналмилалии ҷавонон афзуда, муҳаққиқони илмҳои фалсафа, таърих, иҷтимоъшиносӣ, педагогика ва ғайра паҳлуҳои гуногуни тарбияи ватандӯстии ҷавононро таҳқиқ намуданд.

Тарбияи ватандӯстӣ мавзуи таҳқиқи махсуси илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ, аз ҷумла, педагогика буд. Дар омӯзиши ин масъала саҳми донишмандони маъруф А.Бозоров, Э.Бутаева, Комил Бекзода, А.Игнатиева, С.Кабиров, М.Лутфуллоев, М.Мансурхоҷаев, В.Набиева, С Раҳимов, Х.Тиллоев, Х.Турахонов, Д.Хоҷаев ва дигарон [111;68;69] назаррас аст. Онҳо ҷиҳатҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ ва инсонпарвариро омӯханд.

Хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар лаҳзаҳои гардиш ва душвори таърихи халқҳо боз ҳам равшантар зоҳир мегардад. Бесабаб нест, ки шавқу ҳавас ба омӯзиши тарбияи ватандӯстӣ аз рузҳои аввали ташкил ёфтани Давлати Шуравӣ бедор шуда буд. Дар давраи сахти Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои вазнини барқарор намудани Ватани аз ҷанг харобшуда масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти махсус пайдо карданд. Махсусан, он замонҳо осори таърихшинос В.Н.Матушкин, адабиётшинос Д.С.Лихачёв ва

этнографону дигар мутахассисон пайдо шуданд, ки дар онҳо нақши муҳими тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун омили муттаҳидшавӣ ва муттаҳидии миллӣ қайд карда шудааст [64;72;].

Таъкид кардан лозим аст, ки солҳои 70-80-ум масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ мавзуи тадқиқоти бисёр соҳаҳои илм буданд. Ин масъалаҳо дар як қатор ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ таҳқиқ гардида буданд. Бисёр таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла, пажуҳишгоҳи педагогӣ бо масъалаҳои тарбияи ватандустӣ бахшида шуда буданд.

Олимони тоҷик тамоми қувваро ба он равона кардаанд, ки омӯзиши масъалаи тарбияи ватандӯстӣ ва байналмилалӣ дар тамоми илмҳо, аз ҷумла, фалсафа, коммунизми илмӣ, педагогика, физиология, назария ва методология, кори маданӣ-равшаннамоӣ ва ғайра фаро гирифта шавад. Дар коркарди масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ олимону муаллимоне, ки ба ин масъалаҳо дар кафедраҳои мактабҳои олӣ ва Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои педагогӣ кору фаъолият доштанд, саҳми арзанда гузоштанд. Дар маводи РСС Тоҷикистон масъалаҳои ташаккули ватандӯстӣ ва байналхалқии Иттиҳоди Шуравӣ дар байни ҷавонон, тарбияи ҷавонон дар партави анъанаҳои инқилобӣ, ҷангӣ ва меҳнатии халқи собиқ Шуравӣ омӯхта шуданд. Бояд махсус қайд кард, ки олимони намоёни он вақт дар ин самт, аз қабили А.Гаязов, З.Дадабоева, Б.Ҷумаев, Д.Латипов ва дигарон [36; 39; 63] ба ҳисоб мерафтанд.

Равандҳои махсусан характери сиёсидошта, чун пошхӯрии СССР, пайдоиши соҳибихтиёрӣ, ба вуҷуд омадани «нуқтаҳои гарм» дар минтақаҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, муқовимати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон самара ва идеологияи нокифояи ҳалли масъалаи миллатҳо, тарбияи ватандустию байналхалқиро равшан нишон доданд.

Сиёсати миллие, ки дар солҳои Ҳокимияти Советӣ пеш гирифта шуда буд, раванди табиии ташаккули шахсияти этникиро дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон халалдор кард. Ин дар ҷунин шакл зуҳур ёфт:

- дар коста кардани мазмуни тарбияи ватандустӣ танҳо ба масъалаҳои ташаккули ватандӯстии Шуравӣ ва байналхалқии сотсиалистӣ ва паст кардани аҳамияти тарбияи миллӣ таҷассум меёбад. Ватандӯстии давлатии давраи Шуравӣ, аз сабаби он ки дар он идеали озодӣ, истиқлол ва масъулияти шаҳрвандон кам ба назар мерасид ва бо амру супориши давлат ҳукмфармо буд, тарафдорони кам дошт.

Ҳамаи ин боиси поймол шудани манфиатҳои миллӣ, беэътиноӣ ба мероси маънавии миллӣ, ҷудоӣ аз решаҳои миллии фарҳанг, ҳувияти сиёсӣ шудани масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ гардид ва ин, дар навбати худ, ба дараҷаи кори тарбиявӣ, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас нигаронида шудааст, таъсири манфӣ расонд.

Миллати тоҷик аз халқияти гурӯҳҳои маҳаллии дорои сохти мукаммали иҷтимоӣ ташаккул ёфт, ки дар давоми асрҳо бо набудани давлати миллии худ, нобаробарии маъмурӣ алоқаманд буд. Ҳукмронии чандинасраи бегонагон, аз ҳамдигар ҷудо будани минтақаҳои иқтисодӣ, мавқеи ногувори ҷугрофӣ ва ба маҳалҳои кӯҳсор кӯчондани одамон, низоъҳои феодалӣ сабабҳои асосие гардиданд, ки ташаккули хислатҳои умумии халқи тоҷикро бозмедоштанд, имкон намедоданд миллат пеш равад.

Саҳми академик Б.Ғафуров дар он аст, ки аввалин бор асари бунёдии «Тоҷикон»-ро офарид, ки дар он дар бораи муборизаи қаҳрамонона ва ватандӯстии аҷдодони мо барои истиқлол ва ҳуқуқи худ маълумот дар асоси маъхазҳои ибтидоӣ оварда шудааст [22].

Ин раванд на танҳо дар байни мардуми аз ҷиҳати маданият якхела, балки дар байни мардуми муқимӣ ва кӯчманчӣ низ ба амал омад. Сукуниши кӯчманчиён, ба соҳаи кишоварзӣ гузаштани онҳо, ба аҳолии сокини шаҳракҳо, аз ҷумла, дар шаҳрҳо шомил шудани онҳо ҳамаи ин равандҳо дар Осиёи Миёна ҳазорсолаҳо ба амал омадаанд» [22].

Таърих таълим медиҳад, ки раванди рушди этникӣ ва муттаҳидшавии миллӣ дарозмуддат буда, ба он хусусияти бисёрмарҳила ва гуногунҷабҳа хос аст. Номи умумии «тоҷик» бо дигар номҳои маҳаллию ҳудудӣ, аз қабили

«бухорӣ» (зодаи бухорой), «хуҷандӣ» (зодаи Хуҷанд), «самарқандӣ» (зодаи Самарқанд) ва ғайра муддати тулонӣ вуҷуд дошт. Ин нишон медиҳад, ки муттаҳидшавии миллати тоҷик ҳанӯз ба анҷом нарасидааст ва ин раванд то имрӯз идома дорад ва мутаносибан ташаккули ҳувияти этникӣ ба ҳувияти миллӣ ба вуҷуд меояд. Кори мақсадноки тарбиявӣ, ки ба ташаккули шуури шаҳрвандӣ-ватандӯстии ҷавонон нигаронида шудааст, дар раванди муттаҳидсозии миллат нақш ва аҳамияти калон хоҳад дошт.

Бисёре аз донишмандон бар ин назаранд, ки равандҳои дар ҷомеаи Тоҷикистон баназаррасанда як марҳалаи табиии ташаккули худшиносии ҳар як мардум мебошанд, ки дар робитаҳои иҷтимоӣ дигаргуниҳои дарднокро аз сар гузаронидаанд. Дар ин муддати кӯтоҳ ба тоҷикон лозим омад, ки таҷдиди арзишҳои миллию умумибашариро аз сар гузаронанд ва ба ташаккули фазои нави иҷтимоӣ-фарҳангӣ рӯ биёранд, ки онҳоро ба пайвандҳои устувори гузаранда, ки тамоми минтақаҳои давлатро муттаҳид месозад, аз шакли нави худшиносии миллати тоҷик шаҳодат медиҳад. Ин бояд асосан дар шуури миллии худи тоҷикон ва дигар миллатҳои муқими Тоҷикистон ифода ёбад [71].

Тавре дар пажуҳишҳои М.Турсунова [116] қайд шудааст, худшиносии миллӣ яке аз хусусиятҳои пешбари ҳар як миллат, омили муҳими ҳастии он мебошад. Миллате, ки худро шинохт, дар ҷомеаи башарӣ ҷойгоҳи худро меёбад. Дар байни миллату қавмҳои дигар мавқеи хоси худро пайдо мекунад. Худшиносӣ ва худогоҳии миллат имкон медиҳад, ки дар рушди забон, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ ва дигар арзишҳои миллию фарҳангии он ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Дараҷаи камолоти худшиносии миллӣ шарти соҳибихтиёрии миллат аст. Худшиносии миллӣ барои миллатҳое муҳим аст, ки таърихи бой, фарҳангу забони бостонӣ доранд. Ин умри дарози миллатро таъмин мекунад, тамаддуни ба он хосро нигоҳ медорад.

Ин миллати тоҷик аст, ки омӯзиши таърих, фарҳанг, забон, анъанаҳои миллиро барои насли наврас, барои ҳастии ояндаи он муҳим ва аҳамиятнок

мешуморад. Маҳз мавҷудияти худшиносии миллии халқи тоҷик собит кардааст, ки бо вуҷуди даргириҳои миллӣ ин мардум қодир аст фарҳанги маънавиро ҳифз ва инкишоф диҳад, ободии иқтисодиро эҳё кунад ва тарзи зиндагии шоиста ба вуҷуд оварад.

Барои боз ҳам таҳким бахшидани худшиносии миллӣ тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҷалби ҷавонон ба дастовардҳои фарҳанги миллӣ ба таври назаррас такмил дода мешавад.

Ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин эҳсосоти инсон ва яке аз хислатҳои неки ӯ ҳамчун шаҳрванд аст. Ин ҳиссиёт дар инсон аз замонҳои қадим ташаккул ёфтааст ва ҳар як давлат ба тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад.

Калимаи ватандӯстӣ маънои муҳаббат ба Ватан, сарзаминро дорад [89]. Дар луғати тафсирии В.И.Дал калимаи «ватандӯст» маънои «дӯстдори Ватан, ғайрат ба беҳбудии он, ватанпарвар ё дустдори сарзамин»-ро дорад.

Чунонки аз сарчашмаҳо маълум мегардад, асоси калимаи ватандӯстӣ аз замони инқилоби солҳои 1789-1793-и Франсия сарчашма мегирад. Он замон одамонеро дустдори Ватан меномиданд, ки барои манфиати халқ мубориза мебурданд. Яъне онҳо Ватани худро ҳифз мекарданд, ба муқобили хоинони Ватан мубориза мебурданд. Ба ин маънӣ он нафаронеро ватандӯст номиданд, ки ба Ватан содиқ буданд, онро дӯст медоштанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои он ҷони худро медоданд ва ё қаҳрамонӣ нишон медоданд.

Мафҳуми «Ватан» чанд маъно дорад: он кишварест, ки таърихи бузург дорад, он ҳам порча заминест, ки дар он зодаву ба воя расидаӣ, шодию нокомиҳои аввалинро дар он ҷо дидаӣ. Ватандӯстӣ ҳамчун хислати шахсият дар муҳаббат ба Ватан, садоқат, омодагӣ ба хидмат ба Ватан зоҳир мегардад. Дар ватандӯстӣ ғояҳои эҳтиром ва муҳаббат ба Ватан ва ҳамватанон ҷой доранд. Ватандӯстӣ эҳсоси муҳаббат ба Ватан, ба халқ, шаъну шараф ва эҳтиром ба арзишҳои моддию маънавии онҳо ва масъулият дар назди онҳо, ҳимояи манфиатҳои Ватан ва ғайра мебошад.

Академик М. Лутфуллоев дар асараш «Шарафномаи миллат» оид ба маънии калимаи Ватан чунин гуфтааст: Ватан! Чӣ калимаи гуворост, сода, дилнишин ва равон. Ҷаҳон –ҷаҳон маъно нуҳуфтааст дар он. Ватан болу пари инсон, сарфарозиву сарбаландӣ, бахту иқбол орзу ва умеди инсон. Ватан лаби хандон, дидаи гирён, қуввати ҷон, имону виҷдони инсон. Ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.) фармудаанд: «Муҳаббати Ватан ҷузъе аз имон аст» [68, 38].

Ҳар як шакли ҷамъиятию таърихӣ мафҳуми «ватандӯстӣ»-ро бо шуури мушахаси таърихӣ пур мекунад. Чунонки маълум аст, он ҳануз дар давраи сохти ғуломдорӣ ба вуҷуд омад, ки ба туфайли инкишофи фаъолияти меҳнатии инсон, инчунин дар зери таъсири муборизаи озодихоҳӣ ба муқобили ҳуҷуми кӯчманчиён ва мамлакатҳои ҳамсоя дифои қаҳрамонона ба вуҷуд омад, ки дар он идеяҳои қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ, дӯстӣ таҷасум меёбад. Дар он давра ба вуҷуд омадани образҳои дустдоштаи қаҳрамонони халқӣ Гуруғлӣ, Шерак, Золи Зард, Рустами Дастон ва дигарон нақши босазо доранд. Аз ин рӯ, барои тадқиқоти мо муайян кардани зиёни маҳалгароӣ, маҳалчигӣ ва ҳамчунин моҳияти миллатпарастӣ ва ҳувияти миллӣ муҳим буд.

Маҳалгароӣ як шакли барҳам задани манфиатҳои маҳаллӣ буда, боло бурдани манфиатҳои маҳал, минтақаи онҳоро аз ҳисоби поймолкунии имтиёзҳо пешбинӣ мекунад. Дар маҳалгароӣ муҳаббат ба маҳал ва манофеъ бар манфиатҳои миллӣ бартарӣ дорад.

Ватандӯстӣ бо миллатчигӣ ва ё космополитизм мувофиқат намекунад. Идеяи бартарии миллӣ хоси миллатчигӣ мебошанд. Он ба маънии миллат ҳамчун шакли олитарин, таърихӣ ва болосинфии сохти ҷамъиятӣ хос аст. Миллатгароӣ афзал донистани миллати худ аз дигарон, муносибати манфӣ ба манфиатҳои миллату мардуми дигар, паст задани шаъну эътибори халқҳои дигар асос ёфтааст.

Интернатсионализм (ҳисси байналмилалӣ, байналхалқӣ) ба эҳтироми ҳамаи миллату халқҳои хурду калон, соҳибихтиёрии давлатии онҳо, тайёр будан ба сулҳу осоиш ва дӯстӣ бо ҳамаи давлатҳо асос ёфтааст.

Интернатсионализм баробарӣ ва ҳамкории ҳамаи халқҳоро пешбинӣ мекунад.

Ваҳдати миллӣ иттиҳод ва муттаҳидшавии мардум, миллатҳо ва халқе мебошад, ки дар ҳудуди давлат ва ё берун аз он зиндагӣ мекунанд. Он ба қабилачигӣ ва маҳалгароӣ мухолиф аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар манфиатҳои миллӣ бартарӣ доштани манфиатҳои маҳаллӣ, аз манфиатҳои умумӣ боло рафтани манфиатҳои маҳаллӣ оқибатҳои хеле фалокатовар дошт. Онҳо боиси коҳиши ваҳдати миллӣ, зиддиятҳои байни минтақаҳо ва нажодҳо шуданд.

Таваҷҷуҳи нокифоя ба тарбияи ватандӯстӣ боиси он гардид, ки дар Тоҷикистон дар заминаи маҳалгароӣ ва маҳалчигӣ ҷанги шаҳрвандӣ сар занад, ки садди роҳи таъсиси сохти миллӣ гардид. Мубоизаи шаҳрвандӣ ба ҷавононе таъсири манфӣ расонд, ки онҳо аз сабаби камтаҷрибагии иҷтимоиашон ба гурӯҳҳои гуногуни муқовимат ҷалб карда шуданд, ки аз руи хусусиятҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ ташкил ёфта буданд. Ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон ба донишҷӯёну хонандагон таъсири манфии худро расонд. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ, махсусан, дар байни донишҷӯён ва хонандагон хеле муҳим ва зарур аст.

Ба андешаи мо, истилоҳи «ватандӯстӣ» ба эпитети «миллӣ» ниёз надорад, бахусус, ки дар ин маврид дар паҳлуи он истилоҳи муқобили «миллатгароӣ» пайдо мешавад, ки маънои инзиво, ҷудоӣ ва ҳатто бадбинии миллату халқиятҳои дигарро нисбат ба забони онҳо дорад. Калимаи «ватандустӣ» муҳаббат ба зодгоҳ, ба халқи худ, фарҳанг, анъана ва мероси таърихию фарҳангии онро дар назар дорад.

Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ бо дигар соҳаҳои тарбия, махсусан, тарбияи ахлоқӣ зич алоқаманд аст. Покии ахлоқ асоси ватандӯстӣ аст. Бе покии ахлоқӣ ватандӯст шуда наметавонед.

Ҳамин тариқ, ватандӯстӣ эҳсоси ифтихор аз Ватан, аз таъриху фарҳанг, ҳувияти миллӣ ва гузаштагони шарифи хешро дар назар дорад. Аз тарафи дигар, ватандӯстӣ маҳдудияти миллӣ, поймол кардани манфиатҳои дигар

халқҳои сокини ин кишварро дар назар надорад. Зеро муҳаббат ба таърихи фарҳанги ниёгон, ба забони модарии худ ва ифтихор аз он набояд ҳеҷ маъное дошта бошад, ки мо миллати худро аз арзишҳои тамаддуни ҷаҳонӣ маҳдуд кунем. Ватандӯстиро бо ахлоқ дар робитаи зич баррасӣ кардан лозим аст.

Миллати мо дорои принсипҳои баланди ахлоқӣ мебошад, ки дар тӯли солҳо ташаккул ёфта, асоси тарбияи ватандӯстӣ буданд. Тоҷикон дорои ахлоқу маданияти баланд буда, дар тараққиёти иқтисодиёт ва маданият ба қуллаҳои баланд расидаанд. Арзишҳои ахлоқӣ ва мадании халқ воситаи тавонои тарбияи ҷавонон мебошанд. Ҷавонон ҳангоми аз худ намудани ин арзишҳо бояд ба омӯзиши арзишҳои умумибашарӣ, дастовардҳои фарҳангии миллатҳои пешрафтаи ҷаҳон, дастовардҳои илму техника, технологияи пешрафта, инчунин забонҳои пешрафтаи хориҷӣ, бахус, забонҳои русӣ ва англисӣ суботкорона машғул шаванд.

Вале дар мазмуни тарбияи ватандӯстӣ манфиатҳои миллӣ бояд дар мадди аввал бошанд. Мазмуни тарбияи ватандӯстӣ бояд ба дарки манфиатҳои миллии халқ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳтиром, таърих, давлатдории миллӣ, рамзҳои он, дастовардҳои илм, фарҳанг, эҳтироми амиқ ба забон, анъана ва ғайра равона карда шавад. Тамоми кори таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, мактабҳо, муассисаҳои таълими иловагӣ, оилаҳо, тамоми аҳли ҷамъият ва дигар муассисаҳои таълимӣ бояд ба ҳалли ин мушкилот нигаронида шаванд. Ҳифзи ҳувияти миллӣ ва афзун намудани соҳибихтиёрӣ яке аз вазифаҳои баробар муҳими тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

Бе ваҳдати миллӣ соҳибихтиёрӣ амал карда наметавонад. Аммо дар ҳоле ки дар давлат чунин як падидаи маҳалгароӣ вуҷуд дорад, дар бораи тасвиби ниҳоии шахсияти ягонаи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ сухане вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин, асоси соҳибихтиёрии миллӣ бояд шуури ватандӯстии миллӣ бошад, ки тамоми беҳтарин неъматҳоеро, ки тоҷикони тамоми минтақаҳо дар тӯли рушди ҷамъиятию таърихии худ ҷамъ овардаанд, муттаҳид созад.

Тадқиқот дар соҳаҳои фалсафа, таърих, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ заминаи назариявӣ ва методологии педагогикаро ташкил медиҳанд ва ифодакунандаи он аст, ки тарбияи ватандӯстӣ бояд бештар бо таърих ва фарҳанги миллӣ алоқаманд бошад. Тафовут байни шуури таърихӣ, тарбияи ватандӯстиву фарҳангӣ, рушди арзишҳои он боиси зуҳури падидаҳои номатлуб, надонистани решаҳои онҳо, асолат ва ҳувияти миллати худ мегардад.

Бинобар чунин як шароити таърихӣ тарбияи ватандӯстӣ ҳамвора ҳам василаи инъикоси вижагиҳои фарҳанги тоҷикон ва ҳам омили ҷуброни «заифӣ»-и ташаккули этникӣ, эҷоди арзиш, фазои маънавии пайванди миллатҳо буд. Имрӯзҳо дар Тоҷикистон дар як давлати дорои мероси ғании фарҳангӣ на сиёсату иқтисод, балки фарҳанг сарчашмаи афзоиш ва василаи ташаккули шуури ватандӯстӣ, ибтидо ва шеваи дарки гузашта, имрӯз ваояндаи худ аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарқ аз дигар давлатҳо дорои таъриху фарҳанги ғании маъруф, мероси пурарзиши классикӣ, олимон, шоирон, фарҳангиён, ёдгориҳои таърихии фарҳангӣ мебошад, ки ифодакунандаи руҳияи миллӣ ва тафаккури миллати тоҷик мебошанд.

Таҷрибаи омӯзиши мушкилот дар шароити афкори ҷамъиятию эстетикии ҷахонӣ нишон медиҳад, ки ташаккули ҳақиқии ҳар як маданияти миллӣ бо роҳи ҳамкории диалектикии шаклҳои махсуси миллӣ бо мазмуни умумибашарии он ба амал меояд.

Тавре намояндаи илми фарҳангшиносии Тоҷикистон Д. Латипов дуруст қайд мекунад [63], фарҳанги тоҷикон дар тӯли таърих ба шарофати наздиктарин чеҳраи худ ва дар айни замон бо дигар фарҳангҳои миллӣ, ҳам Ғарб ва ҳам Шарқ, маънои умумибашарӣ пайдо кардааст.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Фарҳанг метавонад ҷаҳонро боз кунад ва пайки фарҳанги дигарро танҳо дар ҳоле бипазирад, ки агар аз асолати худ огоҳ бошад ва аз тарси аз даст додани он дур бошад» [135].

Аз ин бармеояд, ки барои рафъи ғаразнокӣ, маҳдудият ва баромадани он дар муколамаи баробар бо дигар фарҳангҳо ба сатҳи умумибашарӣ, байналмилалӣ (дар миқёси минтақа, давлат, инсоният), фарҳанги як этнос, гурӯҳи иҷтимоӣ, миллат бояд, пеш аз ҳама, худро дарёбад, табиат ва вижагиҳои худро барқарор кунад.

Ҳамин тариқ, бозгашт ба хотираи фарҳангии бисёре аз арзишҳои миллӣ (мисоли ин фарҳанги ориёӣ аст), ки беадолатона ба фаромӯшӣ бахшида шудааст, талабот ва аз бисёр ҷиҳат азхуд кардани неруи башардӯстонаи фарҳанги тоҷикон, педагогикаи халқӣ, маданияти динӣ, васеъ шудани шумораи намудҳо ва шаклҳои миллии таълиму тарбия, эҷодиёти халқ ва ғайра шоҳиди равшани ифодаи беҳамто ва хусусияти маданияти маънавӣ ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб мебошанд. Чунин асолати арзишҳои миллӣ имкон медиҳад, ки он воситаи муҳими тарбияи ватандӯстӣ, мавзуи рушду истифодаи халқҳои дигар гардад.

Бояд гуфт, ки таърихшиносону файласуфони Тоҷикистон дар омӯзиш ва пажӯҳиши масоили шаҳрвандӣ, аз ҷумла, тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ саҳми арзанда доранд. Аз ҷумла тадқиқоти Н.Асадуллоев, Б.Ғафуров, А.Баҳовиддинов, Қ.Ёқубӣ, М.Ғафуров, М.Раҷабов, М.Осимӣ, М.Диноршоев, Ҳ.Додхудоев, И.Шарифов, А.Турсунов, М. Шукуров, А. Муҳаммад, В. М.Хоҷаева, А. Мирзоева, Д. Тағаева, К. Гиёева, Ш. Гуломаҳмадов, Ш. Абдуллоев, С. Ҷононова, А. Саидова, А. Собирова ва дигарон, бешубҳа, асоси назариявӣ ва методологии тарбияи ватандӯстиро таҷассум мекунанд.

Ҳамин тариқ, тарбияи ватандӯстӣ аз бисёр ҷиҳат мавзуи таҳқиқоти иҷтимоӣ-фалсафӣ мебошад. Аз таҳлили адабиёт оид ба мушкилоти ватандӯстӣ аз ҷиҳати фалсафӣ як қатор хулосаҳои муҳим мебароянд. Ин, пеш аз ҳама, таърифи худи мафҳумҳо, ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи таркибии тарбияи шаҳрвандӣ мебошад, ки ба ташаккули муносибати арзишманди хонандагон ба падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Баррасӣ намудани шуури ватандӯстӣ ҳамчун сатҳи олии шуур нисбат ба шуури маҳалӣ ва минтақавӣ арзёбӣ мегардад.

Сониян, ин асосноккунии назариявӣ ва дарки моҳияти раванди инкишофи таносуби этникӣ, миллӣ, умумибашарӣ ва ба ҳамдигар дохилшавии онҳо мебошад; муайян кардани принсипи афзалияти шуури миллӣ, ватандӯстӣ нисбат ба шуури маҳаллӣ, ки лаҳзаи муҳими ин раванди тарбияро инъикос менамояд.

Дар баъзе тадқиқоти фалсафию педагогӣ тарбияи ватандустӣ ҷузъи таркибии тарбияи шаҳрвандӣ дониста мешавад. Дар дигар таҳқиқотҳо ҳамчун ҷузъи тарбияи ахлоқӣ фаҳмида мешавад. Тадқиқи ҳамаҷонибаи тарбияи ватандӯстӣ вуҷуд надорад, ки тарбияи ватандӯстиро бо дигар соҳаҳои тарбияи маънавӣ робитаи ногусастанӣ баррасӣ намояд, консепсияи ягонаи омӯзиши робитаи шаҳрвандӣ ва тарбияи ватандӯстӣ, ташаккули фарҳанги муоширати байни миллатҳо таҳия карда нашудааст.

Консепсияи сохтори тарбияи ватандӯстӣ дар иртибот ба вижагиҳои сохти нави давлатӣ ба таври қатъӣ муайян карда нашудааст, гарчанде ин масъала дар як қатор асарҳои солҳои 90-ум таҳлил шудааст. Онро васеътар баррасӣ кардан лозим аст, яъне он бояд маҷмуи хеле васеътари шаклҳои гуногуни маънавиро фаро гирад, ки бо ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятҳои миллӣ, тафаккури ҳар як миллат, асолати маданияти халқ ва ғайра алоқамананд. Зарур аст, ки таҳқиқоти ҳамаҷониба оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ дар асоси омезиши равандҳои мухталиф роҷеъ ба омӯзиши сохтори механизм ва технологияи ин рушд дар байни ҷавонон, бахусус, дар байни хонандагон аз сар гирифта шавад. Дар баробари ин, тарбияи ватандӯстиро дар алоқамандии зич бо масъалаи ташаккули фарҳанги муоширати байни миллатҳо, баланд бардоштани ҳисси шаҳрвандӣ таҳқиқ кардан лозим аст.

Муддати дуру дароз дар адабиёти Шуравӣ андешаҳо доир ба тарбияи ватандӯстӣ ба маънои васеъ ҳукмрон буд. Аксари файласуфоне, ки ба ин масъала дахл кардаанд, ватандӯстиро фақат дар як ҷиҳат: аз мавқеъҳои

синфӣ, аз ҷиҳати ташаккули ватандӯстии Шуравӣ ва интернатсионализми сотсиалистӣ, ҳамчун ҷузъи таркибии умумияти нави таърихии одамон дида баромадаанд.

Ҳамаи таҳқиқоти дар боло зикршуда ба ҷанбаҳои педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ таъсири назаррас доранд. Онҳо муҳаққиқони бо мушкилоти педагогӣ сарукордоштаро бо дониши устувори моҳият ва принсипҳои тарбияи ватандустӣ мусаллаҳ намуда, ба амиқтар дарк намудани сарчашмаҳои таърихии Ватан, маданияти маънавии миллат, забон, дин мусоидат мекунанд ва самти ҷустуҷӯйи педагогӣ, хусусиятҳои асосӣ, мақсаднок ва технологии раванди таълим ва ғайраро муайян мекунанд. Ба ғайр аз ин, вазифаи методологии фалсафа нисбат ба илми педагогӣ дар он зуҳур меёбад, ки он низоми принсипҳои умумӣ ва роҳҳои ташаккули ватандӯстиро кор карда мебарояд.

Тадқиқоти фалсафии ватандӯстӣ асоси назариявии дарки таҷрибаи педагогии тарбияи ватандӯстӣ ва эҷоди назарияҳои педагогии ташаккули он мебошад. Дар асоси паҳлуҳои гуногуни омӯзиши масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар илмҳои психологӣ, педагогӣ ва дигар илмҳо мо хусусият ва асолати мавзуи тадқиқоти худро муайян намудем.

Баррасии масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун предмети тадқиқоти педагогӣ ҳамон хусусиятҳоеро тақозо мекунад, ки имкон медиҳанд дар бораи он ҳамчун падидаи педагогӣ сухан ронем. Хусусияти тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун объекти донишҳои педагогӣ дар он аст, ки он натиҷаи ташаккул ва инкишофи ҳисси муҳаббат ба Ватан дар навъҳои гуногуни одамон, пеш аз ҳама, хонандагону ҷавонон дар раванди таълиму тарбия мебошад.

Дар бораи тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун предмети таҳқиқоти педагогӣ сухан ронда, бояд гуфт, ки сухан дар бораи як барандаи мушаххаси ин шуур меравад. Ба иборaи дигар, соҳаи предмети таҳлили педагогии шуури шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҷанбаҳои иҷтимоию педагогии ташаккули ин падидаро дар доираи этникӣ фаро мегирад. Ба эътибор нагирифтани асли миллатҳо боиси «ҳисобу китоби нодуруст дар ташкили кори таълиму тарбия»

бо бачагоне мегардад, ки дар шароити махсус зиндагӣ мекунанд. «Роҳи маданияти умумии инсонӣ на аз рад кардани хусусиятҳои миллӣ, балки аз ҳисоби хуб донистани онҳо, ба таври максималӣ истифода бурдани унсурҳои пешбарандаи онҳо мебошад. Дар баробари ин, бо дарназардошти ҷанбаи миллӣ дар тарбия, албатта, фароҳам овардани чунин шароити педагогиро дар назар дорад, ки аз насл ба насл интиқоли таассуфҳои миллӣ, таассуб, хурофот, миллатгароӣ, маҳдудияти миллӣ ифода мекунад” [19].

Ба таври дигар, сухан дар бораи хидмат ба ташаккули шахсияти комил, аз ҷумла, тарбияи ватандӯстӣ, ҳама чизи пешқадам, арзишманду пешқадам меравад, ки инсоният дар тӯли ҳазорсолаҳо дар тарбияи насли наврас ҷамъ овардааст. Аз ин рӯ, тарбияи ватандӯстӣ аз арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули фарҳанги муошırати байни миллатҳо ҷудонашаванда аст.

Осори мутафаккирони барҷаста Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофиз ва Саъдӣ, Амирхусрави Деҳлавӣ, Камол Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон барои ғанӣ ва амиқтар кардани нақши мероси адабӣ дар рушди маънавию ахлоқӣ ва тарбияи ватандӯстӣ такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Дар осори онҳо арзиши тафаккур вобаста ба тарбияи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ, ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан, инсонпарварӣ, ваҳдати миллӣ, дӯстӣ, бародарӣ ва ифтихори миллӣ хеле баланд аст. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва корбурди афкори умумибашарии миллӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки «мероси миллии тамоми халқи эрониён» гардидааст, ниҳоят муҳим ва хеле қобили қабул мебошад [121, 384-704].

Ин нахустин асари адабӣ ва фалсафӣ дар фарҳанги ҷаҳонӣ аст, ки дар он мазҳаби тоисломӣ васф шудааст, шоир ҷанги одилона баҳри муҳофизати Ватанро васф кардааст. Дар асар ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ ба хотири мардум ва баҳри саодати халқу Ватан тавсиф шудааст. Ҳамаи он чи ки дар шеър ифода ёфтааст, барои мардуми ҷумҳурии мо, ки ҷанги щаҳрвандиро паси сар кардааст, мафҳумҳои «ҷанг ва сулҳ», «неку бад»-ро бо воқеа ва одамони он

рӯзҳои фоҷиавӣ алоқаманд мегардонад, наздик ва фаҳмост. Омӯзиши «Шоҳнома» аз ҳар ҷиҳат ба тарбияи ватандӯстӣ, муборизони сулҳу осоиши халқ ёрӣ мерасонад, ид ва расму оинҳои дар «Шоҳнома» баёншуда ба эҳёи анъана ва расму оинҳои фаромӯшшуда мусоидат мекунанд.

Ба гуфтаи Н.Г. Чернишевский, шоири пешқадам ва мутафаккир Фирдавсӣ бо андешаҳои воқеъбинона, на танҳо дар адабиёт, балки ба фалсафа ва ҳаёти фарҳангии Шарқи Наздик ва Миёна (пас аз аҳди зардуштӣ) низ, таъсири назаррас гузоштааст. Достони ӯ ба унвони як сарчашмаи тамомнашавандаи афкори баланди ақлӣ на танҳо барои мардуми эронизабон, балки барои равшанфикрони тамоми ҷаҳон ҳамчун манбаи илҳом хидмат мекард ва хидмат мекунад. Мутафаккирни рус ҳамчунин қайд мекунад, ки «Шоҳнома» аз рӯи моҳияти худ як достони қаҳрамонӣ буда, бевосита бо ғояҳои муҳаббат ба Ватан, бо ғояҳои садоқат ба он ва ватандӯстӣ алоқаманд аст [102, 64].

Ҳамин аст моҳияти амиқи ин асари бузург, «аввалин мулоҳизаҳои шоиронаю фалсафии мушкилоти ҷанг ва сулҳ дар маданияти ҷаҳонӣ, ки дар он шоир ба ҷанги одилона баҳри ҳифзи Ватан ва ҳатто бештар дар бораи он баромад мекунад, сулҳи байни ҳамаи халқҳоро ифода мекунад» [102,74].

Боиси хушнудист, ки худи Чернишевский Н.Г. аз 12-солагӣ «Шоҳнома"-ро хондааст ва вақте ки ӯ дар гимназия аз фанни адабиёти Шарқ дарс медод, дар бораи образҳои Рустаму Суҳроб аз «Шоҳнома» суҳбат мекард, хонандагон гиря мекарданд. Ба эътиқоди бархе аз уламо, "Шоҳнома" ба Қуръони Аҷам баробар аст (Аҷам берун аз кишварҳои арабӣ аст).

Ватандӯсти дар осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Восифӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Сайидои Насафӣ, Носири Хусрав, С.Айнӣ ва М.Турсунзода мавқеи хоса дорад. Аксари навиштаҳои онҳо дар бораи мафҳумҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ андешаҳои арзишманд доранд. Масалан, мутафаккирони тоҷик дар бораи аҳамияти мактаб дар азхудкунии асосҳои илм сухан ронда, «тарафдори таълими фарзандони ҳамаи табақаҳо буданд»,

омилҳои тарбия, муҳити зист ва ирсиятро барои ба ҳаёт омода намудани инсон дорои аҳамияти калон медонистанд.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо ватандӯстии мардум такя намуда, ба образҳои Рустаму Сиёвуш, Гурдофарид ва дигарон, ки Ватан ва манфиати халқро ҳифз менамуданд ва ватандӯстии ҳақиқӣ нишон дода буданд, ҷойи махсус додааст.

Носири Хусрав дар «Сафарнома»-аш, ҳасрати дурӣ аз Ватанро (Қабодиён) тасвир карда, Саъдӣ дар «Гулистон» Ватан, зебоӣ ва нотакрории онро васф намудааст.

Мутафаккирони тоҷик вазифаи асосии тарбия ва таълими насли наврасро ташаккул додани ҳисси муҳаббат ба Ватан, омода будан ба ҳимояи манфиатҳои худ медонистанд. Ба қавли Биноӣ «Ҳар ки аз Ватан маҳрум бошад, чун марде дар мотам аст». Биноӣ ва Восифӣ бовар доранд, ки ҳифзи Ватан қарзи ҳар кас аст. «Ҳимояи дину миллат шарафи бузург барои давлат аст», навиштааст яке аз қаҳрамонони асари Восифӣ [88, 36-40].

Зайниддини Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар ҳикоёти алоҳида мардонагӣ, ватандӯстии мардуми худ ва меҳру муҳаббат ба Ватанро нишон додааст. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ, ки муддати тӯлонӣ дар пойтахти Олтин-орда зиндонӣ буд, ишқи пурҷӯшу хурӯш ба Ватан эҳсос мешавад.

Барои низоми тарбияи ватандӯстии мактаб ва умуман, ҷомеа гуфтаҳои асосгузори адабиёти муосири тоҷик С.Айнӣ хеле муфид ва муҳиманд. Ӯ дар яке аз мақолаҳои худ бо унвони «Модар-Ватан» моҳияти ин мафҳумро равшан иброз мекунад. «Ватан-Модар ду чиз аст, ки бо ҳам зич алоқаманданд ва ба одам наздиктарину азизтарин мебошанд. Зодгоҳи ибтидоии кӯдак намии модар аст. Кӯдак пас аз таваллуд асоси тарбияро аз модар мегирад. Аввалин бор зуҳури фарзанди инсон, хонаи аввалини ӯ оғӯши модар ва аввалин тарбиятгари ӯ модар аст. Барои ҳамин ҳам инсон модари худро бештар дӯст медорад ва ӯро наздиктарин, азизтарин ва маҳбубтарин инсон медонад» [4,367-371].

Чунонки С. Айнӣ қайд мекунад, муносибати байни фарзанду модар, фарзанду Ватан амиқтару мукаммалтар ва мустаҳкамтар аст. «Зеро агар модар фарзандашро дар 9 моҳ дар шиками худ ва баъди таваллуд 4-5 сол тарбия кунад, Ватан тамоми умр фарзандонашро тарбия мекунад: аз таваллуд то марг» [4,162].

Тарбияе, ки модар ба фарзандаш медиҳад, воқеан, ҳамон тарбияест, ки Ватан ба воситаи ӯ ба фарзанди худаш медиҳад. Зеро агар Ватан ва шароите, ки фароҳам оварда шудааст, намебуд, модар баъди таваллуд фарзанд таваллуд карда, тарбия карда наметавонист.

С. Айнӣ хулосаҳои худро ҷамъбаст намуда, қайд мекунад, ки тамоми тарбияи фарзандони инсон бевосита аз Ватан гирифта мешавад. Кӯдакон дар Ватани худ сулҳу озодӣ ва ифтихори худро пайдо мекунанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҳар кас дар ватанаш подшоҳ аст» [4, 367-371].

Ба далели он, ки фарзанди инсон умеду озодии хешро дар Ватан пайдо мекунад, худро на танҳо шаҳрванди одии Ватан, балки шоҳи он низ медонад, чунки ӯ озодона зиндагӣ мекунад.

Аз ин рӯ, ҳар як фарзанди шахсе, ки сифатҳои инсонии худро гум накардааст, Ватани худро чун модар дӯст медорад, ҳифз мекунад, ба Ватан хидмат мекунад ва ба хотири манфиати ӯ ҷони худро дареғ намедорад. Ҳамин тавр, чуноне ки аз гуфтаҳои С.Айнӣ маълум мешавад, Ватан ва модар як аст. Хидмат ба модар баробари хизмат ба Ватан аст. Ҳифзи ҳар як кас, манфиати ӯ барои ҳама бояд муқаддас бошад.

Яке аз хидматҳои шоистаи устод С. Айнӣ дар он аст, ки ӯ тавассути осори ватандӯстонааш халқи тоҷикро ба мубоche зидди истилогарон даъват кард. Асарҳои ӯ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Шуриши Муқаннаъ» намунаи классикии тасвири ҳисси волои ватандӯстии халқи тоҷик мебошанд.

Ҳамин тариқ, мероси педагогии халқи тоҷик имрӯз дар ҷомеаи муосири тоҷик бояд рамзи истиқлол ва эҳёи миллат гардад. Ғояҳои дар онҳо ҷойдошта, ватандӯстии ҷаҳониён, ваҳдати миллӣ, дӯстӣ ва бародарии халқҳо,

некуаҳволӣ, одоби нек, адолат ва дигар арзишҳои умумии инсонӣ ҳанӯз ҳам сифатҳои зарурии шуури ватандӯстӣ ва расидан ба тамаддуни ҷаҳонӣ мебошанд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон дар лаҳзаи ғайримуқаррарӣ ва ҳалкунандаи навсозии иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули маорифи халқ дар Тоҷикистон сурат мегирад. Тарбияи шаҳрванд ва муҳаббат ба Ватан ҳамчун яке аз принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» муайян карда шудааст.

Дар Консепсияи таҳсилоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ки яке аз принсипҳои пешбарандаи сиёсати давлат дар соҳаи маориф сулҳдӯстӣ ва муҳаббат ба Модару Ватан мебошад. Азхудкунии анъанаҳои асили миллӣ ва мероси фарҳангии ҷавонон ва дар заминаи онҳо ташаккули шуури ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳими низоми таълиму тарбия ва фаъолияти муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадаф ва вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ, мазмун ва асосҳои илмии он дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов муайян карда шуда буданд [99].

Дар аксар суханрониҳои худ оид ба масъалаҳои маориф ва маданият сарвари давлат ба масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ аҳамияти калон медиҳанд. Дар ин маврид Сарвари давлат вазифаи асосии мактаб ва ҷомеаро дар шароити нави таърихӣ, чунин муайян мекунанд: « тарбияи хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дарки дурусти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ мебошад» [99].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Мақсади мо сохтани ҷомеаи ҳуқуқӣ, ташаккул ва афзун намудани ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстии тамоми сокинони ҷумҳурӣ мебошад. Дар мактаб бояд мушкилоте таҳқиқ гардад, ки имрӯз тамоми ҷомеаро ба ташвиш овардааст: мушкилот дар бобати муҳофизати сулҳу ваҳдат, ягонагӣ, мушкилоти покии ахлоқу ватандӯстиро инъикос намояд» [100].

Моҳи майи соли 2005 Президенти кишвар зимни воҳӯрӣ бо ҷавонон ба тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳи хос намуда, дар давраи имрӯза ташаккули шуури ватандӯстиро яке аз шаклҳои муҳимтарини шуури ҷамъиятӣ дониста буданд. Пешвои миллат бо мақсади беҳтар намудани кор дар ин самт дастур дод, ки муҳлати додани грантҳои давлатӣ барои иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ба тарбияи ватандӯстии ҷавонон машғуланд, наздиктар карда, онҳо на аз 1 январи соли 2006, балки аз 1 июли 2005 амалӣ шаванд. Шумораи грантҳо аз шаш ба даҳ ва маблағи онҳо барои ҳар иттиҳодия аз панҷ ҳазор то даҳ ҳазор сомонӣ зиёд карда шуд.

Дар педагогикаи рус мақсаду вазифаҳои тарбияи ватандустӣ дар асарҳои А.Н.Радишев, В.Г.Белинский, А.И.Герсен, Н.Г.Чернишевский, Н.А.Добролюбов ва дигарон инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои рушди худшиносии миллӣ, тарбияи шаҳрвандиро дар низоми маориф К.Д. Ушинский бо дарназардошти хусусиятҳои менталитети русӣ бо афкори миллӣ зич алоқаманд намудааст. Таълимоти К.Д. Ушинский дар бораи тарбияи миллӣ ҳиссаи барҷастаи педагогии рус ба тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад.

Дар асарҳои В.Ушинский бо дарназардошти хусусиятҳои менталитети мардуми рус тарбияи афкори этникӣ, рушди хусусиятҳои миллӣ ва тарбияи шаҳрвандӣ хеле мукаммал инъикос ёфтааст. Хусусиятҳои маорифи мамлакатҳои Аврупоро омӯхта, ин мутафаккири рус ба хулосае омад, ки дар баробари мавҷуд будани як қатор хусусиятҳои умумӣ низоми ҳар як мамлакат аз ҷиҳати шартҳои махсуси таърихӣ, хусусиятҳои миллӣ, эҳтиёҷот ва талабот хусусиятҳои гуногуни миллӣ дорад.

Хусусиятҳои мукаммали миллӣ на садди пешравии инсоният, балки сарвати он мебошанд. Ба гуфтаи В.Г. Белинский, бе миллат, инсоният абстраксияи мантиқии ҷаҳонӣ, калимаи бе мазмун, садои бемаънӣ мебуд. Ба тарбияи ватандустӣ аҳамияти калон дода, дар баробари ин В. Белинский ҳар як зуҳуроти миллатчигиро маҳкум мекард. Инак, дар тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули фарҳанги муоширати байни миллатҳо тамоюли таъсиррасонӣ ва воридшавии ҳамдигар ба назар мерасад.

Дар тарбияи ватандӯстӣ таълими инкишофдиҳандаи Н. Крупская дар бораи ягонагии байналхалқӣ ва миллӣ дар маданият ягона ва асосӣ мебошад. Андешаҳо дар бораи рафъи бунбасти фарҳангии миллат, ба ҳам наздик кардани миллат ва фарҳанги онҳо, дастгирии хусусиятҳои пешрафтаи миллӣ, мубодилаи мутақобилаи арзишҳои маънавӣ, эҳтиром ба сарватҳои миллии халқҳои хурд, истифодаи анъанаҳои пешбарандаи миллӣ дар тарбияи ҷавонон ва ғайра хеле муҳиманд. Крупский қайд мекунад, ки «ҳар як миллати хурду калон хусусиятҳои миллӣ, анъанаҳои гаронбаҳои фарҳангӣ дорад, ки барои мустаҳкам намудани дӯстии байни халқҳо онҳоро оммавӣ гардондан лозим аст» [54]

Тарбияи байналхалқӣ, ба андешаи Н. Крупская, набудани ҳисси миллиро дар назар надорад, балки баръакс, дар он принсипи умумибашарӣ ифода ёфтааст. Афкори Н.Крупская дар бораи аҳамияти омӯзиши адабиёти миллӣ имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст: «Мо ҳам бояд танҳо бо адабиёти рус маҳдуд нашавем, балки дар бораи адабиёти хориҷӣ ва адабиёти ақаллиятҳо каме тасаввурот дошта бошем. Ин шовинизми бузурги рус аст, ки дар минтақаҳое, чун тоторҳо, чувашҳо, ойротҳо ва дигарон бо ҳам наздик зиндагӣ мекунанд» [54].

Аввалин комиссари халқии маорифи РСФСР А.В. Луначарский дар як қатор асарҳояш ба ташаккули худшиносии миллии насли наврас таваҷҷуҳи хосса намуда, асоси таълими фанҳои таълимиро дар мавҷудияти принсипи байналхалқӣ, принсипи байналмилалӣ мебинад [65].

Кори олимони тоҷик дар соҳаи педагогика низ барои низоми тарбияи ватандӯстӣ пурарзиш аст. Масалан,дар таҳқиқоти олимон М.Орифӣ, И.Обидова, М.Лутфуллоев, Х.Буйдоқов, Ф.Шарипов, Т.Носиров, Қ.Қодиров ва як қатор муҳаққиқони дигар, пояҳои назариявии ватандӯстӣ, паҳлуҳои гуногуни анъанаҳои фарҳанги миллӣ ва истифодаи онҳо дар таълиму тарбияи насли наврас муайян шудаанд.

Боарзиштарин ва ба мавзуи тадқиқоти мо наздиктарин манбаъ китоби академик М.Лутфуллоев «Шарафномаи миллат» мебошад, ки дар он муаллиф

бо ифтихори хоса моҳияти ватандӯстӣ ва тарбияи ватандӯстиро шарҳ дода, дар бораи ватандӯстии ҳақиқӣ як қатор мисолҳои боварибахш овардааст. Муаллиф бо истинод аз классикон ва назарияшиносону адибони муосир суханҳои зиёде далел овардааст [67, 90-102].

Ҳамин тавр, дар шароити ташаккули давлатдории миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба этногенез, дарки арзишҳои таърихӣ, ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва давлатдории ҳақиқӣ беш аз пеш воқеист. Ва ин аз афзоиши шуури ватандӯстӣ, бедории таваҷҷуҳ ба идомаи таърихии мардуми худ, эҳёи сохторҳои миллӣ ва давлатӣ, забонҳои миллӣ, дину мазҳаб, рӯзгор, муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, анъанаҳои миллии тарбиявӣ, идҳои халқӣ, урфу одатҳо, расму оинҳо, асолати системаҳои тарбия ва ғайра дарак медиҳад.

Дар мавҷи ин манфиатҳои аз ҷиҳати мантиқӣ асоснок низ тамоюлҳои баръало манфӣ, муносибатҳои минтақавӣ, маҳалгароӣ, тангбинии миллӣ, поймол кардани ҳуқуқи миллатҳои дигар зуҳур мекунанд. Буҳрони амиқи иқтисодиву сиёсӣ заминаи ҷанги шаҳрвандии бародаркушӣ гардид, ки хислатҳои суннатии миллии тоҷикон, аз қабили сулҳдӯстӣ, некдилӣ, эҳтиром ба хотираи ниёгон ва оромгоҳҳои этнофарҳангӣ, ватандӯстӣ, ваҳдати миллӣ, эҳтиром ба куҳансол, халқҳои дигар, ба арзишҳои маданияти миллӣ ва ҷаҳонӣ поймол гардида буданд.

Дар даврони истиқлоли давлатӣ низоми маорифи кишвар бо суръат пеш рафт. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва нақши он дар муттаҳидсозии ҷомеаи тоҷик ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, ҷиҳати рушди тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии давлатиро ба имзо расонданд, ки бевосита ба беҳтар шудани тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии хонандагон дар соҳаи маориф мусоидат мекунанд. Далел ин гуфтаҳо ба тасвиб расидани қонунҳои ҶТ «Дар бораи маориф», «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», «Консепсияи мактаби

миллӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон» ва амсоли инҳо мебошад.

Идеяҳои пешбаранда ва бартаридоштаи ин ҳуҷҷатҳо ба ташаккули инсондустӣ, озодихоҳӣ, ватандӯстии равандҳои тарбия, фароҳам овардани шароити иҷтимоию фарҳангӣ барои худтакмилдиҳии шахсият, инкишофи неруи эҷодӣ мусоидат менамоянд.

Масъалаи ташаккули шуури ватандӯстӣ дар байни зиёиён, пеш аз ҳама омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар вазъиятҳои пешраванда ва таназулёбандаи иҷтимоию сиёсӣ, равандҳои этникӣ ва байнимиллӣ фаъоланд, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Дар Тоҷикистон аснои ҷанги шаҳрвандӣ ва задухӯрди мусаллаҳона ин сифатҳо коста гашта, маҳалгароӣ нуфуз карда, дар байни намояндагони миллатҳои гуногун зиддият ба вуҷуд омад. Ба ҷанги шаҳрвандӣ ҷалб намудани омӯзгорону насли ҷавон метавонад дар заминаи байниминтақавӣ манбаи задухурдҳои нави хавфноктарро рӯи кор орад.

Дар чунин вазъияти мураккаб зарурати таҳқиқи таъҷилӣ ба миён меояд, ки мушкилоти ташаккули шуури ватандӯстӣ таҳқиқ шуда, сабабҳои худшиносию худогоҳии миллӣ минтақавӣ ва огоҳии мансубияти маҳаллӣ бар худшиносии миллӣ бартарӣ пайдо менамояд, чунки зуҳуроти қабилавӣ ва маҳалгароӣ,беэҳтиромӣ нисбат ба намояндагони дигар минтақаву миллатҳо боқӣ мондааст.

Тарбияи ватандӯстӣ шарти ҳатмии соҳибихтиёрӣ ва давлатдории ҳар як халқ аст. Дар шароити кунунӣ ин раванд асосан дар оилае ҷараён мегирад, ки барандагони анъанаҳои оилавӣ пирони он мебошанд. Аммо дар шароити бухронии тарбия эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба миён меояд, ки онро бо тадбирҳои таъсири давлатию иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба нафъи ҷавонон нигаронидашуда таъмин менамояд, ки ба азхудкунии арзишҳо, ҷомеаи фаъол ва пешбаранда равона шудааст.

Низоми тарбияи ватандӯстӣ дар ҷумҳурӣ бо ташаккули фарҳанги муоширати байни миллатҳо алоқаи зич дорад, зеро маҳдудияти арзишҳои

миллӣ-ватандӯстӣ боиси пайдоиши миллатгароӣ ва ҷудо шудан аз фарҳанги ҷаҳонии техника ва технологияи муосир мегардад. Аз ин рӯ, мо ба ягонагии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣ дар ин замина омӯзишу осори таърихиву фарҳангии ниёгон ва донишмандони тоҷик ҷиҳати ташаккули тарбияи ватандӯстӣ такя намудем.

Бо дарназардошти таносуби арзишҳои умумибашарӣ бо арзишҳои миллӣ, К.М.Хоруженко қайд мекунад, ки арзишҳои умумибашарӣ одатан ба арзишҳои синфӣ мухолифанд ва дар доираи равиши синфӣ нақши арзишҳои умумибашариро иваз мекунанд. Механизми татбиқи арзишҳои умумибашарӣ афзалияти онҳоро нисбат ба арзишҳои ҳар як сохтори иҷтимоӣ ва сиёсӣ талаб мекунад.

Вобаста ба ин, тарбияи ватандӯстӣ бояд бо ташаккули фарҳанги муошırати байни миллатҳо зич алоқаманд бошад, ки ба арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст.

Дар ин самт, омӯзиши афкори В. Караковский ҷолиби диққат аст, ки ба асосҳои педагогии ташаккули арзишҳои умумибашарӣ бахшида шудааст [53].

Дар фаъолияти таълиму тарбия, ба гуфтаи В. Караковский, арзишҳои зерини умумибашарӣ аз ҳама муҳиманд:

- замин хонаи умумии инсоният аст;

- Ватан ягона, барои ҳар як инсон такрорнашаванда аст, Ватане, ки тақдир ба ӯ додааст, аҷдодаш онро ҳифз кардааст;

- оила воҳиди миллии сохтории ҷомеа, муҳити табиии рушди кӯдак мебошад, ки заминаи шахсиятро мегузорад;

- меҳнат асоси мавҷудияти инсон аст, ки моҳияти инсонро пурратар тавсиф мекунад;

- дониш натиҷаи кори гуногунҷабҳа ва пеш аз ҳама эҷодист;

- маданият сарвати бузургест, ки инсоният дар ҳаёти моддӣ ва ҳам дар ҳаёти маънавии хеш ба даст овардааст;

- сулҳу тинҷӣ, амонӣ байни одамон, миллатҳо ва давлатҳо, шарти баробари мавҷудияти замину башарият аст;

- инсон арзиши мутлақ, меъёри ҳама чиз, ҳадаф, восита ва натиҷаи тарбия аст [53, №2. С.4-8].

Академик М. Лутфуллоев дар асараш «Андешаи миллӣ ва тарбияи он» дар мавриди худшиносӣ чунин овардааст: «Байни худшиносию ваҳдат робитаи ногусастанист. Худогоҳӣ, худшиносӣ ё хештаншиносӣ, ки ҳар се як мафҳумро ифода мекунанд маънои васеъ доранд. Маънои фалсафии онро як тараф монему маънои оддии ба худамон наздикро бигирем, худогҳӣ, яъне худро дарк карда; худро ҳамчун шахс фаҳмидан; мувофиқи фаъолияту аъмоли худ муносибат кардан; ба кору кирдори худ баҳо дода тавонистан аст. Чун шахс ин фазилатҳоро доро мешавад ва худро то андозае мешиносад, тақдирашро ба тақдири миллату меҳан мепайвандад ва дар шахс хоҳ-нохоҳ дархости ба қадри Ватану миллати худ, забон ва адабиёти худ, таъриху фарҳанги кишвари худ, ба хотири халқу Ватани азизи худ ҷон сипар кардан пайдо мешавад» [67,36].

Ҳамин тариқ, дар тарбияи ватандӯстӣ на танҳо арзишҳои миллӣ, балки арзишҳои умумибашарӣ ба мақсад мувофиқ буда, маҷмӯи идеалҳо, принсипҳо, меъёрҳои ахлоқие мебошанд, ки барои тамоми одамон, тамоми башарият, миллат, дин, маълумот, синну сол ва ҷинс сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ умумӣ мебошанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки тарбияи ватандӯстӣ бо тарбияи меҳнатӣ, маданӣ, ахлоқӣ, байналхалқӣ мақсаднок сурат гирифта, маданияти муошироти байни миллатҳо ба таври ҳақиқӣ ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, хулосаҳои тадқиқоти ҷомеашиносон ва олимони соҳаи маориф ба мо имкон доданд, ки падидаи тарбияи ватандӯстӣ, сохтор, вазифаҳои он ва зарурати ташаккули ватандӯстиро дар шароити нави сиёсию маънавӣ, дар шароити соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ дарк намоем.

Бинобар ин, саҳми назарраси тадқиқот оид ба ташаккули шуури ватандӯстӣ дар илмҳои ҷамъиятию педагогӣ амиқтар ва ғанӣ гардонидани асосҳои назариявии он мебошад, ки бешубҳа, барои рушди минбаъдаи ин самтҳои афзалиятноки тадқиқот замина шуда метавонад.

## Хулосаи боби 1

Зимни тафсири тарбияи маънавии хонандагон ва роҳҳои ташаккули он муайян карда шуд, ки тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ маҳсуб ёфта, мафҳумҳои Ватан, ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ маънои фарох доранд ва паҳлуҳои зиёдро аз ҷумла, эҳтироми таърих, расму оинҳо, суннатҳои миллӣ, табиат, илму дониш, фарҳанг, ифтихор аз номи пешиниён ва хизмат ба халқу миллатро фаро мегиранд.

Ба хулосаи мо, насли наврасро он тавре бояд тарбия намуд, ки онҳо ба ҳадди худогоҳӣ ва худшиносӣ расидаву аз манзари тафаккури навини миллӣ воқеъиятро баҳо дода тавонанд, ҳамовою ҳамфикри ҷаҳони муосир буда, фарҳанги воло доштаву муҳофизи воқеии асолати миллии хеш ва сарватҳои маънавии он бошанд.

Дар даврони соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли давлатӣ бо дарназардошти тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ва ба яке аз мушкилоти глобалӣ табдил ёфтани он, афзудани талабот ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва рушди наслҳое, ки вазифаҳои муҳими бунёди ҷомеаи навин минбаъд ба дӯши онҳо гузошта мешавад, такмилу таҳким ва нав кардани мазмуну шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ гардондани мақсаду вазифаҳои он ва ба ин васила, тарбия намудани насли воқеан худогоҳу худшинос ва ватандӯсту меҳанпараст мабнои фаъолияти омӯзгору муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Аз ин рӯ, бояд умдатарин вазифаи мактаби миллӣ тарбияи инсони соҳибмаърифат, худогоҳу хештаншинос, меҳанпараст, бунёдкору ояндасозест, ки муносибати инсонгароёна ба табиату ҷамъият ва тани солиму рӯҳи солим дошта бошад. Имону эътиқод, ҳифзи таъриху фарҳанги гузаштаву муосири халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстиву ватандории наврасону ҷавонон ва раҳнамоии онҳо баҳри ободии Ватан бояд аз самтҳои асосии фаъолияти мактабу шогирдон қарор дода шавад.

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ нишон дод, ки солҳои охир таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон ба омӯзиши масъалаи тарбияи ватандустӣ ва ташаккули он миёни наврасону ҷавонон чи дар педагогика ва чи дар дигар илмҳо бештар шудааст. Дар ҳамин ҳол, тамоюли соҳибихтиёрии давлатҳо, тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии ҷомеа, афзоиши эҳёи афкори миллӣ, тақвият бахшидани шуури миллӣ-ватандӯстӣ, ташаккули шаклҳои хоси миллӣ дар шуури инсоният, эҳёи забон, фарҳанги миллӣ, дин, анъанаҳо, амиқ ва ҳаматарафа омӯхтани мушкилоти тарбияи ватандӯстии миллӣ дар илми психология ва педагогика ба амал меояд.

Асарҳои дар боло зикргардида, ба вижа, асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дар мустаҳкам намудани асосҳои назариявӣ ва методии масъалаҳои тарбияи ватандустӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Ин асар мазмуни кори тарбиявиро такмил дода, ба ташаккули ватандӯстии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар замони истиқлоли давлатӣ донистани назария ва амалия, ҳамчунин усули муосири тарбияи ватандӯстӣ аз ҳар як омӯзгор тақозо гардида, ин ҷо бояд тарбиятдиҳандагон бештар ба масъалаи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ таваҷҷуҳ намоянд ва дар ин замина дар замири хонандагон меҳри Ватан, ифтихор намудан аз Ватани хешро парвариш намоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки феълан фаъолияти педагогии омӯзгорон дар ин самт нокифоя буда, такмилу инкишофи тарбияи ватандӯстии насли наврас кам ба назар мерасад ва ин дар нишондодҳои зерин аён мегардад:

- омузиши нокифояи равандҳои тарбияи ватандустӣ дар фаъолияти педагогӣ;

- коркард нашудани масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар алоқамандии зич бо ташаккули фарҳанги муоширати байни миллатҳо дар байни хонандагон дар давраи таҳсил, инчунин дар шароити корҳои беруназсинфӣ ва фаъолияти таълими иловагӣ;

- нокифоя будани робита ва ҳамкории мақсаднок ҷиҳати тақвияти тарбияи ҳувияти миллӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ, сулҳпарварӣ ва ҳамоҳангии миллӣ, таҳаммулпазирӣ ва амсоли инҳо;

- таваҷҷуҳи нокифоя ба истифодаи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ дар тарбияи ватандӯстӣ;

- нокифоя истифода шудани воситаҳои илман асосноки педагогӣ, усул ва шаклҳои муосири тарбияи ватандӯстӣ дар фаъолияти педагогӣ;

- ташаккули шуури умумихалқӣ дар насли наврас ба ин васила бартараф намудани муносибатҳои маҳалгароӣ;

- дар шароити ҷаҳонишавӣ зуҳури тамоюлҳои номатлуб, аз ҷумла, ақидаҳои бегонапарастӣ ва зери таъсири онҳо коҳиш ёфтани ватандӯсти миёни насли ҷавон.

Ҷиҳати ҳалли мушкилоти зикршуда кормандони соҳаи маориф махсусан омузгоронро мебояд чун фарди бонангу номуси миллат, ватандӯст ва ватандори асил фаъолият намуда, ба шогирдон мафҳуми Ватан, ватандӯст кист, нишонаҳои ватандӯстӣ дар чӣ ифода меёбад, ватандӯстӣ рукни асосии мафкураи миллӣ ва муҳимтар аз ҳама ваҳдатгароиро омӯзонанд ва онҳоро чун як насли худогоҳу хештаншинос ва меҳанпараст дар руҳияи меҳанпарастӣ тарбия намоянд.

Ин масъаларо Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд. Месазад, ки нуктаеро аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2008) дар ин бахш ёдовар шавем, ки иброз намуда буданд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат-аз шаҳрванди одӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ таблиғи бедории миллӣ, зиракию хушёрии сиёсӣ, хисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими Ваҳдати миллӣ мебошад» [93].

Пешвои миллат ба мо тавсия ва супоришоти муайяну мушаххас додаанд, то дар масоили зикргардида кору пажуҳишро бештар намоем ва маъниҳои нобу муассир ба насли наврас бирасонем. Онҳоро чунон тарбия намоем, ки чун шаҳрвандон ва ватанпарастони асил ба воя бирасанд.

Роҳбари давлат ҷиҳати инкишофу таҳкими тарбияи ватандӯстии насли ҷавон икдомҳои наҷиб намуда, ба воситаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ онҳоро дар амал татбиқ менамоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон маҳз бо ибтикори Сарвари давлат таҳия ва қабул гардид, ки тамоми самтҳои асосии тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавононро фаро гирифтааст. Ташаббуси дигари Президенти кишвар дар хусуси ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷудо намудани грантҳо бобати тарбияи ватанпарастии ҷавонон боз як қадами устувор дар рушди тарбияи ватандӯстии насли ҷавон ба шумор меравад..

Аз ин рӯ, ҷавонони бонангу номуси Ватанро мебояд, ба қадру эҳтироми дастоварди беназири таърихии худ расида, Истиқлолу озодӣ ва Ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз намудаву дар бақояш камари ҳиммат бубанданд.

Тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ буда, мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ», «ҳисси шаҳрвандӣ» самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад ва татбиқу истифодаи бошууронаи онҳо дар мактаб ҳисси шаҳрвандӣ, сифатҳои олии хештаншиносию ватандӯстии хонандагонро баланд бардошта, арҷ гузоштан ба мероси ниёгон, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва гиромӣ доштани истиқлолу ваҳдати миллӣ, рамзҳои давлатиро дар ниҳодашон таҳким мебахшад,насли ҷавонро дар руҳияи меросбари шоистаи давлатдории миллӣ тарбия менамояд.

# БОБИ 2. «ТОҶИКОН»- И АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ВА МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ОН

## 2.1. Аз таърихи нашри китоби «Тоҷикон»

Донистан ва омӯхтани таърихи гузаштаи халқи худ яке аз роҳҳои худсозию худшиносист. Надонистани таърихи Ватану мардуми хеш маънои бетарафӣ ба гузаштаро дорад. Агар ҳастии мардумро ба мисли дарахт ҳисобем, бешак, гузаштаи ӯ, ки дар қаъри замонҳо фурӯ рафтааст, решаи ӯст. Дарахт бо ҳама баргу шох аслан аз реша ғизо мегирад. Миллате, ки гузаштаву таърихи худро намедонад ва ба он эҳтиром нагузошта, баҳри ҳифзаш намекӯшад оянда надорад.

Осори фарҳангиву таърихии Бобоҷон Ғафуров наздики 400 адад буда, дар миён шоҳасарҳои безавол аз қабили «Тоҷикон», «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», «Давраи Кӯшониён ва тамаддуни ҷаҳонӣ», «Тадқиқи тамаддуни Осиёи Марказӣ», «Равобити таърихии Осиёи Марказӣ бо мамолики Шарқи араб», « Ал-Форобӣ дар таърихи тамаддун», «Искандари Македонӣ ва Шарқ» ва даҳҳои дигарро бо камоли ифтихор метавон ном бурд.

Соли 1944 нашриёти давлатии назди Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон китоби Бобоҷон Ғафуров ва Н.Прохоров-ро бо номи «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан» (Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон ) бо забони русӣ чоп кард.

Соли 2012 Нашриёти «Адиб» ба ифтихори ҷашни 21-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти аҳамияти таърихӣ ва мақсади рӯшансозии талошу муборизаҳои халқи тоҷик баҳри озодӣ ва истиқлоли Ватани худ, гузаштаи пурғановати халқи тоҷик китоби мазкурро аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума намуда, пешкаши хонанда кард.

Аввалин маротиба асари Бобоҷон Ғафуров бо номи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» соли 1947 дар нашрияи Сталинобод дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ чоп шуд. Ин асар қадами нахустин дар роҳи таълифи таърихи мукаммали халқи тоҷик ба шумор рафта,

раҳнамои илми таърихшиносӣ дар Тоҷикистон ва берун аз он гардид. Аҳамияти ин асар барои минтақа дар он буд, ки Бобоҷон Ғафуров таърихи тоҷиконро дар ҳамбастагӣ бо таърихи дигар халқҳои минтақа мавриди таҳлил қарор додааст. Вале ин ҳамбастагӣ нишондиҳандаи дар ҳамаи самтҳо мавқеи ҳалкунандаву асосӣ доштани тоҷиконро бо далеҳои раднопазир исбот намудааст. Бо ин кашфиёт ва таъринигорӣ Бобоҷон Ғафуров тавонист фаҳмиши беасоси пантуркистонро дар минтақа ҷиҳати маҳдуд сохтани таърихи нахустбошандагони минтақа, яъне тоҷикон, дар доираи ҳудудии Тоҷикистон исбот намояд.

Баъдтар китоби мазкур солҳои 1949, 1952, 1955 дар шаҳри Москва бо забони русӣ нашр шуда, ҳар ҳафта ба он иловаҳо ва тағйирот дохил карда мешуданд. Ба ин асар олимони машҳури Шуравӣ ва пеш аз ҳама устод С. Айнӣ, сипас А. Ю. Якубовский, М. М. Дяконов, Н. А. Кисляков, С. П. Толстов ва олимону таърихшиносони ИМА,Олмон, Чехия, Ҳиндустон, Афғонистон, Покистон ва дигар кишварҳо баҳои баланд доданд.

Б. Ғафуров соли 1952 бомуваффақият рисолаи доктириро дифоъ кард. Маҳз дар ин солҳо чанд маҷмуа зери назари ӯ чоп шуд ва як гурӯҳ аспирантҳо таҳти роҳбарии ӯ диссертатсияҳои худро ҳимоя намуданд.

Бобоҷон Ғафуров бо ҳамроҳии академик Б.А. Литвинский ҷилди якум ва бо ҳамроҳии А.М. Беленитский ҷилди дуюми китоби мазкурро таҳрир намуда, минбаъд корро дар ин самт давом до два ниҳоят соли 1963-1965 китоби «Таърихи халқи тоҷик» дар се ҷилд ва панҷ китоб ба нашр расид.

Бобоҷон Ғафуров таҳқиқоти мунтазами ҷамъбастии хешро дар шоҳасараш «Тоҷикон» инъикос намудааст. Ин асар асари бузурги илмие маҳсуб меёбад, ки таърихи халқи тоҷикро аз замонҳои қадим то ғалабаи Инқилоби Октябр дар бар гирифтааст. Таълифи он соли 1960 ба итмом расида бошад ҳам,бо пайдо шудани маъхазҳои нави таърихӣ иловаҳо ворид карда мешуданд ва таҳқиқот идома меёфт. Дар натиҷа соли 1972 асари ҷомеи «Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история» - ро ба забони

русӣ дар нашриёти «Наука-и шаҳри Маскав ба теъдоди 10 ҳазор нусха ба чоп расонд.

Соли 1977 бо забони ҷопонӣ ва соли 1978 дар Варшава бо забони лаҳистонӣ ба табъ расидааст.

Соли 1984 муаррихи шинохтаи Афғонистон профессор,Ҷалолиддин Сиддиқӣ китоби «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи китоби якуми чопи Душанбе бо ҳуруфоти арабӣ баргардон намуда, дар Кобул ба нашр расонидааст. Ин асар бо забони англисӣ дар Деҳлӣ низ чоп шудааст.

Рӯзноманигори варзидаи узбек Ҳасан Бердиқулов такя ба забони русии ин асар китоби «Тоҷикон»-ро дар ду ҷилд 1523 саҳифа бо забони узбекӣ тарҷума намуда,дастраси халқи узбек кардааст.

Зикр мегардад, ки қисми аввали асари мазкур соли 1983 ва қисми дувуми он соли 1985 ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр шудааст. Соли 1985 ҳайати сарредаксияи адабиёти Шарқи нашриёти «Наука»-и Москва асарҳои мунтахаби академик Бобоҷон Ғафуровро дар як ҷилд нашр кард. Муҳаррири китоби «Тоҷикон» академик Б. А. Литвинский пеш аз нашри асар дар хусуси теъдоди китоб ва номи асар ақидаи худро ба муаллиф Б. Ғафуров ба таври зерин изҳор намудааст: «Зери мафҳуми тоҷик ман этнографияро мефаҳмидам ва хостам номи китобро тағйир диҳем. Аммо Бобоҷон Ғафуров исбот кард, ки ин тавр нест ва бо далелҳои худ маро қонеъ гардонд. Дар масъалаи дуюм ҳақ бар ҷониби ман буд. Ман теъдоди китобро 50 ҳазор муқаррар кардам ва Ғафуров исрор мекард, ки аз 10 ҳазор зиёд нашавад. Чаро? Аз он ки китоб дар дуконҳои китоб зери ғубор хобад, даст ба даст гардад беҳтар аст. Ҳақ будани ман нахустрӯзи  бо ба фурӯш расидани китоб исбот шуд. «Тоҷикон» -ро дар ягон маркази китобфурӯшӣ ба осонӣ пайдо кардан мумкин набуд. Ҳазорон муштоқони ин китоб ҳам аз мардуми Шуравию ҳам хориҷӣ, бо ташриф, занги телефон ва мактубҳои худ Бобоҷон Ғафуровро ва ҳам маро ором намегузоштанд» [122,7].

Дар даврони истиқлоли давлатӣ «Тоҷикон» бо теъдоди зиёд солҳои 1998, 2009, 2010, 2011 нашр шуда, дар соли 2011 ба забони англисӣ ба табъ расидааст.

Соли 2020 ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар асоси тарҷумаи тоҷикии солҳои 1983 ва 1985 бо номи «Тоҷикон» (таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав) аз нав чоп шуда, ҳамчун туҳфа аз номи Президенти мамлакат ба ҳар як оилаи халқи тоҷик ройгон тақдим гардид.

Дар асари мазкур таърихи куҳани халқи тоҷик аз замони қадим то имрӯз бо далеҳои раднашавандаи таърихиву фарҳангӣ ва забонӣ таҳқиқу таҳлил ва таркиб шудааст, ки қаҳрамонӣ ва падидаи нав дар илми таърихшиносӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф дар асар на танҳо манзараи таърихиро тасвир намудааст, балки тарҳи таърих, пайкараи зиндаи онро бо тамоми мураккабию зиддиятҳояш инъикос кардааст. Мавриди зикр аст, ки равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, қонунҳои умумии инкишоф ва зуҳуроти мушаххаси онҳо, масоили таърихи этникӣ, таърихи тамаддун ва ғайра то ин вақт ҳаргиз ба ин амиқӣ таҳлил ва таълиф нашуда буданд.

Бо асари худ-«Тоҷикон» номи Б. Ғафуров дар таърихнигории ватанию ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои заррин сабт шуда, мақоми аллома ва нобиғаи илму сиёсатро гирифт.

Имрӯз барҳақ метавон гуфт, ки ин асар натиҷаи ҷамъбастии тамоми тадқиқоте мебошад, ки то ибтидои солҳои 70- уми асри XX дар илми ховаршиносии ҷаҳон ба даст омада буд. Бобоҷон Ғафуров зимни ин асар танҳо манзараи таърихиро тасвир накарда, балки тарҳи таърих, пайкари зиндаи онро бо тамоми мураккабию мухолифатҳояш нишон додааст. Зикр мегардад, ки равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, қонунҳои умумии инкишоф ва зуҳуроти мушаххаси онҳо, масоили таърихи этикӣ, таърихи тамаддун то ин вақт ҳаргиз ба ин амиқӣ таҳлил ва таъриф нашуда буданд.

Мавриди зикр аст, ки пайдо шудани асари ҷомеи Б. Ғафуров «Тоҷикон» ба ҳама гуна таҳрифоти мавҷудаи таърихӣ -этникии халқҳои Осиёи Миёна хотима дода, ҳуқуқи тоҷиконро ба мероси таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии худ барқарор намуд. Ва аз ҳамин рӯ, ин асари муқаррарӣ набуда, асарест, ки таърихи чандҳазорсолаи халқеро, баён месозад, ки роҳи дуру дарозеро тай намуда, қариб дар ҳар як марҳилаи таърихӣ барои ҷисман зинда мондан, барои осори маданиашро ҳифз намудан, барои ҳаққу ҳуқуқи маънавияшро барқарор намудан пайваста мубориза бурдааст.

Мазмуну муҳтавои китоби «Тоҷикон» - ро ғояҳои дӯстии бародаронаи халқҳои ин минтақа фаро гирифтааст, дар он умумияти сарнавишти таърихии онҳо инъикос ёфтааст. Б. Ғафуров дар саҳифаҳои нахустини китоби худ махсус таъкид менамояд, ки « …омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон, саҳми ба худ хоси мустақилонаи онҳо ба ганҷинаи умумии тамаддуни башарӣ бо омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо ошкор намудани он чи ки онҳоро муттаҳид сохтааст, алоқаи ҷудонашаванда дорад. Дар асоси чунин омӯзиш решаҳои амиқи таърихии ҳамкории бародаронаи халқҳои Осиёи Миёнаро муайян кардан имконпазир хоҳад шуд» [28, 19].

Бобоҷон Ғафуров ба таври боварибахш исбот намуд, ки «…тадқиқи таърихи халқи тоҷик барои фаҳмидани манбаъҳои робитаҳои анъанави халқҳои Осиёи Миёна мадад мерасонад» [28,19].

Мо аз он ифтихор дорем, ки номи устод Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муаррихи барҷаста дар саҳифаи илми таърихнигории ватанию ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст.

Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки асари мазкур шуруъ аз соли 1944 зиёда аз 16 маротиба мавриди нашр қарор гирифтааст. Махсусан, дар даврони Истиқлоли давлатӣ ин асар 5 маротиба, аз ҷумла, солҳои 1998, 2009, 2010, 2011 ва билохира соли 2020 ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмоназ нав чоп шуда, ҳамчун тухфа аз номи Сарвари давлат ба ҳар як оилаи тоҷик ройгон тақдим гардидааст.

## 2.2. Қисмҳои асар ва мазмуни умумии онҳо

Асари илмӣ, таърихӣ ва бунёдии «Тоҷикон» -и академик Бобоҷон Ғафуров бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади ошноӣ пайдо кардан ба гузаштаи пурифтихори халқи тоҷик ва баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ аз нав дар як ҷилд интишор шуда, дар арафаи 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як хонаводаи тоҷик тухфа шудааст.

Шоҳасар аз 6 фасл 21 боб ва 70 зербоб, тавсифи сарчашмаҳо, адабиёти истифодашуда, осори классикони марксизм-ленинизм, монография, мақолаҳо, сарчашмаҳо, рӯйхати ихтисораҳо, феҳристи ашхос, феҳристи номҳои ҷуғрофӣ ва топографӣ, феҳристи номҳои этникӣ, тарҷимаи ҳоли Бобоҷон Ғафуров- Қаҳрамони Тоҷикистон ва тавзеҳот, ҷамъ 976 саҳифа иборат буда, фаслу бобҳо мазмуни зеринро доранд.

Ин шаш фасл таърихи чандҳазорсолаи халқи тоҷикро фаро гирифтааст. Ба навиштаи бештари донишмандон фаслбандии китоб вобаста ба ниёзу талаботи онрӯзаи ҷомеаи Шуравӣ ва методологияи марксиситии таҳқиқи таърих шакл гирифтааст. Тавре маълум аст, фаҳмиши синфии таърих ва муборизаи синфӣ дар меҳвари таълимоти марксистӣ ҷойгир буд.

**Фасли якуми «Тоҷикон»** «Сохти ҷамоати ибтидоӣ ва заволи он дар сарзамини Осиёи Миёна» ном дорад. Сохти ҷамоати ибтидоӣ дар баёни форматсионии марксистӣ як чизи маъмул ва ҳатмӣ буда, тамоми китобҳои таърихи халқи собиқ Шуравӣ бар ин поя нигошта мешуданд. Ин давраро муаррихон давраи тотаърихӣ ҳам меномиданд. Мафҳуми мазкур аз асри XIX ба илми ворид гардид [12].

Боби якуми ин фасл «Ҷамоати ибтидоӣ дар Осиёи Миёна» ном дорад. Дар бахши аввали он нахустин марҳилаи асри санг– палеолитро муаллиф ба баҳсу баррасӣ кашида, дар бораи ҷойгоҳи ин марҳила дар Осиёи Миёна ва муҳимтарин кашфиёти марбут ба ин давра маълумот додааст. Бузургтарин муҳаққиқони ин марҳила дар Осиёи Миёна А.П.Окладников ва В.М.Ранов ба

шумор мерафтанд. Академик Б. Ғафуров дар хусуси монандии ашёи ёфтшудаи Аврупо ва ҳудуди Туркманистон муҳокима ронда ба хулосае мерасад, ки ин далели раднопазири қадимӣ будани сарзамини аҷдоди тоҷикон ва гаҳвораи тамаддуни инсоният будани Осиёи Миёна мебошад [28,43].

Дар хусуси осори палеолити миёна дар ҳудуди Осиёи Миёна муаллифи китоби «Тоҷикон» бар ин бовар буд, ки пайдо шудани масканҳои одамони ин давра дар ҳудуди Ӯзбекистон ва Тоҷикистон назари донишмандони ҷаҳонро тағйир дод. Ғори Тешиктош кашфиёти бузурге буд, ки нигоҳи донишмандон ба Осиёи Миёнаро дигаргун кард. Монанд будани маданиятҳои ҳудуди Осиёи Миёна бо Осиёи Шарқӣ дар давраҳои минбаъдаи таърих низ ба мушоҳида расидааст.

Дар идомаи китоб марҳилаи барои таърих муҳими ташаккули инсони имрӯза ё Homo sapiens, ки ба қавли устод Б. Ғафуров, ба 40-35 ҳазор сол қабл мерасад, баррасӣ гардидааст. Дар ин қимат истеҳсоли дастаҷамъӣ ё коллективонӣ бо такя бар идеологияи замони Шуравӣ дарҷ гардида, тавсифи истеҳсоли оташ, сохти нахустин манзилҳо ва ривоҷи шикор мароқангез мебошад. Русуми дафни инсонҳо ва пайдо шудани дину ойинро муҳаққиқи ин давра, академик А.П. Окландинков ба ҳамин давра мансуб медонад [88,56].

Осори давраи санги миёна (мезолит ва неолит), ба ақидаи Б.Ғафуров, дар ҳудуди Осиёи Миёна, аз ҷумла, Тоҷикистон хеле зиёд ба даст омадааст, ки намунаи он бозёфтҳо дар Норак, Тутқавул ва Обикиик мебошад [28,49].

Ёдгориҳои асри нави санг, ки ҳамроҳ бо муҷассамаҳои гилин аст, намунае аз пайдо шудани эътиқоду ойин дар байни сокинони қадимаи Осиёи Миёна мебошад.

Қадимтарин тасвирҳои рӯйи санг ё ба таъбири дигар, петроглифҳо аз назари устод Б. Ғафуров, инъикоси рӯйдодҳои муҳими он рӯз, яъне шикор мебошад. Инсонҳо мехостанд ҳолати худро тасвир кунанд. Ин ки ҳазор сол қабл устод Рӯдакӣ фармуд, инсонҳо дар ҳар замоне рози донишро баён карда,

дар санг ҳам менавиштанд (то ба санг андар ҳаме бингоштанд), ишора ба ҳамин воқеият мебошад.

Марҳилаи баъдии тараққиёти инсоният, ки ба асри биринҷ марбут аст, аз назари муаллифи «Тоҷикон» ҳамчун асри падарсолорӣ ё падаршоҳӣ дониста мешавад. Муҳимтарин дастоварди ин давра бештар гаштани аҳамияти зироаткорӣ ва кам шудани шикор мебошад. Вуҷуди каналҳои обёрӣ, ки дар ҳудуди Хоразм пайдо шудааст, ба андешаи донишмандон нишоне аз тараққии инсоният ва пешрафти ҷомеа буд. Дар бахши тавсифи ноҳияҳои муҳими Осиёи Миёна ё ба таъбири дигар, ҷуғрофияи таърихии ин сарзамин нахуст аз ҳудуди Туркманистон, ки бештарин бозёфтҳо ба даст омаданд, ном бурда мешавад. Ин сарзамин, хусусан Туркманистони Ҷанубӣ мутамаддинтарину мутараққитарин минтақа эътироф мешавад. Дар ин замина нақши академикҳо В.М.Массон ва А.В.Массон хеле назаррас мебошад. Бостоншиноси барҷаста В.М.Массон монандии ёдгориҳои Осиёи Миёна бо сарзамини Байнаннаҳрайнро мисол оварда, муаллифи китоби «Тоҷикон»-ро ба фикру андешае меоварад, ки дар миёни мардуми ин тамаддунҳо робитаи наздик барқарор будааст.

Дар идомаи ин фасл Б. Ғафуров дар хусуси таркиби нажводии Осиёи Миёна суҳбат карда, умумияти ориёӣ ва ҳиндуэронии аҳли минтақаро махсус таъкид мекунад. Дар ин қисмат муҳаққиқ бо овардани далелҳои забоншиносӣ ва асотирӣ умумияти халқҳои ориёӣ ва ҳиндуэрониро собит месозад. Наздик будани асотири ҳиндӣ ва эронӣ дар масъалаи инсонҳои нахустинро ҳамчун далели хешии ақвом ба шумор меоварад. Чунин фикррронӣ аз нигоҳи тарбиявӣ аҳамияти хеле бузург дорад. Зеро инсонҳоро ба маншаи ягона ва хешиву пайвандӣ даъват мекунад. Масъалаи кӯчидани қабилаҳо ва нақши онҳо дар ташаккули халқҳои олам яке аз масъалаҳои калидӣ дар илм дониста мешавад. Дар ин масъала бо муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баҳс карда, Б. Ғафуров ақидаи аз ҳудуди Эрон ба Осиёи Миёна кӯчида омадани тоифаҳои эрониро қотеъона рад мекунад. Ин далел барои бумӣ нишон додани аҷдоди

тоҷикон аст, ки дар осори Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ инъикос ёфтааст[99, 37].

Боби дуввуми фасли аввал дар хусуси тоифаҳои шарқииэронии Осиёи Миёна баҳс мекунад. Яке аз қисматҳои муҳими он тавсифи ҷомеаи Осиёи Миёна бар асоси китоби муқаддаси Авесто мебошад. Яке аз масъалаҳои асосӣ зодгоҳи Зардушт ва ҷойи суруда шудани матнҳои он мебошад. Тавсифи ҷамъияти Осиёи Миёна бо далелҳои забоншиносиву таърихӣ нишон дода шуда, масъалаи хеле муҳим-пайдо шудани давлат матраҳ мегардад. Даъват шудан ба ҳаёти осоишта, ки дар Готҳо тасвир шудааст, ба ақидаи муаллифи китоби «Тоҷикон» наҷот аз тороҷу ғоратгарии даври қаблӣ аст, ки бо падид омадани давлат аз байн меравад [28,128].

Қисмати хеле муҳими ин фасл пайдо шудани нахустин давлатҳо мебошад. Бар пояи осори хаттӣ Хоразм, Суғд ва Бохтар нахустин давлатҳо шумурда шудаанд. Таҳқиқоти солҳои охир вуҷуди давлатҳои дигар ва муқаддамтар аз инҳоро, ки қаблан асотир дониста мешуд, собит намудааст[141].

Б. Ғафуров бо назарияи донишмандони замони худ дар хусуси давлатҳои аввалия ошно гашта, дар як замон вуҷуд доштани қабилаҳои зироаткори муқимӣ ва бодиянишини чорводорро, ки аз як нажод-эронӣ буданд, таъкид мекунад. Қисмати ниҳоии фасли якум бо баёни ойини зардуштӣ ва нақши муассири он дар ҳувияти тоҷикон ба анҷом мерасад.

Ба эътирофи бештари муҳаққиқони муосири педагогика дин ба унвони омили муассир дар раванди омӯзиши инсон будааст. Аз ҷумла, ойини зардуштӣ барои донишу хирад аҳамияти бисёр қоил шуда, маздопарастонро ба таълиму тарбият фаро хонда, ҳатто фариштае ба номи Чисторо барои омӯзиш таъйин намудааст. Ҳамчунин дар Вандидот, дигар бахши Авесто, омадааст, ки «агар шахси бегона ё ҳамкеш ё бародар ё дӯст барои таҳсили ҳунар назди шумо омад, ӯро бипазиред ва он чӣ хоҳад, бад-ӯ биёмӯзед». Дар китоби Динкард, дигар китоби зардуштиён, омадааст: «Тарбиятро бояд монанди зиндагонӣ муҳим баршумурд ва ҳар кас бояд ба василаи парваришу

фаро гирифтан ва хондану навиштан худро ба пойгоҳи арҷманд расонад». Дар Пандномаи Зардушт низ мехонем, ки ӯ ба пайравони хеш фармуда буд: «ба фарҳанги хосторӣ кӯшо бошед, чӣ фарҳанг тухми донишу хирад ва хирад раҳбари ҳар ду ҷаҳон аст». Ҳамин тавр, аҷдоди тоҷикон ба марҳилаи нави таърихӣ-ҷомеаи ғуломдорӣ шомил мешаванд, ки дар фасли дувуми китоби «Тоҷикон» дар ин хусус маълумот дода мешавад.

**Фасли дувуми китоб** «Аҷдоди тоҷикон дар давраи тараққиёти муносибатҳои ғуломдорӣ» ном дорад. Дар ибтидо пайдо шудани нахустин қудрати ҷаҳонӣ ё империя-давлати Ҳахоманишӣ баён карда мешавад. Устод Б. Ғафуров бар асоси идеологияи замони Шуравӣ Куруши Кабир ва шоҳони ҳахоманиширо ҳамчун истилогарони Осиёи Миёна тасвир кардааст. Ин бинобар тақозои он давра сурат гирифта, бо консепсияи навини таърихи тоҷикон мухолифат дорад. Зеро тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ қайд кардаанд, Курушро мо тоҷикон ҳамчун шоҳаншоҳи тамаддуновар ва наҷотбахшу муттаҳидкунандаи халқҳои ориёӣ мешиносем[139,32].

Фарҳанги моддӣ ва маънавии ин давраро муаллиф бар пояи бозёфтҳои бостоншиносӣ таҳқиқ карда, махсусан, аз «Хазинаи Амударё» ёдовар мешавад, ки аз ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон пайдо шудааст.

Марҳилаи истилои Эрону Осиёи Миёна аз тарафи Искандар ва муборизаи аҷдоди халқи тоҷик бар муқобили истилогарони юнониро Б. Ғафуров бештар бар асоси манбаҳои юнонӣ ва румӣ навиштааст. Ба ақидаи ӯ, воридшавии Осиёи Миёна ба таркиби давлати юнониҳо ҳаёти мардуми ин сарзаминро беҳ накард. Зулму ситами юнониҳо сабаби сар задани шӯришҳои зиёд гардид, ки дар марҳалаи баъдӣ таҷассум ёфтааст. Устод Б. Ғафуров ба ин давраи таърихӣ алоқаи зиёд нишон дода, китоби дигаре низ навиштааст [25].

Дар харобаҳои давлати Искандар чанд давлат падид омад, ки дар идораи баъзе аз онҳо аҷдоди тоҷикон нақши асосӣ доштанд. Дар китоби «Тоҷикон» ба таърихи ду давлат-давлати Юнону Бохтар ва Порт ё Ашкониён аҳамияти

махсус дода мешавад. Муаллиф бар ин бовар буд, ки давлатҳои навбунёди Юнону Бохтар ва Порт бо вуҷуди ҳамсарнавишт будан, миёни ҳам ихтилоф ва ҷанг доштанд, ки имкон надод, якҷоя ба мубориза бархоста, истиқлол ба даст оваранд. Аз сарзаминҳои Осиёи Миёна Хоразм камтар аз ҳама зарар дида буд, дар асри II пеш аз милод давлати соҳибихтиёри тавоно ҳисоб мешуд [28,214].

Дар асар ба яке аз марҳалаҳои хеле муҳими таърихи байналмилалӣ-ҷанги Порт ва Рум махсус ишора мешавад. Хулосаи Б. Ғафуров аз ин ҷанг он аст, ки «муҳимаш ҳамин, ки дар асри I пеш аз милод Порт душмани тавонои Рим буд ва лашкари портҳо борҳо лашкари римиёнро торумор кард» [28,228].

Дар китоб ба яке аз давлатҳои хеле бузург дар Осиёи Миёна ва Ҳиндустон-давлати Кушон аҳамияти махсус дода шудааст. Дар ин қисмат, хусусан, ба маълумоти сиккашиносӣ такя карда мешавад. Зеро сарчашмаҳои хаттӣ дар бораи Кушон маълумоти ночиз медиҳанд. Инчунин дар хусуси бинокорӣ ва меъмории ин давра, рушди тиҷорату бозаргонӣ маълумот дода мешавад. Маълумоти ин давра бо зикри ҳунару санъат ва дину ойин ҷамъбаст мешавад

**Фасли савуми** китоби китоби «Тоҷикон» «Пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна» номида шудааст. Ин фасл бо баёни таърихи сиёсии давлати қудратманди Сосониён сар мешавад. Дар бораи Сосониён дар Эрон ва кишварҳои Аврупо осори зиёде навишта шудааст, ки муҳимтарин таҳқиқот то кунун китоби донишманди аврупоӣ Артур Кристенсен шумурда мешавад[56].

Дар қатори Сосониён инчунин сарнавишти дигар халқҳои эронитабор, аз ҷумла, Кидориён, Хиёниён ва Ҳайтолиён низ баён мегардад, ки фазои комили этникии ҳамин давра ва ҳамин минтақаро муайян мекунад.

Сосониён марҳалаи хеле муҳими таърихи Эрону Осиёи Миёна ба шумор рафта, давраи болоравии ҳаёти фарҳангӣ ва илмӣ мебошад. Дар рӯзгори Сосониён созмони омӯзишу тарбияти инсонҳо дар се хонавода, мадраса ва оташкада ба роҳ монда мешуд. Артур Кристенсен дар асари «Эрон дар

замони Сосониён» бар пояи ахбори манобеи муътабар саргузашти ғуломеро овардааст, ки аз он метавон тафсили омӯхтаҳои ӯро донист ва бар чигунагии низоми омӯзишии аҳди Сосониён бохабар шуд. Ин ғуломро сарпарастонаш дар синни муайян ба мадраса бурда, қабл аз ҳама, мизони огоҳиҳои динии ӯро бар пояи Авестову Занд тақвият бахшидаанд. Сипас ин ғулом адабиёт, таърих ва суханвариро омӯхтааст. Ҳамзамон ба тарбияи бадании ғулом ҳиммат гумошта, ӯро аспсаворӣ, тирандозӣ ва дигар русуми муборизаву пайкор аз қабили найзабозӣ ва истифодаи табарзин омӯзонидаанд. Дар марҳилаи баъдӣ ғуломро бо ҳунари мусиқиву суруд ошно месозанд. Сипас фанни ситорашиносӣ ва бозии шатранҷро ба ӯ меомӯзонанд[56,435].

Давраи воруди туркҳо ба Осиёи Миёна низ аз мадди назари Б. Ғафуров берун намондааст. Туркҳо бо ворид шудан ба Осиёи Миёна бо Ҳайтолиён ҷангҳои сахт карда, дар якҷоягӣ бо Сосониён ба ҳукумати Ҳайтолиён, ки муддате Эронро низ шикаст дода буданд, поён бахшиданд. Ин шикаст барои мардуми минтақа хеле оқибатҳои бад дошт, зеро тавре академик Б. Ғафуров бар пояи як сарчашма навиштаест, туркҳо ҳамаро «ба ғорат бурданд ва ба авлодҳо қирон омад»[28,310].

Қисмати муҳими ин фасл инчунин баррасии синтези туркҳову Осиёи Миёна аст, ки дар таърихи минтақа таъсири босазо гузоштааст. Ин қисмати асар бо хулосаи зерини муаллиф ҷамъбаст мешавад: «Туркҳое, ки ба Осиёи Миёна омаданд, дар ҳаёти динии мардумони кишвар ва дар офариниши сарватҳои маданӣ фаъолона ширкат варзиданд ва баробари мардуми маҳаллӣ офаридгори ҳақиқии он сарвати маданӣ шуданд, ки насибаи тамоми халқҳои Осиёи Миёна мебошад»[28,329].

Тахористон яке аз муҳимтарин минтақаҳои ташаккули халқ ва давлати тоҷикон мебошад, ки дар асар ба он боби ҷудогона бахшида шудааст. Инчунин вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Суғд дар асрҳои VI-VII баён карда мешавад. Хусусан, ҳаёти фарҳангӣ ва адабиёту суннатҳо бар асоси сарчашмаҳои арманӣ, арабӣ, суғдӣ ва ахбори бостоншиносӣ муфассал баён гардиааст. Хатту савод дар миёни суғдиён низ хеле боарзиш будааст.

Бозёфтҳои кӯҳи Муғ ва дигар катибаҳову номаҳои суғдӣ, ки аз гӯшаву канори олам ба даст омаданд, ин ҳақиқатро собит менамоянд. Дар вақти ҳафриёти Панҷакенти қадим дар қатори садҳо осор, намунаҳои хатту тариқи омӯхтани хатту савод ҳам пайдо гардид, ки гувоҳи роиҷ будани омӯзиш дар миёни суғдиён будааст. Бостоншиноси тоҷик Абдулло Исҳоқов соли 1965 дар арки Панҷакент бори нахуст алифбои суғдиро пайдо кард, ки аз 28 ҳарф иборат буд. Дар танаи хуме, ки ба даст омад, алифбо ва машқи хат дарҷ ёфта буд. Академик Бобоҷон Ғафуров таърихи ҳафриёт ва муҳимтарин дастоварди онро, ки пайдо гаштани алифбои суғдӣ буд, басо дилнишин баён карда, аз ин бозёфт боифтихор ҳарф мезанад. Сипас онро бо гуфтаҳои сайёҳи маъруфи чинӣ Сюан Сзан, ки як қарн пеш аз хароб гаштани Панҷакент ба ин ҷо омада, аз як суғдӣ дар бораи алифбо суол карда буд, қиёс мекунад. Ғафуров манбаи иттилои Сюан Сзанро «суғдии босавод» меномад ва бо қотеият изҳор медорад, ки саводомӯзӣ дар миёни суғдиҳо ривоҷ доштааст[28, 276-279].

Ин бозёфтро донишманди тоҷик як таҳаввули ҷиддӣ дар шинохти фарҳанги тоҷик медонад. Дар ҳар сурат, мавҷудияти алифбои суғдӣ гувоҳи равшани ривоҷи ниҳодҳои омӯзишӣ дар миёни аҷдоди тоҷикон дар асрҳои VI-VII мебошад[77, 877].

Инчунин вазъи дигар минтақаҳо, аз ҷумла Истаравшан ва Фарғона низ баён гардидааст, ки дар он сиёсат, иқтисод ва фарҳанги минтақаҳо тасвир шудааст. Қисмати хотимавии ин фасл ба вазъи иҷтимоии Осиёи Миёна дар остонаи ҳамлаи арабҳо бахшида шудааст.

**Фасли чоруми китоби** «Тоҷикон» «Осиёи Миёна дар давраи тараққиёт ва устуворшавии сохти феодалӣ» ном дорад. Дар оғози ин фасл ба пайдоиши ислом дар Арабистон ва лашкаркашии арабҳо пардохта мешавад. Ҷараёни шикасти давлати Сосониён ва ҳуҷум ба Осиёи Миёна бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла, сарчашмаҳои арабӣ ва форсӣ нигориш ёфтааст. Истилои Эрон, Хуросон ва ба дунболи Варорӯд боис шуд, ки низоми сиёсӣ ва авзои фарҳангии ин минтақаи густарда ба тадриҷ тағйир пазирад. Бобоҷон Ғафуров перомуни паёмадҳои ба хилофати араб тобеъ шудани сарзамини тоҷикон

мулоҳиза ронда, менависад, ки «маъмурони сосонӣ аъёну ашрофи динӣ ва ғайридинии маҳаллӣ дар Эрону Осиёи Миёна зулмро ба кишоварзону ҳунармандон раво медиданд. Ин буд, ки оммаи мардум дар ибтидо ҳукумати хешро дар мубориза бар алайҳи аъроб пуштибонӣ накарданд». Сипас муаллиф таъкид мекунад, ки шиорҳои баробариву озодие, ки ислом ваъда карда буд, таваҷҷуҳи мардумро ҷалб мекард. Ҷаҳонбинии воҳиди динӣ, яъне мусулмонӣ, равобити наздику муттасили мардумони як қаламрав ва тамаддуни муштаракро ба миён овард. Тамаддуни хилофат, ки мардуми тоҷик низ дар офаридани он нақш доштанд, ба андешаи Бобоҷон Ғафуров, нисбат ба тамаддуни Аврупои ҳамзамони он дар сатҳи болотаре қарор дошт[28,320-321].

Саҳифаи хеле муҳими ин фасл муборизаи озодихоҳонаи аҷдоди тоҷикон дар баробари истилогарони араб аст, ки Б. Ғафуров дар мисоли мудофиаи Самарқанд, иттиҳоди минтақаҳои тоҷикнишин, шӯриши Деваштич, нақши тоҷикон дар ҷанги Умавиёну Аббосиён, Абумуслим, Сумбоди Муғ, Муқаннаъ ва ғайра тасвир ёфтааст.

Яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи тоҷикон таъсиси давлатҳои миллӣ мебошад, ки дар китоби «Тоҷикон» ба он аҳамияти махсус дода мешавад. Нахуст дар бораи сулолаҳои Бармакиён, Саффориён ва сипас муфассал дар хусуси давлатдории Сомониён баҳс карда мешавад. Ин сулолаҳо бо навбат заминаҳои таъсису шукуфоии давлатдорӣ ва илму фарҳанги онро муҳайё карданд. Бояд гуфт, ки устод Б. Ғафуров беш аз ҳама ба таърихи Сомониён таваҷҷуҳ дошта, сад саҳифаи китобро ба он бахшидааст. Хусусан, илму фарҳанги ин давра муфассал баён шудааст. Дар хусуси тараққии шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Нишопур, Ҳулбук, Ҳирот, Балх, Марв ва ғайра маълумоти ҷолиб дода мешавад. Дар ҳамин давра садҳо мадраса, ки ҳамчун ниҳоди омӯзишӣ ба шумор мерафт, бунёд ёфтааст. Муҳаққиқи тоҷик С. Муллоҷон таъкид кардааст, ки ба ғайр аз мадрасаҳо дар замони Сомониён инчунин маконҳои дигаре низ вуҷуд доштанд, ки яке аз онҳо Хонаи уламо буд[77,87].

Дар ин бахш тамоми ҷанбаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии замони Сомониён инъикос ёфтааст.

Б. Ғафуров сипас ба таърихи давлатҳои Қарохониёну Салҷуқиён, Ғазнавиёну Хоразмшоҳиён ва давлати тоҷикии Ғуриён пардохта, онро ҳамчун идомаи давлатдории Сомониён мешуморад. Ивазшавии сулолаҳои ҳукуматгар маънои комилан тағйир ёфтани низоми давлатдориро надошта, суннатҳои давлатдории тоҷикро идома додаанд. Аз ҷумла, муаллифи «Тоҷикон» дар бораи илмомӯзии яке аз чеҳраҳои барҷастаи илму фарҳанги асрҳои миёна Абурайҳони Берунӣ навиштааст, ки Берунӣ «тамоми умри худро барои аз худ кардани дониш сарф намуда, ғайр аз ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дигар ҳама вақт машғули корҳои илмӣ будааст"[28,431].

Ҳукумати дигаре ки дар китоб муфассал инъикос ёфтааст, Салҷуқиён мебошад. Ин иттиҳод, ба андешаи Б. Ғафуров, аз чанд қабилаи туркману оғуз таркиб ёфта буд. Дар ин давра озодии фикру баён ва ақида маҳдуд шуда, пайравони ақалиятҳои мазҳабӣ, аз ҷумла, исмоилиён мавриди озору шиканҷа қарор мегирифтанд. Аммо бояд эътироф кард, ки пурбортарин давраи шукуфоии мадраса ва дигар ниҳодҳои омӯзишии давраи исломии таърихи тоҷик ба замони султанати Салҷуқиён рост меояд. Тадбирандеши ин амр вазири тоҷики Салҷуқиён Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ маҳсуб мегашт. Б. Ғафуров Низомулмулкро марде оқилу фозил номида, менависад, ки ӯ «комилан ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод». Муҳимтарин тадбири вазири хирадманди салҷуқӣ пас аз маҳор кардани худсарии ашрофу саркардаҳои низомии саркаш, «ташкил намудани мактабҳои олии диния- мадрасаҳо» маҳсуб мегардид, ки ба шарафи муассиси ин мадрасаҳо унвони «Низомия»-ро гирифтанд [28, 399-400].

Низомулмулк, ба навиштаи донишманди амрикоӣ Р. Фрай, аз рӯйи яке аз мадрасаҳои Бухоро Низомияи Бағдодро таъсис карда буд [123, 258].

Дар бахши инъикоси тасаввуф ва гӯшанишинӣ миёни тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна Б. Ғафуров вайроншавии низоми давлатдорӣ ва дур

шудани мардум аз идораи кишварро муфассал шарҳ додаст. Устод навиштааст, ки ин ҷараён нахуст дар Ироқ ба вуҷуд омада, сипас ба дигар кишварҳо расидааст. Ҳамин тавр, дар асри XI тасаввуф ба тамоми Хуросон ва Мовароуннаҳр паҳн гардид [28,476].

Густариши тасаввуфу гӯшанишинӣ ҳам ба муҳтавои мадраса ва осори мутафаккирони ин давра бетаъсир намонд. Даъват ба сабру шикебоӣ, қаноат, хоксорӣ, хомӯшӣ, таҳаммули ранҷу мусибат ҷойи пӯёиву кушоиро мегирад.

Таърихи давраи муғул аз ториктарин давраҳои таърихи халқи тоҷик ба шумор меояд. Ин давраи вайроншавии шаҳрҳо, қатли оми мардум, харобии низоми кишоварзӣ ва ғайра мебошад. Муҳаққиқи тоҷик дар тақвияти ин суханон навиштааст, ки «Сарзамини тоҷик, қабл ва баъд аз ҳамлаи муғул чандин истилоро таҷриба кардааст, аммо ҳеч кадом ба монанди фитнаи муғул вахиму бадфарҷом набудааст»[76,22-28].

Устод Б. Ғафуров бар пояи ахбори Ҷувайнӣ ва Рашидуддин сабабҳои барҳамхӯрии давлати Хоразмшоҳиён ва пирӯзии муғулҳои саҳронишинро баён кардааст. Ин давраи фурӯ рафтани кохи донишу хирад, халалдор шудани ҳаёти шаҳрӣ ва заволи илму фарҳанг мебошад.

Муборизаи тоҷикон бар муқобили муғулҳо, аз ҷумла, қаҳрамонии Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ ва Сарбадорон низ дар шоҳасар инъикос ёфтааст. Дар замони муғулҳо баъзе ашрофи тоҷик ва турк ба корҳои давлатдории онҳо ҷалб гаштанд, ки инро дар мисоли Маҳмуди Ялавоҷ ва писараш Масъудбек мушоҳида кардан мумкин аст. Б. Ғафуров нақши Масъудбек дар низоми давлатдории муғулҳоро нишон дода, ислоҳоти пулии онро яке аз чунин тадбирҳо мешуморад. Инчунин ривоҷ ёфтани навъҳои нави заминдорӣ, аз ҷумла, суюрғал низ дар китоб шарҳи худро ёфтааст.

Марҳилаи охири ин фасл бо замони Темуриён ба поён мерасад. Ба арсаи сиёсати бузург пой ниҳодани Темурро Б. Ғафуров аз замони ҷангҳои дохилии давлати муғул пайгирӣ менамояд. Муаллиф ҷангу хунрезиҳои бешумори Темурро баён карда, ба ду қисм бо марказияти Ҳирот ва Самарқанд тақсим гаштани давлатро натиҷаи сустии давлати ворисони Темур медонад. Бо ин

вуҷуд, академик Б. Ғафуров замони ҳукумати набераи вай Улуғбекро, ки боиси ривоҷи илму фарҳанги минтақа шуд, мусбат тасвир кардааст[28,743].

Вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ин давра низ мисли замони Сомониён бар асоси ахбори манобеи муҳим ва сиккашиноси машҳури Шуравӣ Е.А. Давидович баррасӣ гардидааст. Фарҳанги моддӣ ва маънавии замони Темуриён низ дар асари «Тоҷикон» хеле муфассалу густурда дарҷ ёфтааст, ки намунааш равнақи ҳунари минётурнависии Ҳирот мебошад. Бузургтарин намояндагони адабиёти ин давра низ бо намунае аз осорашон дар китоб нишон дода шудаанд.

**Фасли панҷуми китоби «Тоҷикон»** «Тоҷикон» дар охири асрҳои миёна» ном дорад. Ин давра бо баёни хотимаи салтанати Темуриён ва ба қудрат расидани Шайбониён оғоз мешавад. Б. Ғафуров менависад, ки аз ҷангҳои тӯлонӣ хаста шуда, ашрофи Самарқанд ихтиёран шаҳрро ба ӯзбакҳои шайбонӣ месупоранд. Дар идомаи китоб муборизаи тӯлонии Бобур ва Шайбониён ва оқибатҳои он барои минтақа баён ёфтааст. Хусусан қатлу ғорат дар шаҳри Қаршӣ, ки ба харобазор табдил ёфт, бо далелҳо нишон дода шудааст[28, 570].

Бо вуҷуди ҳамаи ҷангу лашкаркашиҳо, нимаи аввали асри XVI барои рушди шаҳрдориву равнақи кишоварзӣ мусоид буд. Нимаи дувуми асри XVI давраи низоъҳои доимии ҳукуматдорон буда, ба салтанати худкомаи Абдуллохон рост меояд. Муаллиф илова мекунад, ки «ҷангу низоъҳои муттасили феодалие, ки тақрибан муддати панҷоҳ сол дар сарзамини Осиёи Миёна давом карданд, барои тиҷорат ва гардиши пул вазъияти хеле номусоид ба миён оварданд»[28,589].

Дар китоби «Тоҷикон» фасли ба Шайбониён бахшидашуда бар хилофи муқаррароти ин асар бе зерфасле, ки ба ривоҷи илму фан бахшида шуда бошад, ба анҷом намерасад, ки худ гувоҳи возеҳи заволи илм, хусусан, илмҳои дақиқу табиатшиносӣ аст, ки тараққиву рушди онҳо асбоби дигаргун шудани рӯзгори аҳли башар шумурда мешавад. Албатта, теъдоди мадрасаҳо низ бунёд мегардад. Бобоҷон Ғафуров бештар ба тарҳи бинову меъмории ин

мадрасаҳо пардохта, ба хулосае мерасад, ки ҳунари меъмории замони Шайбониён идомаи суннати меъмории аҳди Темуриён ва марҳалаи нави рушди ин ҳунар будааст[28,543].

Асрҳои XVII-XIX давраи тираву тор ва пирӯзии таассубу хурофот дар Хуросону Мовароуннаҳр буд. Силсилаҳои шайбонӣ, аштархонӣ ва манғит, ки ба навбат зимоми умури сиёсату давлатдории сарзамини тоҷикро уҳдадор гаштанд, аз омилони маънавӣ ва заволи илму дониш дар сарзамини тоҷикон буданд. Пас аз зикри ҳаводиси сиёсӣ дар китоб вазъи иқтисодӣ тасвир шудааст. Зиёд будани ҳуҷҷату санадҳо аз ин давра ба муаллифи китоби «Тоҷикон» имкон додааст, ки дар ҳалли бисёр масъалаҳои илмӣ муваффақ гардад.

Дар қисмати поёнии ин баҳсҳо ба тавзеҳи масъалаи пайдоиш ва этногенези халқи ӯзбек пардохта шудааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки ташаккули босуръати халқи туркман ва дигар халқҳои турkзабони Осиёи Миёна ба ҳамин давра тааллуқ дорад. Маҳз дар ҳамин давра таъбири «турку тоҷик» барои тавсифи ду унсури асосии нажодии аҳолии Осиёи Миёна вирди забон гардид[28,762].

Дар идомаи китоб муаллиф сарнавишти тоҷикону дигар халқҳои Осиёи Миёна дар ҳайати давлатҳои Ҷониён ва Аштархониёнро баён кардааст. Хусусан сиёсати яке аз ҳокимони бадному хaробкори ин сулола Убайдуллохон дар сарлавҳаи ҷудогона баён шудааст. Устод Б. Ғафуров ба хулосае расидааст, ки мадракҳои ҷудогонаи ба ҳам овардашуда нишон медиҳанд, ки «Убайдуллохон як системаи томи тадбиротеро пешбинӣ карда буд, ки аз як тараф, ба мустаҳкам сохтани пояҳои иқтисодии давлати ӯ ва, аз тарафи дигар, ба роҳи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ заиф гардонидани амирон нигаронида шудаанд»[28,815]. Навъҳои заминдорӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ ҳам дар ин қисмати асар ба баҳсу баррасӣ кашида шудаанд, ки ҷунбиши Даҳбеди Самарқанд ва шӯриши соли 1714 дар Бухоро намунаи он мебошанд.

Қисмати хотимавии фасли панҷум ба таъсиси хониҳои Бухорову Қӯқанд ва ҳаёти тоҷикон дар ин давра ихтисос дода шудааст. Академик Б. Ғафуров

ҳосили ба қудрат расидани манғитҳоро дар вайронии мамлакат дида менависад, ки аҳолии меҳнаткаш дар саросари мамлакат, аз ҷумла дар Бухоро, борҳо шӯриш намуд. Ҳукмрони куҳансол (Дониёл) дигар аз уҳдаи ба сари итоат овардани вассалҳои саркаш ва фурӯ нишондани шуру ошӯбҳои мардум баромада наметавонист. Кӯшишҳои муттаҳид кардани аморат дар замони Шоҳмурод ва Ҳайдар мушоҳида шуданд, вале натиҷаи матлуб надоданд. Ба назари муаллиф «қувват гирифтани парокандагии феодалӣ, беш аз ҳама, дар тангшавии ҳудуди давлати хонии Бухоро зоҳир мегардид».

Дар зербоби ҷудогона муаллифи китоб дар хусуси хонии Қуқанд ва аҳволи он дар асрҳои XVIII-нимаи аввали XIX маълумот додааст. Ин қисмат бар асоси навиштаҳои олимони рус ва баъзе сарчашмаҳои маҳаллӣ таълиф гардида, ахбори он хеле дақиқ мебошад. Зербоби марбут ба хонии Қуқанд бо бахше дар хусуси густариши тиҷорат ва навъҳои заминдорӣ, инчунин сабабҳову рафти шӯришҳои халқӣ дар минтақа ба поён мерасад.

Дар зербоби ҷудогона инкишофи равобити Россия ва Осиёи Миёна нишон дода шудааст. Аз ин давра ба баъд рафту омади сафирону намояндагони тиҷоратии ду кишвар хеле меафзояд. Ба Бухоро ва Қуқанду Хева омадани сафоратҳои Бекчурин, Бурнашев ва сафирони Бухоро ба Русия таҳқиқ шудаанд. Рақобати Британия ва Россия барои Осиёи Миёна дигар зербоби ин фасл аст, ки аз як пешомаду рақобати хеле сахт дар минтақа гувоҳӣ медод. Аз ҳамин давра сар карда, таҳқиқу омӯзиши Осиёи Миёна оғоз мешавад. Олимону муҳаққиқони рус ба минтақа сар даровarда, нахустин кошифони Осиёи Миёна гаштанд. Ин фасл бо як хулосаи хеле олимона ва дилсӯзонаи академик Б. Ғафуров ҷамъбаст мегардад, ки чунин аст: «Даврае, ки мо мавриди тадқиқ қарор додаем, яке аз сахттарин даврахои таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар ҳамин давра байни давлатҳои мухталиф тақсим шудани халқи тоҷик анҷом меёбад. Бо таъсиси давлати Афғонистон қисми зиёди тоҷикон, ки аслан дар хоки Афғонистони кунунӣ иқомат доштанд, ба таври сунъӣ аз тоҷикони сокини Осиёи Миёна ҷудо карда

шуданд» [28,927]. Дар поёни фасл ҳам намунаҳои маданияти моддию маънавии тоҷикон баён гардидаанд.

**Фасли шашуми китоби «Тоҷикон»**, ки қисмати поёнии китоб аст, ба замони истилои ин сарзамин аз ҷониби Россия ва пайдо шудани муносибатҳои сармоядорӣ бахшида шудааст. Дар қисмати нахустини ин фасл ҳаёти тоҷикон дар замони истилои Россия ё тавре ки муаллиф вобаста ба тақозои замони худ навишта буд, ба «Россия ҳамроҳшавии Осиёи Миёна» ба тасвир омадааст[28,709]. Нахуст аз барқароршавию робитаҳои Осиёи Миёна ва густариши тиҷорат суҳбат карда, сипас ба ҷараёни забтшавии ин сарзамин ва тасхири шаҳрҳои Чимканд, Тошканд, Хуҷанд, Самарқанд, Уротеппа сухан меравад. Дар идома таъсиси генерал-губернатории Туркистон, мубориаи Англия ва Россия дар минтақа, тасарруфи Туркманистон, масъалаи Помир ва чигунагии ҳалли он матраҳ гаштааст. Дар зербоби ҷудогона перомуни аҳамияти ҳамроҳшавии сарзамини Осиёи Миёна ба империяи Россия инъикос ёфтааст. Дар идома ҳаёти тоҷикон дар зери ҳукумати Россияи подшоҳӣ баён ёфта, муҳимтарин ҳодисаҳо зикр шудааст. Минбаъд дар хусуси аҳволи ҳунармандон, вазъи оммаи заҳматкаш ва шӯришҳои халқӣ баррасӣ карда мешавад. Қисмати охирини асар ба тасвири ҳаёти тоҷикон дар байни ду инқилоби Рус бахшида шудааст.

Пас аз истилои Осиёи Миёна аз тарафи Русия зери таъсири илму фарҳанги рус дар Осиёи Миёна ҷунбише падид омад, ки мароми онислоҳи вазъи мавҷуда буд. Вазъи фалокатбори ҷомеаи он рӯз афроди огоҳу ворастаро ором намегузошт. Нимаи дувуми асри XIX яке аз ситораҳои дурахшони илму адаби тоҷик Аҳмади Дониш зиндагӣ ва кору эҷод кардааст. Ҳаракати сиёсӣ ва фарҳангии маорифпарварӣ бо номи асосгузори ин ҳаракат Аҳмад Махдуми Дониш тавъам аст. Муаррихи забардасти тоҷик Бобоҷон Ғафуров мутмаин буд, ки «Дар ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш таъсири маданияти пешқадами Русия хеле калон аст[28,717].

Се сафаре, ки Дониш ба Русия кард, дар ҳаёту фаъолияти ӯ нақши муайян бозид.

Ҳамин тавр, китоби «Тоҷикон» ҳосили талошу таҳқиқи беш аз сисолаи академик Бобоҷон Ғафуров буда, дар шаш фасли ин асари арзишманд тамоми марҳилаҳои таърихи тоҷикон фароҳам оварда шудааст. Ягон ҳодисаи муҳими сарнавиштсози таърихи тоҷикон аз мадди назари муаллиф берун намондааст. Арзиши аслии ин китоб он аст, ки ягон хулосаи он бе санаду далел набуда, он бар пояи беш аз ҳазор китобу мақолаи илмӣ таълиф гардидааст. Имтиёзи дигари китоб он аст, ки бо вуҷуди дар чаҳорчӯбаи таълимоти марксистӣ навишта шудан, ҳадди аксар манофеи миллии тоҷиконро дар мадди назар доштааст. Китоби «Тоҷикон» дар қатори баёни ҳаводиси сиёсии рӯзгори мардуми тоҷик, инчунин заминаҳои иқтисодиву иҷтимоии тағйирёбии ҳукуматҳо ва муҳоҷирати қавму қабилаҳои гуногунро шарҳ дода, дар хусуси дастовардҳои асосии илму фарҳанг низ хулосаҳои худро дорад. Ин китоб роҷеъ ба муҳимтарин таҳаввулоти мактабу маорифи тоҷик дар гузари таърих низ маълумот додааст, ки аҳамияти асарро аз нигоҳи илми педагогика низ барҷаста месозад.

### 2.3. Мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар китоби «Тоҷикон».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба арзиши илмии асари «Тоҷикон» ва муаллифи он Бобоҷон Ғафуров андешаашонро ба таври зерин карда буданд: «Академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷумлаи чеҳраҳои мондагори таърихи миллати тоҷик мебошад, ки мактаби бузурги устод Садриддин Айниро гузашта, бо осори гаронбаҳои хеш миёни алоқамандони илму фарҳанг маҳбубияти беандоза пайдо кардааст. Ин фарзанди фарзонаи миллат, дар баробари ба дӯш доштани вазифаҳои маъули давлативу сиёсӣ, пайваста ба таҳқиқи таърихи миллати тоҷик машғул шуда, ин куҳандиёрро дар миёни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷаҳон ба тарзи шоиста муаррифӣ намудааст.

Устод Айнӣ ба асари мазкур тақризи муфассал навишта, нашри китобро дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик «ҳодисаи бузург» номидааст.

Маҳз ин осори мондагор, пояи бунёдии омӯзиши таърихи халқи тоҷикро ташкил дод. Аз ин рӯ, корҳои нави илмӣ идомаи иқдомҳои неку шоистаи ин муаррихи барҷаста мебошанд, ки ба муаррифии халқи тоҷик ва таърихи пурифтихори он мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, «Тоҷикон» асари бунёдиву бузург буда, бо дарназардошти ҳодисаву воқеаҳои замони муосир чун муаррифи таърихи рангини миллати тоҷик ва шиносномаи миллат, дар ҳифзи хотираи таърихии ҳар як фарди ҷомеа нақши бориз дорад [28, 10-14].

Соли 2019 Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин чунин таъкид карда буданд: «Таърихи пурифтихори халқи тоҷик мактаби бузурги худшиносӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки ба он арҷ гузорем, саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони худро омӯзем, онро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан ташвиқ намоем. Бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатмӣ мебошад. Мо кӣ будани аҷдоду гузаштагони худро бояд донем, онҳоро гиромӣ дорем ва бо насли ориёӣ, яъне ориёитабор будани худ ифтихор кунем» [92].

Ба таъкиди Роҳбари давлат, ин асар дар баробари ганҷи беохир будан-омили баландбардорандаву такмилбахши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллии ҷомеа, бахусус, наврасону ҷавонон аст. Чун таърих замонҳои гузаштаву имрӯзаро инъикос намуда, рушд ва ташаккули ҷамъияти инсониро баён менамояд, насли наврасу ҷавон тавассути омӯзиши шоҳасари мазкур ба нақши тоҷикон дар худшиносию худогоҳии миллӣ, ватану ватандӯстӣ, ватандорӣ, илму адабиёт, забон, маърифату маънавиёт, фарҳанг, мактабу маориф, шаҳрдорию ихтирои оташу оҳан, замину заминдорӣ, зироату боғдорӣ, чорводорӣ, касбу ҳунар, савдою тиҷорат ва одоби муносибат бо халқҳои кишварҳои дигар шиносоӣ пайдо мекунанд.

Таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои пурифтихор доштаву корномаи гузаштагон ва анъанаҳои неки ба ёдгор гузоштаи онҳо боиси ифтихори моанд.

Ба ибораи дигар, таърихи халқи тоҷик барои ҳар як фарди ватандӯст ҳамчун манбаи худогоҳиву худшиносӣ дар равшаннамоии масири пешрафти мо чун раҳнамо хизмат менамояд. Аз ин рӯ, мо бояд бо дарназардошти воқеаҳои дирӯза, дастовардҳои имрӯза ва дурнамои ҳаёти ояндаи миллат беғаразона ва воқеъбинона баҳо дода, ба таърихи он эҳтиром гузорем.

Халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо ба шарофати шахсиятҳои муборизу ҷасур, ватандӯсту меҳанпарвар, донишманд ва бонангу номусаш, ба ганҷинаи таърих ва тамаддуни башар саҳми мондагор гузоштааст. Тоҷикон чун миллати фарҳангсолору тамаддунсоз дар ҳама давру замон ба муқобили зулму ситам ва фоҷиаву даҳшатҳои таърихӣ муборизаи беамон бурдааст. Ин миллати шарафманд дар ҳамаи марҳалаҳои таърих барои ҳифзи ҳуввият ва анъанаву арзишҳои миллии хеш бо қавму қабилаҳои саҳрогарду бодиянишин талош ва муқовимат карда, дар ин роҳ ҳазорон нафар фарзанди номварашро аз даст дода, бо мушкилиҳои зиёд ба истиқлолу озодӣ расидааст. Аз ин рӯ, ҳар фарди бедордили миллат, бояд омӯзиши таърихи халқи азизашро вазифаи муқаддас дониставу аз гузаштаи пуршебу фарозаш сабақ гирад ва бо корномаҳои фарзандони фарзонааш арҷ гузорад, гиромӣ дорад ва онро ҳифз намояд.

«Тоҷикон» дар баробари ганҷи беохир будан-омили баландбардорандаву такмилбахши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллии ҷомеа, бахусус наврасону ҷавонон аст. Насли наврасу ҷавон тавассути омӯзиши шоҳасари мазкур ба нақши тоҷикон дар худшиносию худогоҳии миллӣ, Ватану ватандӯстӣ, ватандорӣ, илму адабиёт, забон, маърифату маънавиёт, фарҳанг, мактабу маориф, шаҳрдорию ихтирои оташу оҳан, замину заминдорӣ, зироату боғдорӣ, чорводорӣ, касбу ҳунар, савдою тиҷорат ва одоби муносибат бо халқҳои кишварҳои дигар шиносоӣ пайдо мекунад.

Дар ин асари бебаҳои академик Бобоҷон Ғафуров лаҳзаҳои пурифтихори таърихӣ ва корномаҳои шахсиятҳои ватандӯсту ватанпарвар, далеру шуҷоъ, муборизи Ватан ва хирадманду бонангу номус ба мисли Иброҳими Зардушт, Куруши Кабир, Томирис, Шерак, Спитамен, Нушервони одил, Неҳзати Маздак, Неҳзати Абрӯй, Абумуслим, Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ дарҷ ёфтаанд, ки бевосита ифодагари ватандӯстию меҳанпарастӣ мебошад.

Масалан, Зардушт ҷаҳони наверо мехост ва таманно дошт, ки дар он қувваи некӣ бар бадӣ зафар меёбад. Дар даврони ӯ инсонҳо макони хуррамию баракоту нишотро ихтиёр менамуданд ва обод мезистанд. Ин гувоҳ аз таърих аст, ки тухми некӣ дар хулқи инсон аз марзи Зардушт рӯидааст [77,84-85].

Маҳз ҳамин тарғиботи пешиниён барои насли имрӯз, барои ҳар инсони ватандӯсту худшинос манбаи ибрат шуд. Ҷавонони воқеан меҳанпараст мекӯшанд бар он ки  дар замири хеш хулқи некиро тарбия намудаву хоки Ватани маҳбубашонро поку беолоиш нигоҳ доранд.

Боиси ифтихору сарафрозист, ки ҳисси худшиносию ватанпарастӣ ва заковатмандӣ на танҳо мардон, балки дар занон низ эҳсос мешавад.

Бобоҷон Ғафуров корнома, далерию шуҷоатмандии Томирисро дар «Тоҷикон» чунин баён кардааст: "Томирис-зани мубориз дар роҳи Ватан, фирефтаи ҳавасу армон нашуда, марзу бумашро ҳимоя кард ва дар роҳи посдории Ватан нангу номус, ақлу шарафро аз даст надод. Мутаассифона, ягона дороиаш-ҷигарбандаш-писарашро бо макри Куруши Кабир аз даст дода буд. Аз ин рӯ, Томирис интиқомашро бо куштани Куруши Кабир гирифта, қалби шикастаи худро бо тасвири хунин таскин мебахшад ва худ бо чунин суханон бераҳмии ӯро маҳкум намуд: «Инак, сер шав аз хуне, ки ту ҳамеша ташнаи он будӣ ва ҳеҷ гоҳ аз он сер намешудӣ» [28, 94].

Корномаи ӯ ҳамчун зани ҷасуру далер, шуҷоъ ва ватанпарасту муҳофизи Ватан эътироф шудааст.

Қаҳрамонии Шерак низ дар роҳи Ватан беназир аст. Барои ҳифзи Ватан ҳарчанд ҷонаш дар хатар буд, аҳд менамояд, ки тани танҳо амалеро анҷом

дода, душманонро раҳгум занонад ва ба ин васила Ватанашро ҳифз намояд. Академик Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари хеш «Тоҷикон» ватандӯстии Шеракро ба таври зерин ба қалам додааст: «Дар ҳолате ки душман ба сари Шерак теғ мекашид, ӯ бо ифтихор ҷавоб дод: «Ман ғалабаро ба даст овардам, зеро барои аз сари ҳамватанони худам-сакоиҳо дур кардани фалокат форсҳоро аз гушнагиву ташнагӣ ба ҳалокат супурдам» [28, 97].

Бубинед, инсони комил, ватандори асил Шерак ба хотири Ватан ва ҳифзи он худро қурбон намудааст. Дар ин маврид сухани шоири шинохта ва ватансарои тоҷик М. Ғоиб басо рамзист, ки мегӯяд:

Тухми муҳаббат парварам, нахли садоқат парварам,

Бунёд дар хоки Ватан гулбоғи инсонӣ кунам.

Ишқи халқ ба Ватан эҳсоси беандоза бузург ва ҷовидонист.

Академик Б. Ғафуров менависанд: «Иқтидори ҳарбии халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои YI-IY пеш аз милод бисёр баланд буд, ки ин дар мубориза онҳо ба муқобили истилогарони аҷнабӣ омили муҳиме гардид» [28,112].

Таърих гувоҳ аст, ки қаҳрамонони халқи тоҷик зулму истибдод, беадолатӣ ва итоат кардан ба душманро намепазируфтанд. Дар ин маврид Бобоҷон Ғафуров менависад: «Қаҳрамони халқи тоҷик Спитамен бо дастаҳои саворан « парвозкунанда»- и суғдиён ба сари истилогарон ҳуҷум оварда, ба онҳо зарбаҳои ҳалокатовар мезад. Спитамен як рӯз ҳам ба душман осоиш намедод. Спитамени нотарсу далер, ҳар замон халқро руҳбаланд мекард, содиқ будани худро дар роҳи Ватан нишон медод. Ҳалокати Спитамен ҳеҷ гоҳ сари таслим фуруд овардани суғдиёнро ифода намекард» [28, 123].

Аллома Б. Ғафуров дар асари дигараш «Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан» чунин менависад: «Искандари мақдунӣ зимистони соли 328-327-ро дар Навток гузаронд. Баҳори нав фаро мерасид, набардҳои нав шурӯъ мегардиданд, ки онро Спитамони ҷасур роҳбарӣ мекард. Гузаштагони қадими халқи тоҷик таҳти роҳбарии қаҳрамонашон Спитамон барои истиқлолияти Ватани худ ҳамин гуна мубориза мебурданд. Барои ба

даст овардани давлати бузурги Ҳахоманишӣ Искандари Мақдуниро панҷ сол лозим шуда буд. Барои мутеъсозии як қисмати нисбатан хурди он, ки Суғдиён буданд, Искандари Мақдуниро баробар бо қувваи дар муҳорибаҳои бо форс талаф дода ва сарфи се соли умр лозим омад, зеро ҳар ваҷаби хоки муқаддасро суғдиён танҳо пас аз набардҳои шадид медоданд» [27, 50].

Спитамон, ки аз байни халқ баромада буд нотарсу ҷасур буд. Ватанро дӯст медошт, тавонист рӯҳияи халқро баланд бардорад, ишқи ҳамагонро нисбат ба Ватан бедор намояд. Марги Спитамон хоинона буд. Ин гуна маргро ҳатто душмани қаттолаш Искандар ҳам намехост. Ӯ мехост бо Спитамон суҳбат намуда, таҷрибаи ҷангии ӯро биомӯзад. Афсӯс! Ҷасорат, далерию шуҷоат, нотарсӣ ва таҷрибаи ҷангии Спитамон барои ояндагон ва ватанхоҳони асил дарси ибрат шуд [81, 47].

Ба андешаи мо, ҳамин аст «Ишқи халқ ба Ватан». Ишқи халқ ба Ватан аз ишқи одамони алоҳида ба Ватан сар зада, тадриҷан оммаи васеи халқро фаро мегирад, дарё мешавад. Аммо халқ бузург аст. Вай медонад, ки дар ин ишқ ба кӣ пайравӣ намояд, ба кӣ гаравад.

Академик М. Лутфуллозода дар асараш «Тоҷикон» ва тарбияи ватандӯстӣ» менависад: Вале дар асри YIII ҷунбиши бузурге саросари Мовароуннаҳрро пахш намуд, ки ба он Муқаннаъ (номи ҳақиқиаш Ҳошим ибни Ҳаким) сарварӣ мекард. «Муқаннаъ аслан аз Марв буда, ба пешоварӣ машғулият дошт… Ӯ яке аз сарлашкарони Абумуслим, шахси соҳибмаърифате буд, ғояи Маздакро тарғиб мекард. Арабҳо аз таблиғоти Муқаннаъ воқиф гардида, ҳамчун як марди ҷинояткор барои муҳокима ба шаҳри Бағдод - маркази хилофат фиристонданд. Лекин Муқаннаъ аз зиндон фирор карда ба Марв омад. Соли 776 тарафдоронашро ҷамъ намуда, барои тарғибу ташвиқи зидди арабҳо ба ноҳияҳои Осиёи Миёна равон кард. Арабҳо боз аз пайяш шуданд. Муқаннаъ аз Марв ба Суғд омад, ки тарафдорони зиёд дошт. Наршахӣ менависад: « Андар Суғд ағлаб деҳаҳо ба дини Муқаннаъ даромаданд ва аз деҳаҳои Бухоро бисёр кофир шуданд ва куфр ошкоро гардид ва ин фитна азим шуд ва бало бар мусулмонон сахт шуд» [81, 60].

Академик Б. Ғафуров роҷеъ ба неҳзати Муқаннаъ чунин менависад: «Наршахӣ дар бораи неҳзати Муқаннаъ сухан ронда, нисбат ба пешвои шӯриш назари душманона доштани худро рӯирост қайд кардааст, ки ин барои ҳамаи муаррихони феодалӣ хос мебошад». Вале мо назари пок ва холисона дорем» [81, 60].

«Тобистони соли 780 қӯшуни араб қалъаеро, ки Муқаннаъ иқомат менамуд, забт карданд ва аз ҳимоятгарони қалъа ҳар касе ки ба дасташон афтид, ба қатл расонданд. Аммо худи Муқаннаъ таслим шудан нахоста, худро ба қатл расонд. Пас аз марги ӯ зарфи чандин сол шӯришҳои ҷудогонаи «сафедҷомагон» дар маҳалҳои мухталифи  Осиёи Миёна ба амал меомаданд» (саҳ. 440).  Гоҳ ошкору гоҳ ниҳон ба ин шӯришу ҷунбишҳо зан бо номи Хуррама, ки зани Маздак буд, роҳнамоӣ мекард [81,60].

Ҷунбиш ва шӯришҳои умумии Муқаннаъ аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист, зеро чи тавре ки  академик Бобоҷон Ғафуров таъкид мекунад, « таълимоти ӯ бартараф намудани нобаробарии молӣ ва мулкиро талаб карда, зидди ҳукмронии истилогарони араб нигаронида буданд»,61. Ва ин бисёр муҳим аст: замоне ки Ватан зери таҳдид қарор дорад, ҳама, қатъи назар аз дороию мартабаю дараҷа бояд ба по хезанд, диёр, кишвар, сарзамин, ватанро ҳимоя намоянд. Дар ин кори хайр ҳатто духтарон-занон (мисли зани Маздак-Хуррама) набояд дар канор бимонанд [81, 61].

Солҳое, ки мардуми Мовароуннаҳр ба муқобили истилогарони араб ҷанги сахт мебурданд, хилофати араб ба дараҷаи баланди иқтидори худ расид. Вай ба яке аз давлатҳои пурқудрати он давра мубаддал гардид. Дар ҳамон шароит муборизаи 14 -солаи Муқаннаъ бар зидди арабҳо ифодагари дараҷаи мардонагӣ ва озодидӯстии халқи тоҷик мебошад. Шаҳодати он ҳам аст, ки Муқаннаъ, лашкаркаши бузурги халқ ва қаҳрамони он муборизаҳо, дорои истеъдоди баланди ҳарбиву сиёсӣ, пешвои илҳомбахши оммаи халқ, барафрӯзандаи алангаи нафрат нисбат ба истилогарони бегонаи кишвар будааст.

Шаҳри Хуҷанд монанди чандин шаҳрҳо ва навоҳии дигари Мовароуннаҳр ва Хуросон дар ҳуҷуми Чингиз ба ҳоли худ гузошта шуда буд. Дар он ҷо аз тарафи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ дастаи аскарони муҳофиз гузошта нашуда буд. Маслиҳате ҳам, ки аз тарафи султон ба онҳо дода шуда буд, ҳамон «маслиҳат» буд, ки ӯ дар вақти гурези худ ба аҳолии сари роҳ дода буд. Ин «маслиҳат» ҳамин буд, ки мегуфт: «…чораи кори худ созед ва барои худ гурезгоҳе ба даст оваред, то аз чанги ҳаводис ва навойиб эмин бошед!» ё чунонки ба аҳолии Марв кард, фармон медод, ки «Агар гурехта натавонед, таслим шавед!»

Ҳокими Хуҷанд -қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик ба ин гуна «маслиҳат» ва фармонҳои хоинона ва агар сабуктар карда гӯем, беномусона гӯш надод ва аз вақте ки ӯ ҳаракати Чингизи хунрезро ба тарафи Мовароуннаҳр шунид, дар пайи мудофиаи Ватан афтод.

Бобоҷон Ғафуров дар ин бора чунин менависад: «Ба мудофиакунандагони шаҳр марди ҷасуру ҷангӣ Темурмалик роҳбарӣ мекард. Мудофиакунангдагони шаҳр он вақт фақат ба тарк намудани Хуҷанд маҷбур гардиданд, ки дигар ба душман муқобилат кардан мумкин набуд. Онҳо ба ҷазирае, ки дар дарёи Сир воқеъ гардида буд, рафта истеҳком гирифтанд ва аз он ҷо муборизаи худро бар зидди истилогарон давом доданд. Аскарони Темурмалик барои бетаъсир кардани тири душман рӯйи киштиҳои худро бо намад пӯшида, бо гил андова намуданд. Онҳо шабона ва субҳдам бо чунин киштиҳо ба соҳил наздик шуда, ба лашкари истилогарон ҳамла меоварданд ва сади ононро вайрон карда, пас мегаштанд [28, 507].

Темурмалик аз аввал медонист, ки як душмани хунхори пурзӯр монанди Чингизро Хуҷанд ба танҳоӣ шикаст дода, нест карда наметавонад. Лекин виҷдони ватандӯстӣ ӯро маҷбур мекард, ки то дар бадан ҷон ва аз ҷон рамақе дорад, вазифаи аз тарафи ватан ба гарданаш гузошташударо адо намояд, то ки дар пеши модари азиз - Ватан хоин нагардад ва дар таърих номи ӯ бо нафрат ёд нашавад. Ӯ ин нуктаро бо хубӣ медонист, ки агар Ватан аз даст рафта поймоли суми аспони душман шавад, ӯ зинда намемонад ва агар зинда

монад ҳам, бономусона ва қаҳрамонона дар сафи ҷанги мудофиаи Ватан кушта шудан ҳазор бор аз он гуна зиндагонии сарпастона, асирона ва беномусона беҳтар аст. Бинобар ин, ӯ қарор дод, ки ба ҳар роҳе, ки бошад, ба қадри қувват ва имкон дар мудофиаи ватан кӯшиш намояд

Вакте ки Темурмаликро ба қатл мерасонанд, аз миёнбандаш ёфтани пораи хок ва як пора коғаз ватандӯст будани ӯро исбот менамуд. Дар он коғаз чунин навишта шуда буд: « Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯст бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории Ватани азизи ман аст!»

Дар охири хат ин байт ҳам буд:

Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,

Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок! (Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик - С. Айнӣ [3, 84].

Шароити номусоиди бардавом деҳқонони тоҷикро ба шӯришҳои нав ба нави зидди истисморгарон даъват мекард. Дар байни он шӯришҳо барҷастатаринаш шӯриши соли 1885 дар бекигарии Балҷувони хонигарии Бухоро буд.

Восеъ, сарвари ин шӯриш, аз оилаи деҳқонони ноҳияи Ховалинг буд ва дам ба дам бо аҳолии навоҳии ҳамсоя рӯ ба рӯ мешуд. Ҷувозгаре буд хушахлоқу меҳрубон, ҳамдарди бечораю ғарибон, ки дар шаҳру деҳоти хонигарӣ зиёд буданд. Аз ин рӯ, одамон, бахусус, деҳқонони атроф, зиёд дӯсташ медоштанд.

Вале Восеъ на танҳо ғамхори дардмандон буд, балки нисбат ба истисморгарони халқи тоҷик нафрату ғазаби беандоза дошт. Вай дар дил орзуе мепарварид, ки мардумро зидди истисморгарон ба по хезонад ва онҳоро аз рӯи замин чун хасу хошок рӯфта партояд. Ӯ муддати зиёде тавонист мубориза барад. Дар ҳар қадам хатари марг ба худи Восеъ таҳдид мекард. Билохир, дастгир мешавад ва дар ҳузури амир ба гулӯи ӯ ханҷар зада, баъд ҷасадашро ба дор овехтанд.

Аз рӯзгори шӯриши Восеъ моро даҳсолаҳо ҷудо месозанд, вале симои қаҳрамони асосии он дар хотири тоҷикон нақш бастааст. Ва дар суруду таронаҳои зиёди халқӣ ситоиш гардидааст. Ин сурудаҳо аз таронаҳои дӯстдоштаи халқи тоҷик ҳисоб мешаванд, ки кӯшиши ҳамешагӣ баҳри зиндагии озоду беҳтару осоишта доштанд. Ин орузуву омол, махсусан, беҳтарин сурудаҳо дар бораи шоҳини озод, ки бо дигар сурудаҳои драмаи мусиқии бахшида ба Восеъ ба оҳанг даромадааст, бисёр рӯшан инъикос ёфта:

Исён кун имрӯз, эй марди деҳқон,

Зидди асорат зидди амирон!.... [27,187].

Ҷасорат, далерӣ ва таҷрибаи ҷангии ин диловарону фидоиёни роҳи озодӣ имрӯз ҳам дарси ибрат аст.

Давлати Сомониён, ки ҳамчун асри тиллоии мардуми мо ба қалам дода мешавад, сабақи бузурги таърихист. Маҳз ҳамин сабақомӯзӣ буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми истиқлоли миллӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Президенти мамлакатамон бо ифтихор мегӯянд: «Бо ифтихору қаноатмандӣ иброз медорам, ки даврони соҳибистиқлолӣ барои мардуми сарбаланди мо давраи саъю кӯшишҳои ватандӯстона ва заҳмату талошҳои созанда ба хотири ҳифзи истиқлолияту озодии Тоҷикистон, пешрафти давлат ва ободии Ватан ба ҳисоб меравад» [132].

Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб мавқеи китоби «Тоҷикон» - ро ба таври зерин тавсиф намудааст:

Ин китоб аз сарбаландиҳо ҳикоят мекунад,

Баҳри илми қаҳрамон гаштан кифоят мекунад.

Мардро бар ҷодаи фатҳу зафар созад равон,

Бар раҳи мардонагӣ занро ҳидоят мекунад.

***

Ин китоб осори нангу ҷуръати аллома аст,

Гашт исбот; аз ҳама ханҷар расотар хома аст.

Худшиносиҳои мо аз ин асар пайдо шавад,

Баҳри миллат ин асар, бешак, шаҳодатнома аст.

Тарҳи аслии Ватан пайдо шавад аз ин китоб,
Сарҳади мулки куҳан пайдо шавад аз ин китоб.
Шаҳри Балху ҳам Самарқанду Бухорову Ҳирот,
Чашмсурхи анҷуман пайдо шавад аз ин китоб.

Аз китоби «Тоҷикон» оҳанги бедорӣ расад,
Ҷашни мотамдори даврони гаронборӣ расад.
Ҳарфҳо тиранду хатҳо найзаҳо, ҳар сафҳа дашт,
Аз ҳамин саҳро фақат бонги ватандорӣ расад [143,12].

«Тоҷикон» дар ҳаёти илмии мамлакат як падидаи инқилобангез гардид. Ба ин асар дар муддати кӯтоҳ олимони номӣ- академикҳо Б. Б. Пиотровский, А. П. Окладников, А. П. Нарочнитский, И. И. Минтс, М. П. Ким, Е. М. Жуков ва дигарон дар матбуоти марказӣ баҳои баланд доданд. Аз ҷумла, академик, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, дорандаи Ҷоизаи Давлатии СССР А. П. Окладников 22- феврали соли 1973 дар саҳифаи «Известия» андешаашро чунин баён намудааст:«Рисолаи фундаменталии Бобоҷон Ғафуров дониши моро доир ба омӯхтани таърих ва анъанаҳои яке аз халқҳои қадимтарини мамлакати мо- тоҷикон боз ҳам бой ва ғанӣ мегардонад ва ин ҳиссаи арзандаи олим дар омӯзиши таърихи Ватан аст» [88].

Дар ин китоб таҳаввули мактабу мадраса, низоми омӯзиш дар асрҳои миёна ва таърихи пурғановати халқи тоҷик бо фарҳанги оламшумулаш бозтоб шуда, ифтихори ҳар як фарди тоҷик мебошад.

Воқеан шоҳасари Бобоҷон Ғафуров на ин ки дар мамлакат, ҳатто берун аз он шуҳрат дарёфт. Муаррихи америкоӣ Р. Фрай дар мақолааш дар маҷаллаи «Америкэн христорикэл ревю» мақолаеро таҳти унвони «Академик Бобоҷон Ғафуров ва «Тоҷикон» ба китоб ва муаллифи он чунин баҳо додааст; «Беназирии академик Бобоҷон Ғафуров дар таҳқиқи масъалаҳои илмии марбут ба Осиё на танҳо аз он аст, ки ӯ фарзанди миллати тоҷик аст. Ӯ директори Институти ховаршиносии АИ СССР - бузургтарин маркази

ховаршиносие мебошад, ки таҳти раёсаташ дар кӯтоҳтарин муддат муваффақиятҳои гӯшношунидеро ноил гашт. Агар зарурати тарҷимаи англисии ягон асари русӣ оид ба мавзуи Осиёи Марказӣ пеш ояд, бешак, он «Тоҷикон» аст» [85].

Дар замони истиқлоли миллӣ китоби « Тоҷикон» - и Б. Ғафуров ба халқи тоҷик, махсусан, ба насли ҷавон руҳи тоза бахшида, худогоҳиву хештаншиносиро тақвият дод, ҳисси ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ифтихори ватандории онҳоро баланд бардошт. Асари мазкур васиятномаи руҳии як насл ба насли дигар ба шумор рафта, замони бостонии тоҷикон, таърихи гузашта ва раванди ташаккулёбии халқи тоҷикро ба мо ва оламиён меомӯзонад.

Миллати тоҷик, хоссатан, насли наврас аз ин бояд ифтихор кунад. Ва ҳамин буд, ки ин шоҳасар дар муддати кӯтоҳ дар Полша бо теъдоди 50000 дар Афғонистону Ҳиндустон ва ду маротиба дар Тоҷикистон мавриди чоп қарор гирифт. Профессор, муҳаққиқ ва таърихшиноси Афғонистон Ҷалолиддини Сиддиқӣ дар ин бора чунин менависад: «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров китобест, ки академик, донишманд, пажуҳишгар ва муҳаққиқи ростин, журналист ва сиёсатмадори барҷастаи Тоҷикистони Шуравӣ онро дар тайи муддати мадид ва бо таҳаммули заҳомати зиёде пажуҳишӣ ва бар पояи таърихнигории мутараққӣ овардааст. Аз ин асар таърихшиносон, бостоншиносон, диншиносон, нажодшиносон, башаршиносон, ҷуғрофидонон, забоншиносон, адабиётшиносон, рассомон, фолклоршиносон ва дигар муҳаққиқони риштаҳои улуми гуногун метавонанд баҳра бигиранд ва истифода намоянд» [81].

Ин ҷо зикри ҳадиси пайғамбар Муҳаммад (с. а.в) басо мувофиқ аст, ки мегӯяд: «Хушбахт он аст, ки аз саргузашти дигарон панд гирад».

Мутолиа ва шиносоии ин асари шуҳратёр инсонро дар руҳияе тарбия менамояд, ки таърихамонро омӯзем, санъатамонро дарк намуда, забонамонро поку беолоиш нигоҳ дорем, миллатамонро сидқан дӯст дорем, башардӯст бошем, бадхоҳи касон набошем, бадро бад гӯему хубро хуб гӯем, ба қадри

некии дигарон расем, некӣ карданро вазифаи аввалиндараҷаи хеш донем. Бо ҳамин бартариву хусусиятҳо асари мазкур эътирофи ҷаҳониён гардидааст [81].

Иржи Бечка -шарқшиноси барҷастаи чех, дӯсти Бобоҷон Ғафуров-асари устодро чунин баҳо додааст: « Тоҷикон»- и Б. Ғафуров на танҳо ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон, балки таърихи тамоми тоҷикони Осиёи Миёна, ҳамчунин қисмати бузурги Афғонистони имрӯзаро фаро гирифтааст. Аз ин лиҳоз асар на танҳо барои халқи тоҷик, инчунин барои донистани таърихи инкишофи тамоми халқҳои Осиёи Марказӣ аҳамияти калон дорад».

Ҳақ бар ҷониби Иржи Бечка аст. Асари мазкур фақат шарҳу тавзеҳ ва тарғиби мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик набуда, балки дар бораи таърихи халқҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Туркманистон низ маълумот медиҳад.

Дар асар рушди таърихии халқи тоҷик, нерӯҳои моддию маънавие, ки қарнҳо дар байни халқ ташаккул ёфта, дар давраҳои пурташвиштарини таърихӣ боиси устувор истодани онҳо гардидаанд, инъикос ёфтаанд. Чунин аст хидмати беназири аллома Бобоҷон Ғафуров дар роҳи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, ташаккули консепсияи илмии тоҷикшиносии ҷаҳонӣ ва муаррифии саҳифаҳои рангини таърихи миллат дар роҳи озодию ватандӯстӣ мебошад.

«Тоҷикон» асари бунёдӣ ва маҳзари ватандӯстиву меҳанпарастӣ буда, мубаллиғи бедорӣ, сарбаландиву қаҳрамонӣ ва мардонагии миллати тоҷик ва талошҳои таърихии онҳо дар роҳи озодии ватан маҳсуб меёбад. Бешак, ин асар шаҳодатномаи миллати маърифатпарвару ободгар ва ояндасози тоҷикон мебошад.

## Хулосаи боби 2

Таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои пурифтихор доштаву корномаи гузаштагон ва анъанаҳои неки ба ёдгор гузоштаи онҳо боиси ифтихор ва гиромидошти моанд.

Ба ибораи дигар, таърихи халқи тоҷик барои ҳар як фарди ватандӯст ҳамчун манбаи худогоҳиву худшиносӣ дар равшаннамоии масири пешрафти мо чун раҳнамо хизмат менамояд. Аз ин рӯ, мо бояд бо дарназардошти воқеаҳои дирӯза ба дастовардҳои имрӯза ва дурнамои ҳаёти ояндаи миллат беғаразона ва воқеъбинона баҳо дода, ба таърихи он эҳтиром гузорем.

Халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо ба шарофати шахсиятҳои муборизу ҷасур, ватандӯсту меҳанпарвар, донишманд ва бонангу номусаш ба ганҷинаи таърих ва тамаддуни башар саҳми мондагор гузоштааст. Тоҷикон чун миллати фарҳангсолору тамаддунсоз дар ҳама давру замон ба зулму ситам ва фоҷиаву даҳшатҳои таърихӣ муборизаи беамон бурдаанд. Ин халқи озода дар ҳама марҳалаҳои таърих барои ҳифзи ҳуввият ва анъанаву арзишҳои миллии хеш бо қавму қабилаҳои саҳрогарду бодиянишин ва бадхоҳони миллат мубориза карда, дар ин роҳ ҳазорон нафар фарзанди номоварашро аз даст дода,  бо душворӣ ба истиқлолу озодӣ расидааст. Аз ин рӯ, ҳар фарди бедордилро мебояд омӯзиши таъриху фарҳанги халқи азизашро вазифаи муқаддас дониста, аз гузаштаи пуршебу фарозаш сабақ гирад, ба  корномаи фарзандони фарзонааш арҷ гузорад, онро ҳифз намояд.

«Тоҷикон» асари бунёдӣ ва маҳзари ватандӯстиву меҳанпарастӣ буда, мубаллиғи бедорӣ, сарбаландиву қаҳрамонӣ ва мардонагии тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо дар роҳи озодии ватан мебошад.

Бешак, ин асар шаҳодатномаи миллати маърифатпарвару ободгар ва ояндасози тоҷикон маҳсуб ёфта, мактаби бузурги худшиносист.

«Тоҷикон» саҳифаҳои дурахшони қаҳрамониву диловарии гузаштагони халқи тоҷикро ҳамчун асоси ғояи ватандӯстиву садоқат ба Ватан баён намуда,  дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ,  бо дарназардошти воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ насли наврасро ҳушдор медиҳад, ки рӯ ба таърихи миллат оранд, аз аслу насаби хеш огаҳ бошанд, аҷдоду гузаштагони худро гиромӣ дошта, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, марзу буми кишвар бо амри дил доимо тайёр бошанд.

Ин асар асари бунёдии ҷомеъ буда, дар сатҳи баланди илми таърихнигорӣ ва ҷомеашиносии ҷаҳони муосир таълиф шудааст ва бо далелҳои қотею муҳокимаҳои мантиқиву ҷамъбастҳои мунсифонааш таърихнома, меҳрнома ва васфномаи таърихи бои халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Мутолиаи он моро ба ҳақиқати таърих мерасонад. Бо омӯзиши он мо метавонем дар бораи иттифоқи қабилаҳои сакҳо, юриши Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Миёна, давлатҳои Хахоманишинҳо, Суғд, Бохтар, Хоразм, Ҳайтолиён, истилои арабҳо, давлати Сомониён, Қарохониён, Темуриён маълумот пайдо намоем.

# БОБИ 3. МЕТОД ВА ВОСИТАҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «ТОҶИКОН»

## 3.1. «Тоҷикон» ва методҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон

Дар замони муосир ва ҷаҳонишавии босуръат, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ором намегузорад ва хатар ба таъриху фарҳанг, тамаддун, бештар шуда, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ ва ба аз байн рафтани урфу одат, анъана ва ҳувияти миллӣ боис мегардад. Дар шароити феълӣ масъалаи таҳкими истиқлоли давлатӣ тавассути ваҳдат ва ташаккули худшиносии миллӣ, дар заминаи анъанаҳои миллӣ ва динӣ сурат гирифта, барои мо муҳим маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, моро мебояд дар ҳамкорӣ тарбияи насли навро таҳким бахшида, пояҳои онро мустаҳакам созем ва наврасону ҷавононро ба дарки вуҷуди хеш, шинохти аслу насаб, донистани моҳияти маънавӣ, мавқеи худ дар ҷомеа, огоҳии комил аз таърих, фарҳангу тамаддун, забон, адабиёт, урфу одатҳои аҷдодӣ ҳидоят намоем. Зеро танҳо тарбияи хуб метавонад рушди бомароми кишварро таъмин карда, мавқеи онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад ва устувор гардонад.

Фаъолияти тарбиявии мо бояд аз миллатдӯстӣ ва ватандориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирад. Тавре ки Президенти мамлакат таъкид менамояд: «То даме ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ дар шуури ҳар яки мо падид наояд, то даме ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме ки хидмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем» [126].

Ба андешаи Сарвари давлат, барои он ки насли ояндаи кишвар ба фишори ҷаҳонишавӣ муқовимат карда, асолати миллӣ ва худогоҳиву хештаншиносиашро ҳифз карда тавонад, он бояд мақому манзалати инсониашро бо решаҳои таърихӣ, бо сарнавишти миллату халқи худ пайванд

созад ва ба Ватану муқаддасоти он, арзишҳои милливу башарӣ арҷ гузорад, манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва хонавода пайваста тавонад ва донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст, он гоҳ ба худшиносию худогоҳии миллӣ расида метавонад.

Масъалаи тарбияи худогоҳиву худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонон барои солҳои 2006-2010» ва дигар санадҳои амалкунандаи меъёрии соҳаи таълиму тарбия инъикос ёфтааст. Масалан, дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад, онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд, ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ, хизмат кардан ба Ватан ва миллат ҳидоят мекунад. Шаҳрванди ифтихор аз ватандошта истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад» [55].

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводис моро зарур аст, ки насли навро ҳушдор диҳем, ки мисли солҳои навадуми асри гузашта фирефтаи таблиғоти неруҳои ифротгаро ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва давлат омода бошанд. Ватанашонро дӯст доранд ва ба он содиқона хизмат кунанд.

Нависандаи рус Николай Чернишевский дар боби ватанпарастӣ ва хидмат ба Ватан ба маврид таъкид менамояд: «Ватанпарастӣ хидмат ба Ватан асту Ватан мардум аст». Вобаста ба андешаи нависандаи маъруф наврасону ҷавонон бояд бахти худро танҳо дар хидмати фидокорона ба Меҳан, ба мардум ва ҷаҳони бузурги фаъолияти шаҳрвандӣ равшан намоянд.

Насли ҷавон бояд донад, ки неруҳои ифротгаро инсонҳоро ба ҷангу терроризм ва радикализми динӣ кашида, онҳоро аз аслашон бегона месозанд ва ба ҳисси худшиносии миллии онҳо рахна мезананд. Наврасону ҷавонон набояд фаромӯш созанд, ки миллати тоҷик бо таърихи қадимаи давлатдорӣ, маънавиёти баланд ва фитрати фарҳангофариаш ҷаҳоншумул буд. Таърих гувоҳ аст, ки ташаккули тоҷикон аз асри якуми мелодӣ оғоз ёфтаву маҳз дар замони Сомониён ба мақоми баланди давлатдорӣ расидааст. Вобаста ба ин омӯзгоронро мебояд насли наврасро дар рӯҳияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ватанпарастӣ, дӯст доштани марзу буми хеш, инсондӯстӣ, эҳтиром ва бузургдошти арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва миллӣ тарбия намуда, ин ҳиссиётро дар онҳо ташаккул диҳанд. То ки онҳо ба саволҳои: «Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом хонавода ба воя расидаем?. Нахустаҷдодамон киҳоянд, аз куҷо омаданд ва дар кадом сарзамин ошён доштанд?» ҷавоб гуфта тавонанд.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ чунин омадааст: «Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиятҳои миллат мебошад» [55].

Таваҷҷуҳ ба худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ҳамчун рукни пешрафти ҷомеа маҳсуб ёфта, асоснок кардани мазмун, сохтор ва таъмини корҳои ташкилию методии тарбияи худшиносии хонандагон ҳам дар назария, ҳам дар амалия ва таҳкиму рушди давлатдорӣ муҳим мебошад.

Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский дар асараш "Ватан дар дил" вобаста ба вазифаи падару модарон, омӯзгорон дар тарбияи ифтихори ватандории фарзандону шогирдон ба таври зерин таъкид кардааст: "Падару модар, омӯзгору сарвари пионерон вазифадоранд, дар дили шогирдони худ изтиробҳои ҷӯшони ватандӯстию ватандориро барангезанд. Танҳо ҳангоме ки инсони ҷавон сӯи қуллаи зебоии маънавӣ ҷаҳд мекунад ва хоҳон аст монанди шоистатарин фарзандони Меҳан бошад, ӯ ба қобилияте доро мешавад, ки саропои атрофро бо чашми гражданин бубинад. Зеро диди граждании ифтихори ватанпарварӣ доротару нерумандтар дар самти бунёдкории ҷомеаи навин аст" [110].

Дар робита ба андешаҳои педагоги шинохта, мо бояд чун шаҳрванди ҳамин сарзамин ҷойю маконҳои ноободи Ватанро ободу зебо кунем, гулу дарахтон шинонем, мавзеъҳои зистамонро аз партовҳо тозаву озода намоем, заминҳои бекорхобидаро корам, биноҳои аз таъсири боду борон рехтаро обод созем ва бо ин роҳ эҳсоси саодати шаҳрвандиро баланд бардорем. Ҳар нафаре ин амалро беғаразона анҷом диҳад, ё барои он саъю кӯшиш намояд, хидматгор, ободкори ватан шинохта мешавад, ки ин аст нишонаи ифтихор аз ватану ватандорӣ.

Ташаккули худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандории хонандагон яке аз масъалаҳои муҳимми фалсафӣ, сиёсатшиносӣ, педагогию психологии замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми таркибии миллати тоҷик ба шумор рафта, бо амалӣ намудани тадбирҳои зикршуда мо метавонем ифтихори ватандории наврасону ҷавононро рушд бахшем ва ба дарки дурусти масъалаи худшиносии миллии хонандагон («Ман кистам», «Ман аз кадом хонадон ҳастам» ва «Ман кӣ бояд бошам») мусоидат намоем.

Дар ин маврид муҳаққиқ Салоҳиддин Амонӣ бамаврид фармуда:

Ифтихори ману ту аз Ватан аст,
Эътибори ману ту аз Ватан аст.
Қуввати ҷону сари сабзу баланд,
Иқтидори ману ту аз Ватан аст.
Ватан ар қудрату эмон бошад,
Ҳар касе беватан аст, бекафан аст.

Аз ин рӯ, ифтихору, эътибор ва иқтидори ҳар инсони оқилу огаҳ Ватан буда, худшиносию ватандорӣ модарзодӣ нест, онро тарбия бояд кард. Ин тарбия бояд гуногунҷабҳа, бонизому мақсаднок ва ҳамоҳангшудаву самарабахш дар руҳияи садоқат ба Ватани худ, омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои шаҳрвандӣ ва аз ҳама мухим, иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ сурат гирад.

Чун Истиқлол мисли Конститутсия ҳуҷҷати тақдирсози мардум, хонавода ва ҳар як узви хонавода, зиндагӣ, буду нобуд, обрӯ, сарбаландию сарафрозӣ, сурхии рӯ, эҳёгари ному насаб ва таъриху фарҳанги миллӣ, худшиносӣ, нангу номус ва шарафи одамӣ, ваҳдату ягонагӣ, неъмат ва беҳтарину волотарин арзиши миллӣ маҳсуб меёбад, моро мебояд ба қадри ин арзиши бебаҳо расем ва дар бақояш пайваста ҷаҳд намоем.

Маълум аст, ки осор ва таъриху фарҳанги ҳар як миллат боигарии моддию маънавии ҳамон халқ ба шумор рафта, шаҳрвандони онро мебояд дар омӯзишу зинда кардани ному корномаҳо, таърихи ниёгон, гиромидошту ҳифз ва муаррифии он бо дарки масъулият содиқона талош варзанд.

Асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров аз қабили осорҳои беназир ба шумор рафта, дар тарбияи ватандӯстиии хонандагон нақши барҷаста дорад. Аз ҷумла:

- бо далелҳои раднопазири таърихӣ ва қаҳрамониҳои халқи тоҷик дар роҳи озодӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба насли наврас қаҳрамонӣ ва дӯстдору муҳофизи Ватан буданро меомӯзонад;

- чун чароғ ба саҳифаҳои торику фаромӯшшудаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллиро дар хонандагон такмил медиҳад;

- роҳҳои пур аз шебу фарози тайкардаи миллати тоҷик, рӯйдоду воқеаҳо ва хатоҳои онҳоро чун сабақ  ба насли ҷавон омӯзонда, ҳунари давлатдории гузаштагонро ба насли имрӯзу оянда талқин менамояд;

- осори фарҳангиву илмии бостонро ба хонандагон омӯзонда, насли наврасро ба хираду заковати гузаштагон шинос менамояд;

- ба сифати таҳқиқоти қадимтарин, қадим, асри миёна пайдоиши ҷомеаи инсониро дар Осиёи Марказӣ то ибтидои асри XX ва давраи нави халқи тоҷикро ба хонандагон шинос намуда, онҳоро ба худшиносии миллӣ ва устувор сохтани хотираи таърихӣ водор менамояд;

- ҳушёриву зиракии сиёсиро ба хонандагон омӯзонда, таҳкими ваҳдати миллиро ба онҳо ёд медиҳад;

- корномаи гузаштагони халқи тоҷикро дар роҳи ватандӯстиву озодии Ватан ба хонандагон омӯзонда, ватанфурӯшӣ ва хиёнат ба ва Ватанро пешгирӣ менамояд, ки дар ин бора шоир Абдуллоҳи Раҳнамо бамаврид таъкид кардааст:

Гузарад соати душвор Ватанро мафурӯш,  
Ғами имрӯз шавад пор Ватанро мафурӯш.  
Хати марзи Ватан имрӯз хати номус аст,  
Эй баномус ватандор, Ватанро мафурӯш.

- хотираи таърихии шогирдонро тақвият бахшида, чун фишанги муҳим дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва манфиати миллату давлат нақши калидӣ мебозад;

- ба ҷаҳони маънавии хонандагон таъсир расонда, ҳисси ифтихори миллию ватандӯстии онҳоро таҳким мебахшад ва оид ба марзу буми тоҷикон ва ҳудуди зиндагии онҳо маълумот медиҳад, ба ин васила таҳҷойӣ будани ин миллати куҳанбунёдро собит менамояд;

- ҳамчун асари илмию бунёдӣ, соҳибтаърих, соҳибфарҳанг ва соҳибтамаддун будани халқи тоҷикро ба насли нав меомӯзонад;

- ҳисси худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории хонандагонро баланд мебардорад;

- донистани таърихро миёни хонандагон равнақ бахшида, ба ин васила, шинохти мавқеи халқи куҳанбунёду фарҳангсолори тоҷикро дар рушди тамаддуни инсоният ба онҳо ёд медиҳад;

- ба хонандагон сифатҳои дӯст доштани зодгоҳи худ, муҳаббат доштану содиқ будан ба халқу Ватани худ ва ватанпарастию ватанпарвариро меомӯзонад;

- мутолиа ва донистани маъхазҳои таърихию фарҳангии раднопазири шоҳасар солҳову асрҳои мадид насли наврасро ба якдиливу яктанӣ, ҳамватаниву бо Ватан будан даъват менамояд;

- ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар хонандагон ташаккул дода, онҳоро ба фарзанди шоистаи замон ва меросбари фарзонаи миллати озода шудан ҳидоят мекунад;

- миёни хонандагон арҷгузорӣ ба мероси ниёгон ва фаъолияти содиқонаву касбӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои халқи тоҷик, истиқлолу ваҳдати миллиро ба роҳ мемонад;

- хонандагонро ба сӯйи фатҳу зафар равона месозад;

- чун фарзанди миллати куҳанбунёду фарҳангсолор ва соҳибдавлат будани хонандагонро нишон дода, ба онҳо ифтихор намудан аз Ватану ватандорӣ, муқаддасоти миллиро меомӯзонад;

- хонандагонро ба воқеаҳо ва рӯзгори гузаштагон шинос намуда, худогоҳию худшиносииро миёни онҳо таҳким мебахшад;

- ҳувияти милливу ватандӯстии хонандагонро баланд бардошта, тафаккури миллии онҳоро ташаккул медиҳад ва онхоро ба тахкими амният ва суботи давлат раҳнамун месозад;

- барои сохтани ояндаи дурахшони миллат раҳнамоӣ мекунад. Устод Садриддин Айнӣ вобаста ба ин дуруст таъкид мекунад, ки «Мо бояд аз таърих чун аслиҳа барои сохтани фардои дурашони худ истифода барем»;

- муносибати ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла, хонандагонро бо давлат ва ҷомеа тағйир дода, мустақилияти донишомӯзонро дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт таъмин месозад ва масъулияти онҳоро барои тақдири худ ва тақдири одамони дигар меафзояд, ки ин ватандӯстӣ фарогири ҷанбаҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, идеологӣ, фарҳангӣ- таърихӣ, низомӣ-ватандӯстӣ мебошад;

- сатҳи маърифати шаҳрвандии насли наврасро баланд бардошта, дар ин замина ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул медиҳад, ки  ба ин васила волоияти қонун дар кишвар афзудаву таҳким меёбад;

- дар роҳи ватандӯстӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ ва нигоҳдошти осори таърихиву фарҳангӣ дар ҷомеаи демократӣ насли наврасро ба ташаббускорӣ, анҷом додани амалҳои арзишманду неку савоб, ҳуқуқу уҳдадориҳо раҳнамоӣ карда, сифатҳои шаҳрвандии онҳоро рушд медиҳад;

- шахсият ва ватандӯстии насли ҷавонро ташаккул дода, дар ин росто, арзишҳо, муносибатҳо, тамоюлҳо ва руҳияи фаъолияту рафтори онҳоро нисбат ба Ватан такмил медиҳад;

- андешаи ҳар як наврас, писар, духтарро ба Ватану ватандӯстӣ тавсеа бахшида, хусусиёти иҷтимоӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва таърихии онҳоро рушд дода, барои ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва давлат омода менамояд;

- тафаккур ва ҳиссиёти ватандӯстӣ, арзиш ва эътиқодҳои ватандӯстии хонандагонро вусъат бахшида, эҳтироми онҳоро ба гузаштаи таърихиву фарҳангӣ ва ва анъанаҳои Тоҷикистон баланд мебардорад. Онҳоро ба корҳои эҳё ва ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва маънавии Ватани хеш бештар ҷалб мегарданд;

- наврасону ҷавононро барои ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ раҳнамоӣ мекунад;

- меҳру муҳаббат ва садоқати наврасону ҷавононро ба Ватан афзун намуда, онҳоро барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ омода менамояд;

- бедории миллӣ, зиракию ҳушёрии сиёсии хонандагонро тақвият дода, ғояҳои худогоҳиву худшиносии онҳоро таҳким мебахшад;

- наврасону ҷавононро дар роҳи нангу номуси Ватандорӣ тарбия намуда, онҳоро барои расидан ба қадру эҳтироми дастоварди бебаҳои таърихии худ ҳидоят мекунад;

- сифатҳои беҳтарини ватандӯстиро дар наврасону ҷавонон ташаккул медиҳад;

- шуур, ҳисси ватандӯстии хонандагонро вусъат бахшида, рафтори шаҳрвандии онҳоро такмил медиҳад;

- хонандагонро аз бетарафӣ нисбат ба ояндаи Ватан пешгирӣ менамояд;

- хонандагонро ба корномаҳои илмию пешрафти илми тоҷик, пеш аз ҳама, инкишофи маориф шинос менамояд;

- ба хонандагон ҳақиқати таърихро омӯзонда, роҳҳои навро андар шинохти ҷомеаи тоҷикон ва суннатҳои аҷдодӣ дар гузашта ва имрӯз муаррифӣ мекунад;

- ҷаҳони маънавии насли наврасро такон бахшида, дар бораи марзу буми тоҷикон, ҳудуди зиндагии онҳо маълумоти пурра медиҳад ва маълум мекунад, ки тоҷикон миллати таҳҷоии Осиёи Марказӣ мебошанду қавму қабилаҳои дигар, аз ҷумла, қирғизҳо баъдан маскун шудаанд;

- на танҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, сокинони Осиёи марказиро бо сарчашмаи боэътимод ва дақиқу саҳеҳи таърихиву фарҳангӣ шинос менамояд.

## 3.2. Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»

Мактабу маориф дар ҳама давру замон омили пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, рушду нумуи ҳар як давлату миллат ба мактабу маориф робитаи ногусастанӣ дорад.

Истиқлоли давлатӣ барои тараққиёти рӯзафзуни тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ба вежа, соҳаи маориф, шароит ва имконоти басо мусоид фароҳам

овард. Бояд донист, ки ҳамаи рукнҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиб, фарҳанг, пеш аз ҳама, бар асоси мактабу маориф рушд меёбанд ва рӯ ба тараққӣ мениҳанд. Яъне, ҷумлаи онҳое, ки бо сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра сару кор мегиранд, ба ибораи дигар, ҳамаи онҳое, ки ҷомеаи пешрафтаи инсонӣ месозанд, ихтироъҳо мекунанд, бозёфту дастовардҳо ба миён меоранд, неъматҳои моддию маънавӣ меофаранд, дар мактаб дониш мегиранд. Бинобар он, тараққиёти ҳар як ҷомеаи инсонӣ, пеш аз ҳама, ба инкишофи маориф вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки давлат дар роҳи инкишофи худ, аввалтар аз ҳама, ба мактабу маориф такя мекунад, ҳама диққаташро ба рушди маориф ҷалб месозад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ низоми маорифи тоҷик тағйир ёфта, асоси онро назарияи маърифат ва ғояҳои ватандӯстию ватандорӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил дод. Президенти мамлакат аз кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон даъват ба амал меорад, ки нисбат ба мактаб ҷиддитар муносибат намоянд, ба таълиму тарбияи наврасону ҷавонон эътибори хосса диҳанд, барои он ки раванди таълим ва тарбия ба дараҷаи баланд, тибқи талаботу дархостҳои ҷомеа сурат гирад, аз шаклу усули ҳозиразамон, дастовардҳои тозаи олимону донишмандон ихтироъ ва кашфиёти илми муосир ҳунармандона истифода баранд. «Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад» [100].

Аз ин рӯ, дар назди мактабу маорифи Тоҷикистон вазифаҳои басо муҳим меистан. Тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон аз вазифаҳои муҳимми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ буд ва мемонад. Зеро маҳз дар ин зинаи таҳсилот тарбияи муҳаббат ба Ватан бештар эҳсос ва амалӣ карда мешавад ва дар ҳамин зина ташаккул меёбад. Масъалаи тарбияи шахсияти фаъол ва созанда, эҳсоси хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ ва умумибашаридошта, тарбияи мутахассисони кордону варзида ва донандаи техникаю технологияи

навин ва ғайра аз қабили вазифаҳои муҳимми муассисаи таҳсилоти умумӣ мебошанд. Маҳз ҳисси ифтихор ба Ватан, эҳтиром гузоштан ба мардуми худ, ба дастовардҳои бузург, саҳифаҳои шоистаи таърихиву фарҳангии гузаштагон ва инкишоф додани он дар мактаби миёна шакл гирифтаву комил мегардад.

Истиқлол ва соҳибдавлатӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангиро барои ба амал баровардани тағйироти куллии сифативу микдорӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, татбиқи андешаҳои фавқуззикр дар соҳаи маориф фароҳам овард. Дар ин замина мақом ва мартабаи маориф ҳамчун меъёри асосии муайянкунандаи пешрафту дигаргунсозии ҷомеа ва рушди мамлакат мунтазам боло рафта, омили муҳими пешравии иқтидори иқтисодӣ ва амнияти миллату давлат гардид.

Дар робита ба ин Президенти мамлакат дар вохӯриашон бо фаъолони маорифи ҷумҳурӣ чунин баён карда буданд: «Ман, ки ба маорифамон сахт эътиқод ва ба ояндаи он бовар дорам, бо дили пур ва як ҷаҳон орзую умед мегӯям: «Замоне мерасад, ки муҳаққиқон перомуни рушд, пешрафт ва инкишофи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои илмӣ ҳимоя мекунанд, китобҳо омода месозанд ва он замон дур нест» [100].

Вобаста ба таъкидҳои Сарвари давлат аҳли маорифи кишварро мебояд бо дарки масъулият атрофи давлати миллии худ ва Роҳбари хирадманд, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гашта, ҷиҳати омӯхтану зинда кардани ному корномаҳо ва таърихи ниёгонамон, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи худшиносӣ, ифтихор ва ваҳдати миллӣ, ватандӯстию ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ободкориву созандагӣ содиқонаву софдилона хизмат намоянд.

Асари мондагори нобиға, ахтари илму сиёсат, донишвару давлатмард, фарҳангсиришту таърихнигори забардаст, муҳофизи манофеи миллӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» сарчашмаи худшиносии тоҷикон, таърихи пурифтихор ва корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷикро дар тӯли таърих баён карда, нақши ибратомӯзу носутурданӣ ва ғанидоштани халқи куҳанбунёди тоҷикро дар рушди тамаддуни инсоният бо

далелҳои раднопазир, муҳокимаҳои қавитаркиби мантиқӣ ва сарчашмаҳои илмию таърихӣ собит менамояд ва аҳли башарро ҳушдор медиҳад, ки тоҷикон аз азал миллати озода, фарҳангсолор ва башардӯст мебошнд.

Китоби мазкур рамзи хотираи миллати тоҷик буда, ройгон ба ҳар як оилаи тоҷик тақдим шудани он, пеш аз ҳама, ба ҳар як хонадони тоҷик зебу шукӯҳ мебахшад ва мутолиаи он ҳисси худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории насли нарасро тақвият дода, дар ин радиф ҳофизаи таърихии онҳоро таҳким бахшидаву аз шебу фарозҳои саргузашти таърихӣ огаҳ месозад.

Омӯзиши ин асари бунёдӣ шаҳрвандон, хонандагони арҷмандро ба ҳақиқати таърих расонда, роҳҳои муосирро барои шинохти ҷомеаи тоҷикон ва суннатҳои он дар гузашта ва имрӯз бозгӯ мекунад.

Яке аз принсипҳои ахлоқию сиёсии давлату ҷомеа ватандӯстӣ ба шумор рафта, мазмунан муҳаббат ва садоқат ба Ватанро ифода мекунад. Ватандӯстӣ муносибати ҳиссӣ ба Ватан ва хизмати содиқона ба ону муҳофизи Меҳан будан аст. Чун Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, муассисаҳои таълимии кишварро мебояд бо дарназардошти мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ хонандагонро дар руҳи худогоҳиву хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, шинохт ва эҳтиром ба таърихи фарҳанги миллати хеш тарбия намоянд. Ба ин васила, ба хонандагон анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷикро, ки дар давоми қарнҳо ба ҳаёти мо ворид шудаанду ҳувият ё маҷмуи сифатҳои онро ташкил медиҳанд, омӯзонанд. Дар ҳоли ташаккул ёфтани худогоҳиву бедории миллии наврасону ҷавонон, ифтихори миллиашон рушд карда, ҳисси содиқона хидмат кардани онҳо ба Ватану миллати хеш баланд мегардад ва чун фарди худогоҳу хештаншинос дар пайи ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, таҳкими Ваҳдати миллӣ ва ғанӣ гардонидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат камари ҳиммат мебанданд.

Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст” [57].

Азбаски ҷавонон неруи пешбарандаву созандаанд, ин вазифаи муҳимро вақте сарбаландона иҷро карда метавонанд, ки аввал ба моҳияти истиқлол, арзишҳои миллӣ ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд сарфаҳм рафта, масъулияти соҳибватан буданро дар худ парвариш диҳанд ва ба қадри неъмати бебаҳои ватандорӣ расанд.

Бо рушд кардани андешаву амалҳои ватанпарастона хонандагон мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватанро хуб дарк намуда, садоқаташонро ба меҳани хеш нишон медиҳанд. Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид менамоянд: “Танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад” [133].

Аз ин рӯ, омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишварро мебояд ба тарбияи миллии хонандагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҷиҳати таҳкими тарбияи ватандӯстии онҳо чораҳои мушаххас андешанд, аз ҷумла, ба омӯзиши асари мондагор, шиноснома, инъикосгари таъриху фарҳанги миллати тоҷик “Тоҷикон” рӯ оранд ва ба сарчашма, рӯйдод, санаҳои муҳиму давраҳои таърихӣ, чеҳраҳои таърихсоз ва мероси таърихиву фарҳангии моддиву маънавии халқи тоҷик амиқу дақиқ шинос шаванд.

Дар робита ба ин, намунаи чорабиниҳоеро пешниҳод менамоем, ки зимни баргузории онҳо омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” сурат гирифта, хонандагон ба мазмуни пурраи асар шинос мешаванд ва дар ин замина ҳисси ватандӯстию ватанпарварии онҳо вусъат меёбад**.**

**1.** Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ. (Ҳамаи чорбиниҳо дар давоми ҳафта, бояд дар доираи китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров баргузор карда шавад). Ҳафтаи фаннӣ-чорабинии мактабиест, ки дар давоми ҳафта доир ба омӯзиши ин ё он фан ва ё масъалаи муҳим баргузор карда мешавад. Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ ба таври васеъ дар соҳаи маорифи муосир амалӣ

мешавад. Масалан, ҳафтаи таърих дар муассиса ба омӯзгорон барои муайян намудани дониши хонандагон аз фанни таърих ва ҷиҳати ҳавасманд намудани онҳо ба омӯхтани мавзуъҳои сатҳи махсус, имконият фароҳам меоварад.

Ҳафтаи фаннӣ дар муассиса метавонад барои ноил шудан ба натиҷаҳои зерин мусоидат кунад:

- ҷалби хонандагон ба фан ва омӯзиши он;
- мусоидат ба омӯзиши чуқури фан, азбар кардани донишҳои иловагӣ аз фан, ташаккули донишҳои фаннӣ дар хонандагон;
- ошкор намудани робитаи фан бо дигар соҳаҳои илм;
- мусоидат ба рушди тафаккур, мушоҳида, таҳлил ва таҳқиқоти илмии хонандагон.

Азбаски ин чорабинии умумимуассисавӣ маҳсуб меёбад, зарур аст, ки нақшаи он барои 6 рӯз таҳия шавад. Ва дар нақша бояд шакл ва намуди чорабиниҳои баргузормешуда дарҷ гардад. Нақшаи ҳафтаинаи фаннӣ бояд дар яке аз ҷаласаҳои маъмурияти муассиса муҳокима ва тасдиқ карда шавад.

**Намунаи барномаи ҳафтаи фанниро пешниҳод менамоем.**

| ТР | Намуди фаъолият | Рӯзҳои ҳафта | Масъулон ва иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| | Ифтитоҳии ҳафтаи фаннӣ ва шинос намудани хонандагон ба чорабиниҳои он.<br>- тасдиқи реҷа ва эълони дарсҳои кушод оид ба асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар давоми ҳафта;<br>- эълон ва раҳнамоиҳо ба хонандагон оид ба таҳия ва баррасии лоиҳаҳои хурди илмӣ дар мавзуи «Тоҷикон»- асари бунёдӣ ва ватандӯстона»;<br>- миёни хонандагон, иштирокдорони ҳафта ба роҳ монданинамоиши «мусаввараю нигораҳо аз китоби «Тоҷикон»; | Душанбе | Маъмурияти муассиса, омӯзгорон ва хонандагон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | - эълон ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ-маърифатӣ дар давоми ҳафта оид ба асари «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров;<br>- эълон ва гузаронидани озмунҳои маърифатӣ, аз ҷумла «Лавҳаи беҳтарин», «Рӯзномаи беҳтарин», «Беҳтарин мусаввара ва нигора», «Тасвири беҳтарин» ва «Беҳтарин донандаи таърихи миллат» ва амсоли инҳо;<br>- эълони таҳия ва намоиши рӯзномаҳои мактабӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои 10-11оид ба мазмуну мухтавои шоҳасари «Тоҷикон».<br>- гузаронидани ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ дар мавзуи «Тоҷикон»-падидаи инқилобангези миллӣ; | | |
| | Ташкили намоишгоҳи мероси таърихию фарҳангӣ дар робита ба маъхазҳои китоби «Тоҷикон».<br>Ҷиҳати шиносоии амиқ ба таъриху тамаддуни рангини миллати куҳанбунёд гузаронидани семинари илмӣ дар мавзуи «ЮНЕСКО ва ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангии умумибашарӣ». | Сешанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| | Баррасии лоиҳаҳои хурди илмии хонандагон дар мавзуи «Тоҷикон»-асари бунёдӣ ва ватандӯстона»<br>Муаррифии натиҷаи озмуни «Мусаввараю нигораҳо аз китоби «Тоҷикон». | Чоршанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| | Гузаронидани маҳфили саволу ҷавоб бо хонандагон оид ба фаслҳои китоби «Тоҷикон».<br>Натиҷабардории рӯзномаҳои | Панҷшанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | мактабӣ оид ба асари «Тоҷикон». | | хонандагон |
| | Натиҷабардории озмуни «Беҳтарин донандаи таърих ва харитаҳои таърихӣ». Бо иштироки муаррихон, олимони илми таърих ва хонандагон гузаронидани конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Тоҷикон»-шиносномаи миллат». | Ҷумъа | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| | Ҷамъбасти ҳафта. Баргузории чорабинии фарҳангӣ. Сурудҳо дар васфи Ватан, ватандӯстӣ ва Истиқлоли давлатӣ. Мукофотонидани ғолибони озмунҳо ва беҳтарин иштирокдорони ҳафта. | Шанбе | Роҳбарияти муассиса, омӯзгорон ва хонандагон |
| Арзёбӣ | | | |

**2.** Баргузор намудани маҳфили саволу ҷавоб аз фаслҳои китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров.

Маҳфили шаби саволу ҷавоб чорабиние ба шумор меравад, ки бо мақсади баланд бардоштани завқи хонандагон ба омӯзиши фан, донистану маълумот бештар пайдо намудан дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ гузаронида мешавад. Дар ин раванд омӯзгорон метавонанд оид ба фаслҳои китоби “Тоҷикон” -и академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуъҳои “Гузаштаи пурғановати халқи тоҷик” “Тоҷикон-инъикосгари мероси таърихиву фарҳангӣ моддиву маънавии миллат” ва амсоли инҳо саволу ҷавоб ташкил намоянд. Ин имкон медиҳад, ки рақобати маърифатӣ миёни хонандагон ба миён омода, дар ин замина ҳар як иштирокчӣ кӯшиш менамояд зиёдтар ба саволҳо ҷавоб диҳад.

**3.** Баргузор намудани конференсияҳо оид ба китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров.

Чун конференсия аз калимаи лотинии «confercio» гирифта шуда, ҷамъомади гурӯҳи донишмандон, мутахассисон ё шахсони алоҳидаро ифода мекунад, барои муҳокимаи мавзуи муайян гузаронида мешавад. Конференсия маҷлиси машваратӣ, ҷамъомади намояндагони ташкилот, ҳамоиши давлатҳо

ва олимон барои муҳокимаи масъалаҳои махсус буда, дар шаклҳои зерин: илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявӣ ва намудҳои зайл: маҳдуд-дар ҷойҳо; минтақавӣ-шаҳру вилоятҳо, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баргузор карда мешавад. Дар робита ба ин роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон метавонанд дар мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, "Бобоҷон Ғафуров-ахтари илму сиёсат" «Тоҷикон»-падидаи инқилобангези миллӣ;,"Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан", "Мавқеи "Тоҷикон" дар худшиносию худогоҳии миллӣ ва ватандӯстию ватандорӣ", "Нақши Бобоҷон Ғафуров дар муаррифии таърихи куҳанбунёди халқи тоҷик", "Ватандӯстӣ ва истиқлолҷӯии тоҷикон", "Тоҷикон"-шиносномаи миллат, Мавқеи "Тоҷикон" дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихӣ" ва амсоли инҳо конференсияҳои илмӣ- амалӣ, илмӣ-назариявӣ баргузор карда, маърузаҳои хонандагонро шунаванд ва муҳокима кунанд ва ба ин васила, аз як тараф, тайёр кардани мақолаву маърӯзаҳои илмиро миёни хонандагон ба роҳ монанд, аз ҷониби дигар, шоҳасари "Тоҷикон"-ро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

**4.** Гузаронидани семинарҳои илмӣ оид ба мавқею аҳамияти китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар инъикоси мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик. Тавре маълум аст, семинар -машғулияти амалӣ бо гурӯҳи хонандагон маҳсуб ёфта, дар намудҳои зерин: семинари илмӣ- методӣ, омӯзишӣ ва семинар-машварат баргузор карда мешавад. Вобаста ба ин, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорони фаннӣ ҷиҳати баррасии масъала метавонанд дар мавзуъҳои "Тоҷикон"-равшангари таърихи пурғановату ифтихорбахши миллат", "Таҳаввули мактаб ва низоми омӯзиш ва инъикоси он дар осори Бобоҷон Ғафуров", "Инъикоси корномаи муборизони халқи тоҷик дар талош барои озодии Ватан", "Тоҷикон-тарғибгари мероси таърихиву фарҳангии моддиву маънавии миллат","Ҷойгоҳи "Тоҷикон" дар худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватандорӣ, илму адабиёт, забон, маърифату маънавиёт" ва монади инҳо семинарҳои илмӣ ва семинар -машваратҳо баргузор карда,

аҳамияти китоби “Тоҷикони”-и Бобоҷон Ғафуровро дар инъикоси мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик ба хонандагон равшан намоянд.

**5.** Ташкили вохӯрии хонандагон бо олимони соҳаи таърих дар мавзуи “Тоҷикон” ва тарбияи ватандӯстӣ. Чун вохӯрӣ дар як ҷо ҳозир шудани гурӯҳи одамон, боздид, мулоқот (барои суҳбатҳои расмӣ) маҳсуб ёфта, бо мақсади равшан кардан, огаҳӣ ва маълумоти бештар гирифтан нисбат ба ягон масъалаи муҳим баргузор карда мешавад, роҳбарият ва омӯзгорон дар ин росто метавонанд вохӯрии хонандагонро бо донишмандону муаррихони шинохта ташкил намуда, нақши китоби “Тоҷикон”-ро дар тарбияи ватандӯстӣ муайян созанд. Ба ин васила хонандагон дар бораи қаҳрамониҳои халқи тоҷик баҳри озодии Ватан маълумот бештар пайдо менамоянд.

**6.** Навиштани иншо. Иншо усули муташаккилонаи изҳори ақидаҳо оид ба мавзуи интихобшуда мебошад, одатан, он аз нуқтаи назари интиқодӣ анҷом дода мешавад. Иншо жанри адабии ба наср навишташуда ҳисобида мешавад, ки дониш ва андешаҳои нависандаро дар асоси таҷрибаҳои шахсӣ фаро мегирад. Ин ҳангом истифодаи чеҳраҳои адабӣ ва манбаъҳои тасвирҳои таърихӣ- бадеӣ комилан дуруст аст. Ин як усули хеле мувофиқ барои санҷиши саволҳои душворфаҳм ва тавзеҳотӣ дар дидактика буда, дар ин ҳангом хонанда матни хеле тавсифӣ, дақиқро омода мекунад ва он қодир аст тамоми ҷузъиёти як мавзуъро ошкор карда, муфассал шарҳ диҳад.

Ҳамин тариқ, навиштани иншо қобилияти эҷодии хонандагонро ташаккул дода, дақиқ ифода намудани фикрашонро равнақ мебахшад.

Аз ин рӯ, онҳо метавонанд, дар мавзуъҳои зерин иншо нависанд:

- “Мавқеи китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагон”;
- “Бозтоби мактабу низоми омӯзиш дар осори академик Бобоҷон Ғафуров”;
- Инъикоси шахсиятҳои ватандӯсту меҳанпарвар, ҷасуру мубориз ва озодихоҳ дар асари “Тоҷикон”- Бобоҷон Гафуров”;
- “Гузаштаи пурғановати халқи тоҷик”;

- “ Маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX”.

**7.** Баргузор кардани ҷамъомадҳои умумактабӣ дар мавзуъҳои:

- “Рӯзгору осори Бобоҷон Ғафуров”;

- “ Бобоҷон Ғафуров-омӯзгор, сиёсатмадор ва донишманди номдори тоҷик”;

- “Бобоҷон Ғафуров -Қаҳрамони Тоҷикистон”;

- “ Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан”.

**8.** Ба роҳ мондани омӯзиши зиндагинома ва осори қаҳрамонони Тоҷикистон.

**9.** Роҳнамоӣ ва таъмини иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон”-оинаи таърихи миллат.

**10.**Таҳияи лоиҳаҳои илмӣ дар мавзуъҳои мухталиф аз асар. Омӯзгорони фаннӣ якҷо бо хонандагон (дар гурӯҳҳо) мавзуъҳои: “Тоҷикон”-шиносномаи миллат”, “Тоҷикон”-ифодагари рӯйдод, санаҳои муҳимму давраҳои таърихӣ, чехраҳои таърихсоз” «Тоҷикон»-асари бунёдӣ ва ватандӯстона” ва амсоли инҳоро мавзуи лоиҳаҳои илмӣ муайян намуда, ҷиҳати омода кардани онҳо ба шогирдон тавсияҳо медиҳанд ва натиҷаашро дар толори муассиса муҳокима мекунанд.

**11.** Фаъолиятҳои ватандӯстона. Таҳти роҳбарии омӯзгорони фаннӣ хонандагон ҷиҳати бою ғанӣ гардонидани ашё ва фонди осорхонаи мактабӣ, ҳифзу нигоҳдошти осори таърихию фарҳангии миллӣ дар осорхона ва муаррифии он тадбирҳо амалӣ менамоянд.

## 3.3. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дараҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон

**Натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.** Тарбияи ватандӯстӣ шарти ҳатмии соҳибихтиёрӣ ва давлатдории ҳар як халқ аст. Дар шароити кунунӣ ин раванд асосан дар оилае ҷараён мегирад, ки барандагони анъанаҳои оилавӣ пирони он мебошанд. Аммо дар шароити бухронии тарбия эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ба

миён меоянд, ки онро бо тадбирҳои таъсири давлатию иҷтимоии пеш аз ҳама, ба нафъи ҷавонон нигаронидашуда таъмин менамоянд, ки ба азхудкунии арзишҳо, ҷомеаи фаъол ва пешбаранда равона шудааст.

Низоми тарбияи ватандӯстӣ дар ҷумҳурӣ бо ташаккули фарҳанги муошират байни миллатҳо алоқаи зич дорад, зеро маҳдудияти арзишҳои миллӣ-ватандӯстӣ боиси пайдоиши миллатчигӣ ва ҷудо шудан аз фарҳанги ҷаҳонии техника ва технология мегардад. Бинобар ин, мо ба ягонагии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣ ва ташаккули маданияти муошират байни миллатҳо такя намудем.

Бо таҳлили адабиёти психологию педагогӣ равшан карда шуд, ки дар замони истиқлоли давлатӣ шавқу ҳаваси олимон ба омӯзиши масъалаи тарбияи ватандустӣ ва ташаккули маданияти муошират байни миллатҳо, чи дар педагогика ва чи дар дигар илмҳо хеле афзудааст. Дар ҳамин ҳол, тамоюли соҳибихтиёрии давлатҳо, тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавию ахлоқии ҷомеа, афзоиши эҳёи афкори миллӣ, тақвият бахшидани шуури миллӣ-ватандӯстӣ, ташаккули шаклҳои хоси миллӣ дар шуури инсоният, эҳёи забон, фарҳанги миллӣ, дин, анъанаҳо, амиқ ва ҳаматарафа омӯхтани мушкилоти тарбияи ватандустии миллӣ дар илми психология ва педагогика ба амал меоянд.

Асарҳои фавқуззикр дар мустаҳкам намудани асосҳои назариявӣ ва методии омӯзиши масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ нақши бориз дошта, онҳо мазмуни кори тарбиявиро бой мегардонанд ва ба ташаккули ватандӯстии насли ҷавон мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, ин соҳаи соҳаи мазкури фаъолияти тадқиқотӣ бояд дар байни дигарон афзалият дошта бошад. Асосҳои назария ва методикаи фаъолияти педагогии омӯзгоронро дар тарбияи ватандӯстӣ боз ҳам инкишоф додан зарур аст. Ин, ба фикри мо, ба чунин ҳолатҳо вобаста аст:

- омӯзиши нокифояи равандҳои тарбияи ватандӯстӣ аз ҷумла, шоҳасари академик Б. Ғафуров дар фаъолияти педагогӣ;

- коркард нашудани масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ дар алоқамандии зич бо ташаккули фарҳанги муошират и байни миллатҳо дар байни хонандагон дар давраи таҳсил, инчунин дар шароити корҳои беруназсинфӣ ва фаъолияти таълими иловагӣ;

- робита ва ҳамкории ҳама ҷанбаҳои тарбия, дар солҳои охир пайдо шудани самтҳои нави кори таълиму тарбия дар мактаб ва дигар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аз қабили тарбияи ҳувияти миллӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ, сулҳпарварӣ ва ҳамоҳангии миллӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра;

- таваҷҷуҳи нокифоя ба истифодаи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ дар тарбияи ватандӯстӣ;

- кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани воситаҳои илман асосноки педагогӣ, усул ва шаклҳои тарбияи ватандӯстӣ дар раванди таълиму тарбия, ташаккули шуури умумихалқӣ дар онҳо, бартараф намудани муносибатҳои маҳалгароӣ;

- рафъи зуҳуроту тамоюлҳои номатлуб дар тарбияи ватандӯстӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва баъзе зуҳуроти зиддиватандӯстӣ дар байни як қисми ҷавонони ҷумҳурӣ.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи асари “Тоҷикон”-и академик Б.Ғафуров дар маҷмуи тамоми амалиёти таркибии он танҳо дар ҷараёни фаъолияти омӯзишии махсус ташкилшуда сурат гирифт. Бо ин мақсад як қатор мавзуъҳое пешниҳод шуданд, ки ба муайян кардани то кадом андоза барои шахсони озмоишшаванда дарку азхуд кардани мазмуну муҳтавои “Тоҷикон” дастрас мебошад. Масалан, «Барои ватандӯсти ҳақиқӣ шудан чӣ бояд кард?; "Мавқеи Ватанро дар ҷомеаи иҷтимоӣ ё миллии одамон чӣ гуна арзёбӣ менамоед?” ва “Нақши асари бунёдии “Тоҷикон” дар худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватандорӣ, илму адабиёт, забон, маърифату маънавиёт”

Пас аз таҳлили натиҷаҳои ҳамаи вазифаҳои монанди пешниҳодшуда, мо тавонистем ҷавобҳоро вобаста ба сатҳи нишондиҳандаҳои баррасишуда

ба якчанд гурӯҳ тақсим кунем.

Ба гурӯҳи якум мо ҷавобҳои умумии тақсимнашударо дохил кардем. Гурӯҳи дуюм аз ҷавобҳои хонандагоне иборат буд, ки онҳо мазмуну муҳтавои асарро маълуму номаълум баён мекарданд. Аммо дар байни онҳо ягон робита муқаррар карда нашудааст. Гурӯҳи сеюм ҷавобҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо хонандагон то андозае ҷавобҳои дақиқ медоданд. Ба гурӯҳи чорум ҷавобҳое дохил шуданд, ки дар онҳо мазмуну муҳтавои асар ифода меёфт. Хонандагони ин гурӯҳ донишу фаҳмиши пурра дар бораи асари бунёдии "Тоҷикон" доранд.

Дар гурӯҳҳои санҷишӣ таълими мақсаднок барои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон амалӣ карда нашуд. Дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ бошад, ин кор ба роҳ монда шуд.

Барои баҳодиҳии донишу малака ва маҳорати хонандагони гурӯҳҳои санҷишӣ ва таҷрибавӣ оид ба иштирокашон дар саволу ҷавоб, корҳои беруназдарсӣ, баъди таҷрибаи таълимӣ, ба хонандагони ҳар ду гурӯҳ 5-тогӣ супоришҳое дода шуданд, ки ба моҳияти асари бунёдии "Тоҷикон" бахшида шуда буданд.

Натиҷаҳои баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии рушди донишҳои муайянкардаи мо дар ҳар ду гурӯҳ дар ҷадвал оварда шудааст.

Ҷадвали таҳлили миқдории ҷавобҳои гирифташуда.

*Ҷадвали № 1*

**Омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон" –и академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷониби хонандагон дар умум (дар %)**

| Хусусияти ҷавобҳо | Синфҳои назоратӣ | | Синфҳои озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | буриши 1 | буриши 2 | буриши 1 | буриши 2 |
| Ҷавоби тақсимнашудаи умумӣ | 45.5 | 32,2 | 53.7 | 0 |
| Ҷавобҳое, ки мазмуну мундариҷаи асарро маълуму номаълум баён мекарданд | 54.5 | 59,2 | 46.3 | 2.9 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҷавобҳое, ки нисбӣ будани дониш ва фаҳмиши хонандагонро оид ба асари «Тоҷикон» ва фаслу бобҳои он нишон медоданд | 0 | 8.4 | 0 | 32.4 |
| Ҷавобҳое, ки дониш ва фаҳмиши пурраи хонандагонро оид ба асари «Тоҷикон» -и Бобоҷон Ғафуров ифода мекарданд | 0 | 0 | 0 | 65.5 |

Нишондодҳои ҷадвал дигаргуниҳоеро, ки дар синфҳои озмоишӣ зимни омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикон» -и академик Бобоҷон Ғафуров ба мушоҳида расиданд, инъикос менамояд. Танҳо дар синфҳои озмоишӣ ҷавобҳое, ки ифодагари донишу фаҳмиши пурраи хонандагон оид ба асари «Тоҷикон» ва фаслу бобҳои он буданд, фарқ мекарданд (65,5%).

Дар синфҳои назоратӣ мисли пештара нишондодҳои хонандагон оид ба омӯзиши асар 59,2 % -ро ташкил медиҳад. Мавриди зикр аст, ки чи дар синфҳои озмоишӣ ва чи дар синфҳои назоратӣ дигаргуниҳои сифатӣ ба амал омаданд. Ҳамин тавр, дар синфҳои озмоишӣ ҷавобҳое, ки нисбӣ будани донишу фаҳмиши хонандагонро оид ба асари «Тоҷикон» ва фаслу бобҳои он нишон медоданд, 32,2% ва дар синфҳои назоратӣ дар буриши дуюм - аллакай 8,4% нисбат ба 0% дар буриши якум. Таҷрибаи гузарондашуда имконияти ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзонидани асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуровро дар раванди фаъолияти таълимии махсус ва самарабахшии онро дар тарбияи ватандӯстии хонандагон исбот мекунад.

Дар мувофиқа ба меъёрҳое, ки барои муайян кардани омӯзиши асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва ба ин васила, ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон пешниҳод карда будем, натиҷаро ба таври

зерин арзёбӣ менамоем: 240 нафар баланд (20,7%), 930 нафар миёна (69,9%) ва 80 нафар (9,7%) паст.

Маълумот дар бораи тақсимоти хонандагон аз рӯйи сатҳи рушди донишҳои таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ватандӯстию ватанпарастии хонандагон баъди анҷоми корҳои озмоишӣ дар ҷадвали № 2 оварда шудааст.

***Ҷадвали № 2***

**Гурӯхбандии хонандагон аз рӯйи сатҳи рушди донишҳои таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ватандӯстӣ (дар охири кори озмоишӣ)**

| Сатҳҳо | Шумораи хонандагон (нафар) | ›оиз **(%)** |
|---|---|---|
| 3 | 140 | 18,7 |
| 2 | 370 | 73,6 |
| 1 | 60 | 7,7 |
| Ҳамагӣ 570 н. | | |

Ҳамин тавр, тафовути сатҳи инкишофи донишҳои таърихӣ ва маънавиёти хонандагон аён аст. Қисмате аз хонандагон дар синфҳо, ҳанӯз ба сатҳи баланди инкишофи донишҳо ноил шуда натавонистанд, бо вуҷуди ин, аксарияти онҳо ба он наздик шуданд. Ин имкон медиҳад бигӯем, омӯзиш ва машғулиятҳое, ки мо ташкил кардем, шароити хуби азхудшавии асари бунёдии «Тоҷикон»-ро фароҳам оварда, ба баланд шудани сатҳи донишҳои таърихӣ ва ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ватандӯстию ватанпарастии хонандагон мусоидат менамояд ва умуман ба рушди маънавиёти онҳо таъсири мусбат мерасонад. Ин дар навбати худ имкон медиҳад, ки самаранокии технологияи пешниҳодшудаи омӯзиши махсусро, ки ба ташаккул ва рушди тарбияи ватандӯстии хонандагон нигаронида шудааст, муҳим арзёбӣ намоем.

Дар асоси маълумоти ҷадвал, диаграммаи тақсимоти хонандагонро аз рӯйи сатҳи рушди донишҳои таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии

миллӣ ва ватандӯстӣ дар асоси натиҷаҳои корҳои озмоишӣ пешниҳод менамоем.




**Расми 1.** Тақсимоти хонандагон аз рӯйи сатҳи рушди донишҳои таърихӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ватандӯстӣ дар анҷоми корҳои озмоишӣ.

Тавре ки мебинед, дар диаграмма аксарияти хонандагони синфҳо (зиёда аз 70%) ба дараҷаи миёнаи инкишоф ва рушди донишҳои таърихӣ расида, танҳо теъдоди ками онҳо (камтар аз 10%) дар сатҳи пасти инкишоф боқӣ мондаанд. Ҳамин тавр, мо ба чунин хулосае омадем: кори таҷрибавие, ки мо дар давоми таҳқиқоти илмӣ гузаронидем, самаранокии таълими махсус ва корҳои беруназдарсиро дар омӯзиши мақсадноки асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров собит кард. Дар раванди чунин корҳо мустақилият, фаъолияти маърифатӣ ва тафаккури хонандагон инкишоф ёфта, донишҳои таърихӣ ва тарбияи ватандӯстиашон рушд кард.

Дарки дурусти мундариҷаи корҳои беруназдарсӣ ва истифодаи методу тарзҳои мақсадноку бонизом рисолати аслии омӯзгорӣ ба шумор меравад, ки он ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронида шудааст. Аз ин рӯ,ба инкишофи ҳамаҷонибаи қобилиятҳо, рушди донишҳои таърихиву фарҳангӣ ва маънавии хонандагон мусоидат намуда, онҳоро ба ҷамъбасти донишҳои марбут ба илмҳои гуногун ҳавасманд мекунанд. Ғайр аз ин, омӯзиши мазкур ба дарки манфиатҳои миллии халқ, ташаккули ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба таърихи халқи тоҷик, давлатдории миллӣ, рамзҳои он, дастовардҳои илм,

фарҳанг, эҳтироми амиқ ба забон, анъана ва расму оинҳои мардумӣ мусоидат карда, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва рушду нумуи кишварро таҳким мебахшад.

Дар рафти омӯзиши таҷрибавӣ вазифаҳои зерин амалӣ карда шуданд:

- дар давоми омӯзиш донистани таъриху фарҳанги халқи тоҷик, муқаддасоти давлатӣ, арзишҳои милливу умумибашарӣ аз ҷониби хонандагон ба ҳисоб гирифта шуд;

- ҷузъҳои асосии технологияи таълими ба хонанда нигаронидашуда дар раванди корҳои беруназдарсӣ ва азхуднамоии донишҳои таърихиву фарҳангӣ ба инобат гирифта шуд;

- дар рафти омӯзиш ва корҳои беруназдарсӣ пешрафти хонандагон дар самти донистани мазмуни асар, маъхазҳои таърихӣ, далелҳои раднопазири он, корномаи халқи тоҷик дар боби талош баҳри озодӣ, ҳифзи Ватан ва ватандӯстӣ назорат карда шуд;

Озмоиши мо тахминҳои назариявии моро тасдиқ мекунад, ки зимни омӯзиши асари бунёдии аллома Б. Ғафуров тарбияи ватандӯстии хонандагон ташаккул ёфта, худшиносии миллиашон тақвият меёбад ва онҳо ҳамчун шахсиятҳое ба камол мерасанд, ки таъриху фарҳанги миллиашонро ҳифз намуда, инкишоф медиҳанд, дар ободии Ватани хеш ва тарзи зиндагии шоиста саҳми назаррас мегузоранд. Зеро миллате, ки худро шинохт, дар ҷомеаи башарӣ мавқеи худро меёбад. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ имкон медиҳад, ки дар рушди таърих, забон, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ ва дигар арзишҳои миллию фарҳангии он ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд.

Дараҷаи камолоти худшиносии миллӣ шарти соҳибихтиёрии миллат аст. Худшиносии миллӣ барои миллатҳое муҳим аст, ки таърихи бой, фарҳангу забони бостонӣ доранд. Ин умри дарози миллатро таъмин карда, тамаддуни ба он хосро нигоҳ медорад. Ҳамин тариқ, фарзияҳое, ки дар таҳқиқот пешниҳод карда будем, дар таҷриба тасдиқ гардиданд ва таҳлили натиҷаҳои таҷриба моро ба хулосаҳои зерин овард:

Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун раванди ниҳоят мураккаб ва зиддиятнок дар зери таъсири омилҳои дохилӣ (субъективӣ-психологӣ) ва беруна (объективӣ-тарбиявӣ) сурат мегирад, ки таносуби зиддиятноки онҳо мавқеи асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстӣ мебошад.

Пас, ҳалли бомуваффақияти вазифаҳо дар такмилу ташаккули тарбияи ватандустии хонандагон масъалаи зарурати ба назар гирифтани як қатор омилҳоро ба миён мегузорад, ки ба андешаи мо, дар байни онҳо аз ҳама муҳим инҳоянд:

- якум, омили соҳибихтиёрии ҷомеаи тоҷикон, дарки талаботҳои ҷамъиятии принсипҳои он дар раванди таълим, эҳёи мероси фарҳангӣ, забон, анъана, дин, педагогикаи миллӣ;

- дуюм, омили устувории ҷомеа, рафъи бархӯрди неруҳои гуногуни сиёсӣ, муттаҳидшавии миллат, дарки аҳамияти ваҳдати миллӣ. Ин омил ва таҷрибаи Тоҷикистон дар рафъи низоъҳои шаҳрвандӣ ва изҳороти ваҳдати миллӣ аз ҷониби СММ барои дигар давлатҳо ҳангоми ҳалли чунин ҷангҳо тавсия шудааст;

- сеюм, омили эҳёи пуршиддати дин дар минтақаҳои пайрави ислом ва истифодаи моҳияти инсондӯстӣ ва неруи ахлоқию созандаи он дар тарбияи ватандӯстӣ; бо назардошти афзалиятҳои озодона зуҳурёфтаи этноконфессионалии халқҳо;

- ҷаҳорум, тадриҷан ташаккули шуури ватандӯстӣ дар асоси истифодаи беҳтарин арзишҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ, ки ба ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ хизмат мекунанд. Онҳо ҳамчун омили самарабахши рафъи маҳдудиятҳои миллӣ, зуҳуроти минтақавӣ-қабилавӣ ва маҳаллӣ баромад намуда, ба ташаккули маданияти муоширати байни миллатҳо мусоидат мекунанд;

- панҷум, раванди тарбияи ватандӯстӣ дар ҳайати полиэтникии (омехтагии миллат) омӯзгорону хонандагони ҷумҳурӣ бетаъсир намемонад, зеро он дар муқаррароти на танҳо арзишҳои миллати тоҷик, балки

дастовардҳои маданӣ, аз қабили, илм, маориф, техника ва технологияҳои дигар миллатҳо накши муайяни худро мегузорад;

- шашум, омили таъсирбахши ташаккули шуури ватандӯстӣ фаъолияти коллективӣ мебошад, ки он ба илова ва амиқ гардондани донишҳои ватандӯстӣ, аз худ намудани арзишҳои маънавии халқи худ мусоидат мекунад, маҳорат ва малакаҳои рафтори ҷамъиятии дорои аҳамияти иҷтимоидоштаро ташаккул медиҳад, фаъолияти ватандӯстиро инкишоф мебахшад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар мактаб дар ҷараёни таълиму тарбия, дар ҳамоҳангӣ бо тарбияи ҳамаи паҳлуҳои дигари шаҳрвандӣ сурат мегирад ва танҳо кори мунтазам ва мақсадноки тарбиявии ҳар як омӯзгор метавонад дар дили кӯдакон неруи қавӣ ва муҳаббати бошуурона нисбат ба Ватанро тарбия намояд.

Масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва шуури миллӣ пайваста дар маркази таваҷҷуҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор доранд, ки онҳо дар раванди тарбия дар хонандагон ҳисси ватандӯстӣ, ҷаҳонбинии миллӣ ва умумибашариро ташаккул медиҳанд.

Ба низоми тарбияи ватандӯстии хонандагон дигар ташкилоту муассисаҳо низ дохил мешаванд: воситаҳои ахбори омма (матбуот, радио ва телевизион, филмҳои ҳуҷҷатӣ), ҷамъиятҳои ихтиёрӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, навъҳои гуногуни клубҳои ҳарбии ватандӯстӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра. Мактаби тарбияи ватандӯстӣ Артиши миллӣ мебошад, ки дар он аксари ҷавонон иштирок доранд. Аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он дар маҳалҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати тарбияи ватандӯстӣ корҳои зиёде анҷом дода мешавад.

Бо мақсади беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон қонун ва барномаҳои давлатӣ, қабул гардидааст.

Муассисахои ҷамъиятию давлатӣ ва ташкилотҳо вазифаҳои таълими умумӣ, умумимаданӣ ва ватандӯстиро ҳал мекунанд.  Аз ин рӯ, дурнамои рушди давлати соҳибистиқлол, ҳимояи воқеии манфиатҳои миллии он, омодагӣ ба дифои Ватан аз он вобаста хоҳад буд, ки ҳамкории мактаб бо ин созмонҳо дар раванди тарбияи ватандӯстии хонандагон то чӣ андоза босамар роҳандозӣ карда мешавад.

Дар айни замон, ки ислоҳоти соҳаи маориф аҳамият ва муҳимияти хоса пайдо кардааст, нақш ва аҳамияти ташаккули шуури ватандӯстӣ тавассути ғанӣ гардонидани мазмуни ҷараёни таълим меафзояд. Дар ин шароит равиш, заминаи методологии таълиму тарбия дар партави афзоиши нақши арзишҳои миллӣ ва ташаккули таърихи фарҳанг такмил дода мешаванд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар асосҳои заминавии таълиму тарбия, ба ҳам пайвастани ватандустӣ ва шаклҳои умумиинсонии фаъолияти маънавӣ бо ҳам зич алоқаманданд.

Замони нав бо равандҳои пуршиддати эҳсосӣ масъалаи аз нав дида баромадани саҳми фарҳанг, таърих, анъанаҳои миллӣ ба мазмуни тарбияи ватандӯстиро ба миён гузошт, ки ба ин васила нақши тарбиявии онҳо равшантар зоҳир мегардад. Агар тарбияи ватандӯстиро ба маънои васеъ на танҳо дониш, балки интиқоли мероси фарҳангӣ ҳисоб намоем, пас зарурати баргардонидани таълиму тарбия ба рӯҳияи миллӣ ва пайвастани онҳо бо арзишҳои умумибашарӣ маълум мегардад.

Дар ҳалли ин масъалаҳо муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои калон доранд. Фаъолияти таълиму тарбияи омӯзгор дар ташаккули шуури ватандӯстии хонанда бояд ба заминаи устувори илмию эҷодӣ, принсипҳои инсондӯстӣ, ягонагии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, васеъ истифода бурдани арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ асос ёбад.

Кори таълимӣ-тарбиявии омӯзгор самти тарбиявии раванди таълим, ташкили оқилонаи вақти холӣ, варзиши хонандагон, эҷодиёти бадеию техникӣ, кори илмиро дар бар мегирад. Талаботи ҳатмии ташкили он пайвастагии таълиму тарбия мебошад. Аз ин рӯ, фаъолияти педагогӣ низоми

пешбаранда буда, шахсиятро ташаккул медиҳад ва аз ду унсури ба ҳам алоқаманд иборат аст: таълим ва тарбия. Моҳияти омӯзиш маҷмуи амалҳои пайдарпайест, ки ба татбиқи мушаххаси мазмуни таълим нигаронида шудаанд ва дар маҷмуи амалиёти омӯзгор ва хонанда сурат мегиранд.

Аммо дар раванди таълим омӯзгор дар хонандагон на танҳо дониш, малакаҳои умумии таълимӣ, умумии фарҳангӣ, маҳорату малакаҳоеро ташаккул медиҳад, ки асоси инкишофи зеҳнии шахсияти онҳо мебошанд, балки боз як вазифаи муҳим, яъне принсипҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иҷро мегардад, ки аз вазифаҳои асосии дидактикӣ мебошад. Ин аст, ки мафҳуми «маълумоти тарбиявӣ» дар педагогика васеъ паҳн гардида, дар ҷараёни он арзишҳои маънавии миллӣ ва умумибашарии инсонӣ, сифатҳои шаҳрвандӣ ва ахлоқии шахс, аз ҷумла, чунин сифатҳои муҳим, ба мисли ватандӯстӣ, шуури миллӣ, ягонагӣ ва дӯстии халқҳо ташаккул меёбанд.

Хусусиятҳои тарбияи ватандӯстӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо худшиносии минтақавӣ, бартарияти фаҳмидани мансубияти маҳал алоқаманд аст. Дар пажуҳишҳои Д. Латипов, Ф. Мираҳмедов ва М. Турсунова [63; 116] дуруст қайд шудааст, ки ҳоло ҳам дар Тоҷикистон омилҳои дарки мансубияти маҳаллӣ аз байн нарафтааст, ба мисли: «ман хуҷандӣ», «ман кулобиям», «ман помирӣ», «ман қаротегинӣ», «ман ҳисорӣ» ва ғайра.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки натиҷаҳои ҷанги шаҳрвандии бародаркуш муносибатҳои пешинаи донишҷӯёнро дар минтақаҳои гуногун халалдор сохт, ки дар қатори дигар табақаҳои аҳолӣ омӯзгорону донишҷӯёни камтаҷриба низ дар задухӯрди мусаллаҳона ширкат карданд, ки дар натиҷа тезутунд шудани зиддиятҳои байни миллатҳо, байни ҷавонон ба вуҷуд омад.

Тарбияи ватандӯстӣ дар ҷумҳурӣ шиносоии хонандагонро бо арзишҳои миллӣ такмил дода, бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад, ки шаклу усули он гуногунанд. Тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули он бо истифода аз равишҳои гуногун, дар раванди ҷалб намудани хонандагон ба эҳтироми арзишҳои миллӣ дар ҷараёни таълим ва фаъолияти беруназсинфӣ сурат мегирад.

Дар ташаккули ҳисси баланди ватандӯстӣ миёни хонандагон фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ нақши калидӣ доранд. Инкишофи эҷодии хонандагон зимни таълими фанҳои таърихи умумӣ, таърихи халқи тоҷик, адабиёт ва забони модарӣ, таърихи динҳо, географияи Тоҷикистон, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ сурат гирифта, барои дар руҳияи ҳисси шаҳрвандӣ, инсондӯстӣ, дӯст доштани Ватан, эҳёи хотираи таърихӣ, истиқрори ваҳдати миллӣ ва тафаккури миллӣ тарбия ёфтани хонандагон замина ва шароити мусоид фароҳам меорад.

Яке аз воситаҳои воқеии ташаккули ватандӯстӣ шинос кардани хонандагон ба дастовардҳои таърихиву фарҳанги тоҷикон, кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур забони модарӣ ва забонҳои маъруфи ҷаҳон мебошанд, ки донистани онҳо ба раванди таъсиррасонӣ ва пайвастагии халқҳо мусоидат карда, ба хонандагон дар самти дарки ганҷинаи донишҳои маданияти ҷаҳонӣ ва ватанпарастӣ кумак мерасонад.

**Хулосаи боби 3**

Дар асоси хусусиятҳои дар боло зикршуда бо истифода аз усули омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои мактабӣ, натиҷаҳои анкета ва пурсишҳо, омӯзиш ва таҳлили стандартҳои таҳсилоти умумӣ, нақшаҳои таълим, курсҳои такмили ихтисос, дастурҳо, тавсияҳои методӣ, таҳлили сифати корҳои беруназдарсӣ, суҳбатҳо бо хонандагону омӯзгорон ба чунин хулоса омадем:

1.Ба таъбири Пешвои миллат «Мақсад ва вазифаҳои тарбияи ватандӯстӣ-ин ташаккули ҳувияти миллӣ ва тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад». Ин маънои онро дорад, ки танҳо миллати худшинос ва дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ метавонад истиқлоли худ ва обруву эътибор, шарафи миллиро ҳифз намояд.

2. Ҷалби васеи шаҳрвандон ба омӯзиши асари бунёдии аллома Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» тадбири муҳим дар самти рушди худшиносӣ ва тафаккури миллӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки шаҳрвандо, бахусус

наврасону ҷавонон аз гузаштаи худ огоҳӣ пайдо намуда, ҳамчун ватандӯсти асил тарбия ёбанд.

3.Омӯзиши таъриху фарҳанги ниёгон, аз як тараф, худшиносию худогоҳии миллиро ташаккул диҳад, аз ҷониби дигар, бо огоҳӣ аз дарсҳои таърих хонандагон аз арзишҳои инсониву умумибашарӣ хабардор шуда, ба камолоти маънавӣ ва маърифатӣ мерасанд.

4. Бо омӯзиши асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» хотираи таърихи ниёгон ҳифз гардида, маънавиёти наврасону ҷавонон боло меравад ва шуури миллиашон ташаккул меёбад.

5. Бо омӯзиши таъриху фарҳанги ниёгон бахусус, асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров муқаддасоти миллӣ ҳифз гардида, бегонапарастӣ миёни наврасону ҷавонон пешгирӣ карда мешавад.

6. Омӯзиши таъриху фарҳанги ниёгон махсусан асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров насли ҷавонроба сифати меросбари миллати соҳибтамаддун ва ватандӯсту миллатдӯст тарбия менамояд.

7. Хонандагон зимни омӯзиши таъриху фарҳанги ниёгон, махсусан, асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ба худшиносии миллӣ, дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихию фарҳангӣ гаравиши қавӣ пайдо карда, чун шахсияти дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта ба камол мерасанд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

Зимни таҳқиқоти илмӣ собит карда шуд, ки тарбияи ватандӯстии хонандагон ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ буда, мафҳумҳои «тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ», «тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ», «тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ», «ҳисси шаҳрвандӣ» самтҳои асосии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи бошууронаи он ҳисси шаҳрвандӣ, сифатҳои одии хештаншиносию ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба мероси ниёгон ва фаъолияти содиқонаву касбиро дар ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, истиқлолу ваҳдати миллӣ ва меросбари шоистаи давлатдории миллии наврасону ҷавононро ташаккул медиҳад.

Моҳияти тарбиявии асари «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров дар он аст, ки насли воқеан худогоҳу дорои афкори солиму созандаро тарбияву парвариш намуда, ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар онҳо ташаккул медиҳад, барои фарзанди шоистаи замон ва меросбари фарзонаи миллати озода шудани насли навраси тоҷик нақши бориз мебозад.

Мавқею манзалати ин асари безаволро шоири миллат Бозор Собир барҳақ чунин тасвир намудааст:

Мурда буд дар хоб гӯё бахти хоби тоҷикон,
Ношумурда мухтасар мешуд ҳисоби тоҷикон.
Бахшу бобе ҳар чи буд дар бахшу боби тоҷикон,
Бекитобон канда буданд аз китоби тоҷикон.

* * *

Дӯш тоҷикро намедонам чӣ қисмат будааст,
Худ ба Хатлону расул аз Устувохат будааст.
Лоҷарам, аз Устувохат, лек бехат будааст,
Ман надидам нусхаашро дар китоби “Тоҷикон”.

* * *

Дар ҳавошии қаламрав беқаламҳо будаанд,
Беқаламҳои ҳавошӣ беқадамҳо будаанд.
Беқаламҳои ҳавошӣ дар қалам уфтодаанд,

Ин замон андар ҳавошии китоби “Тоҷикон”.

Ин замон бозори нони тоҷикон бе муштарист,

Лек бозори китобаш бе дусад муштоқ нест.

Ҷои нони хонагӣ бар каф китоби хонданист,

Ҳамчу болой ба болои китоби “Тоҷикон”.

Тоқдони хонаи мо ҷои дастархони мост,

Тоқдони чашми мо-ҷои китоби “Тоҷикон” [142, 7].

Дар заминаи фавқуззикр таъкид менамоем, ки бо омӯзиш ва донистани мазмуну мундариҷаи асари бунёдии аллома Б. Ғафуров «Тоҷикон» ватандӯстии хонандагон ташаккул ёфта, худшиносии миллиашон рушд мекунад ва онҳо дар ҷомеаи башарӣ мавқеи худро муайян месозанд. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ имкон медиҳад, ки насли наврас дар рушди таърих, забон, фарҳанг, анъана ва расму оинҳои миллӣ саҳми арзандаи худро гузорад.

Ин асар бозгӯи таърихи қадим, асрҳои миёна ва то Инқилоби Октябр буда, ба насли наврас аз ҷоннисориву кишварсозиҳои гузаштагони пурифтихори халқи тоҷик қиссаҳо менамояд ва инсонро дар рӯҳияи поки ватандорӣ тарбият мекунад.

Воқеан, асари мазкур таърихи гузаштаи халқи тоҷикро аз замонҳои пайдоиши ҷамоатҳои ибтидоӣ (марҳилаҳои палеолити поин, палеолити миёна, палеолити боло,мезолит, неолит), асри биринҷӣ, гузариш ба сохти қавмӣ-падарӣ, пайдоиши ориёиҳо, зуҳури Зардушту таълифи Авесто, аҷдоди тоҷикон дар давраи тараққиёти муносибатҳои ғуломдорӣ, пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна, Осиёи Миёна дар давраи тараққиёт ва устуворшавии сохти феодалӣ, тоҷикон дар охирҳои асри миёна, ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ва тараққиёти муносибатҳои капиталистӣ дар ин сарзамин баён намуда, дар ҳама ҷо аз миллати тоҷик ёдовар мешавад.

Дар асар бо далелҳои раднопазир ва сарчашмаҳои таърихиаш исбот шудааст, ки Ватани аслии қаҳрамонони “Шоҳнома” Тоҷикистон буда, бештар

набардҳои Рустам дар ҳамин қаламрав ба вуқуъ пайвастаанд. Ин далелҳо меросбари асосии Ориёи Бостон ва “Шоҳнома”-и безаволи ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ будани тоҷикон, соҳиби тамаддуни бузурги ориёӣ будани онҳо, қадима будани таъриху фарҳанг маданияти бузурги халқи тоҷик, осори хаттиву, санъати меъморию шаҳрсозӣ, ақидаҳои бунёдии илмӣ ва анъанаҳои бавусъати иҷтимоӣ доштани ин миллати озодаро собит месозад.

“Тоҷикон” асари мондагор, пояи бунёдии омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба шумор рафта, ба андешаи Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шиносномаи миллати тоҷик дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии тоҷикон хидмати шоиста кардааст ва аз ин рӯ, насли наврасро мебояд гузаштаро ба нигоҳи хирадмандона ва муҳаббати поки ватандорӣ омӯзад, тоояндаи дурахшони халқи тоҷикро таъмингар бошад.

**А) Натичаҳои асосии илмии диссертатсия.** Дараҷаи камолоти худшиносии миллӣ шарти соҳибихтиёрии миллат аст. Худшиносии миллӣ барои миллатҳое муҳим аст, ки таърихи бой, фарҳангу забони бостонӣ доранд. Ин умри дарози миллатро таъмин карда, тамаддуни ба он хосро нигоҳ медорад.

Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун раванди ниҳоят мураккаб ва зиддиятнок дар зери таъсири омилҳои дохилӣ (субъективӣ-психологӣ) ва беруна (объективӣ-тарбиявӣ) сурат гирифта, мабнои онро тарбияи шахси худогоҳу хештаншинос ва ватандӯсту меҳанпараст ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, фарзияҳое, ки дар таҳқиқот пешниҳод карда будем, дар таҷриба тасдиқи худро ёфтаанд. Таҳлили натиҷаҳои таҷриба моро ба хулосаҳои зерин овард:

1) асоси фаъолияти омӯзгорро дар тарбияи ватандӯстӣ он ифода мекунад, ки самт, шеваҳои тарбия бо назардошти ҳувияти миллӣ озодона интихоб карда шаванд. Мазмун ва шаклҳои таълиму тарбияро бояд таърихи фарҳанги миллӣ, анъанаҳои мардумӣ ташкил дода, арзишҳои миллӣ бо арзишҳои умумибашарӣ, техника ва технологияи замони муосир алоқаманд карда шавад;

2) фаъолияти педагогии омӯзгор бояд ба масъалаи тарбияи ватандустии хонандагон, фарҳанги муошırати байни миллатҳо, дараҷаи ҳамоҳангсозии онҳо вобаста ба тағйир додани шароити иҷтимоию тарбиявӣ ва педагогию омӯзиши осори таърихиву фарҳангӣ равона карда шавад;

3) тарбияи ватандӯстӣ бо назардошти зинаи таълим ва хусусияти муассисаи таълимӣ ба роҳ монда шавад;

4) дар раванди корҳои тарбиявӣ шуур ва эҳсоси ватандӯстии хонандагонро оид ба таърих, фарҳанги мардумӣ инкишоф дода, аҳамияти давлативу ҷаҳонӣ доштани асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” ба хонандагон фаҳмонида шавад. Зеро ин шоҳасар дар худогоҳиву худшиносӣ ва меҳанпарастии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад;

5) бо мақсади баланд бардоштану мустаҳам намудани нақш ва мавқеи оила, дар тарбияи ҳисси муҳаббат ба Ватан, ватандӯстӣ ҳамкории судманди оила, муассисаи таълимӣ,, муассисаҳои фарҳангӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии наврасону ҷавонон ва дигар муассисаву мақомоти дахлдор ба роҳ монда шавад.

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи тадқиқот.**

Озмоишҳои мо нишон доданд, ки асари бунёдии «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати ташаккули тарбияи ватандӯстӣ пурра омӯхта нашуда, дар ин мавзуъ адабиёти раҳнамоикунандаву методӣ ва барномаи омӯзишӣ ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ҷиҳати тарбия ва ташаккули ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши осори таърихиву фарҳангии гузаштаи халқи тоҷик пешниҳод менамоем:

Асари бунёдии «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров насли воқеан худогоҳу афкори солиму созандадоштаро тарбияву парвариш намуда, ғояҳои ватандӯстиву соҳибдавлатиро дар онҳо ташаккул медиҳад ва барои фарзанди шоистаи замон ва меросбари фарзонаи миллати озода шудани насли наврас хидмат менамояд. Вобаста ба ин, тавсия медиҳем, ки:

- ҷиҳати самарабахшу босифат гардидани тарбияи ватандӯстӣ ва мақсаднок ба роҳ мондани омӯзиши осори таърихию фарҳангии халқи тоҷик,

махсусан, асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” дар барномаҳои таълимии фанҳои гуманитариву ҷомеашиносии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид карда шавад;

- омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дониш, малакаву маҳорати омӯзиш ва тарғиби моҳияту мавқеи асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мусаллаҳ карда шаванд;

- шиносоӣ ба таърих ва фарҳанги миллӣ дар низоми азхудкунии мероси таърихиву фарҳангии халқи тоҷик, хусусан, дар заминаи омӯзиши асари бунёдии Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон”, чун муҳити фаннӣ ва технологияи педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба роҳ монда шавад;

- омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров ба низоми тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ворид карда шуда, доир ба ҳар бобу фасли он чорабиниҳои беруназдарсӣ гузаронида шаванд;

- ҷиҳати тақвияти худогоҳиву худшиносӣ ва ташаккули ватандӯстии шаҳрвандон, махсусан, насли наврас озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон”- оинаи таърихи миллат” на ин ки як сол танҳо ба ифтихори 115- солагии муаллифи асар Бобоҷон Ғафуров, балки ҳамасола баргузор карда шавад.

Асари мазкур ҳамчун падидаи инқилобангези миллӣ бояд мавриди омӯзиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор гирифта, ба ин васила онҳо ба таърихи гузаштаи худ рӯ оварда, ҷиҳати ба амал пайвастани ормонҳои Бобоҷон Ғафуров андар шинохти таърихи худ, истиқлоҷӯиҳои миллати тоҷик, корномаҳои наҷибу далерии родмардон ва озодманишиву озодандешии ниёгони ҷаҳоншумули хеш, ки ба таъбири Роҳбари давлат, “сарчашмаи худшиносии тоҷикон маҳсуб меёбад” шиносоӣ пайдо намоянд. Ва тафаккури миллиашонро бо мутолиаи ин асари безавол ташаккул диҳанд.

Омӯзиш ва тарғиби мазмуну мундариҷаи ин шоҳасар хотираи таърихӣ, худогоҳию худшиносӣ, ифтихори ватандории наврасону ҷавононро ташаккул

дода, дар шароити рушди инкишофи ҳамаҷонибаи давлати соҳибистиқлол ба рушди давлатдории миллӣ мусоидат менамояд.

Донистани дастовардҳои беназири таърихии фарзандони фарзонаи миллат чун асари мондагори “Тоҷикон” моро водор менамояд, ки солҳову асрҳои мадид якдил, яктан, якмаром ва дӯстдори Ватан бошем.

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:**

1. Абдуллоев С. А. Исмоили Сомонӣ [Матн] /С.А. Абдуллоев. -Хуҷанд, 1998.- 460 с.

2. Айнӣ С. Исёни Муқаннаъ [Матн]: Очерки таърихӣ-тахқиқотӣ /С. Айнӣ.- Душанбе: Маориф, 1978.-166 с.

3. Айнӣ С. Қахрамони халқи тоҷик Темурмалик [Матн]: Очерки адабӣ-таърихӣ /С. Айнӣ – Душанбе: Маориф,-168 с.

4. Айнӣ С. Осори баргузида дар ду ҷилд /Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Камол Айнӣ.-Душанбе: Ирфон, 1997, ҷилди 1. Акнун навбати қалам аст.-С.367-371 97

5. Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро [Матн] // Куллиёт. Иборат аз 22 ҷилд /Мураттибон К. Айнӣ, С. Муллоҷон-Душанбе: Дониш, 2021.-Ҷ. 7.- 696 с.

6. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро [Матн] /С. Айнӣ.-Душанбе: Адиб, 1987.- 240 с.

7. С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро [Матн] /С. Айнӣ.-Душанбе: Адиб, 2005.-210 с.

8. Айнӣ С. Маънии калимаи «тоҷик» [Матн] // Андар шинохти тоҷикон Мураттиб Н. Убайдуллоев.-Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016.-С. 19-60.

9. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [Матн] /С. Айнӣ-Душанбе: Ирфон, 1985.-335 с.

10. Андреев М.С. Этнографияи тоҷикон (Матн) /Андар шинохти тоҷикон. Мураттиб Н. Убайдуллоев.-Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016.-С. 35 -72.

11.Акбари Турсон Доди таърихӣ ва бедодии таърихнигорӣ.-Душанбе,2012.-63 с.

12. Алексеев В.П. Становление человечества. –М., Политиздат, 1982. 462 с.

13. Бабаков В. Г. Национальное сознание и национальная культура: методол. Пробл. / В. Г. Бабаков, В. М. Семенов.-М.: МГУ, 1996.-70 с.

14. Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2005 ва солҳои 2005-2010 17

15. Бартольд В.В. Тоҷикон (Матн): Очерки таърихӣ / Андар шинохти тоҷикон. Мураттиб Н. Убайдуллоев.-Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016.-С. 5- 34.

16. Берунӣ А. Осор-ул-боқия [Матн] /А. Берунӣ; ба чоп тайёркунандагон А. Девонақулов, М. Исо, О. Ҳамид,М. Бақо; муҳаррирони масъул М. Диноршоев, А. Девонақулов.-Душанбе: Ирфон, 1990.- 432 с.

17.Бертельс Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ- тоҷикӣ [Матн] / Е. Э. Бертелс.- Душанбе: ЭР-граф, 2015.-584 с.

18. Викер А. В. Цари Персии. Тираны и мудрецы Древнего Востока (Текст) / А. В. Викер.-М., 2016.-352 с.

19.Волков Г.Н. Этнопедагогика: Учебник для студентов средных и высш. пед.учебных заведений /Г.Н.Волков.-М.: Центр «Академия».-1999.-168 с. 11. 33

20. Ипполитова Н. В. Патриотическое воспитание в современных условиях: особенности, подходы, подготовка будущих учителей.-Челябинск, 1997.-216 с.

21. Ғаффаров У. Равшангари таърих [Матн]: (Ба 80- солагии зодрӯзи Б. Ғафуров бахшида мешавад) [Матн] /У. Ғаффаров.-Душанбе: Ирфон, 1990.- 106 с.

22. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон (иборат аз ду китоб). Китоби дуюм Охирҳои асри миёна ва даври нав. /Ғафуров.-Душанбе: Ирфон, 1998.-416 с. 119

23. Гафуров. Б. История таджикского народа в кратком изложении [Текст]: С древнейших времен до Великой Октябрской Социалистической революции 1917 г. Б. Гафуров.-М. Госиздательство Политической литературы, 1949.-544 с.

24. Гафуров Б. Наше дело правое, враг будет разбит [Текст] /Б. Гафуров.- Сталинабад: Таджикгосиздат, 1942.

25.Гафуров Б., Цибукидис А. Александр Македонский и Восток. –М., 1981.

26. Гафуров Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история [Текст] / Б. Гафуров.-М.: Наука, 1972.-664 с.

27. Ғафуров Б. Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан [Матн]: Очеркҳо аз таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон / Б. Ғафуров.-Душанбе: Адиб, 2012.- 256 с.

28. Ғафуров. Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров.-Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.- 976 с.

29. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум [Матн] /Б. Ғафуров.- Душанбе: Ирфон, 1998.-230 с.

30. Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм [Матн] /Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1998.- 870с.

31. Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров.-Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947.- 387с.

32.Ғафуров Б. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои 9-14 [Матн].: /Пораҳо аз «Равзат-ус-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. - Душанбе: Амри илм, 1999.-1008 с.

33. Ғафуров Б. «Тоҷикон».Душанбе «Нашриёти муосир», 2020.-964 с.

34. Ғафуров Б. Н. Прохоров Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии Ватан.-Душанбе "Адиб", 2012. -256 с.

35. Ғафуров Б. Ба муқобили фаранҷӣ ва урфу одатҳои динӣ [Матн] / Б. Ғафуров. -Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, с. 1940

36. Гаязов А.С. Формирование гражданских качеств старшеклассников в совместном труде.-Автореферат канд. Пед наук- 1986.-18 с. 16

37. Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон то имрӯз [Матн] /Ғ. Ғоибов.-Душанбе,2006.-906 с.

38. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои 9-14 [Матн]: Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб /Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ.-Душанбе: Амри илм, 1999. – 1008 с.

39. Дадабаева З. Особенности эволюции национальных отношений в Республики Таджикистан. Автореферат дисс. Д-ра политических наук.- Душанбе, 2002.-41 с. 18

40. Донишномаи Сомониён [Матн]: Дар дуҷилд.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2008-2009.-410 с.

41. Достони Шоҳнома [Матн]: Китоби якум.-Душанбе, 1976.-262 с.

42. Достони Шоҳнома [Матн]: Китоби дуюм.-Душанбе, 1976.- 267 с.

43.Джумаев Б.У. Гражданское воспитание учащихся на уроках истории таджикского народа.-Дисс. на соиск. уч. степени канд. Пед. наук.- Душанбе.2004.-168 с. 20

44. Дяконов М. М. Маданияти қадими тоҷикон [Матн] /М.М. Дяконов //Андар шинохти тоҷикон. Мураттиб Н. Убайдуллоев.-Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016.-С.73-221.

45. Дяконов М. М. Маданияти қадими тоҷикон [Матн] /М.М. Дяконов // Андар шинохти тоҷикон. Мураттиб Н. Убайдуллоев.-Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2016.-С. 73-221.

46. Исоқов А. Саразм оғози тамаддуни тоҷикон. [Матн] / А. Исоқов-Душанбе: Дониш, 2018.-280 с.

47. История таджикского народа [Текст]: Древнейшая и древняя история А. М. Гафуров (и.др.): по общ. ред. Академик Р. Масов- Душанбе: Дониш, 1998.-Т. 1-724 с.

48. История таджикского народа [Текст]: Эпохи формирования таджиского народа А. М. Гафуров (и.др.): по общ.ред. Академик Р. Масов-Душанбе: Дониш, 1999.-Т. 2 -792 с.

49. История таджикского народа [Текст]: XI-XV века / А. М. Гафуров (и.др):по общ. ред. Академик Р. Масов- Душанбе: Дониш, 2013.-Т.3-580 с.

50. История таджикского народа [Текст]: Позднее средневековье и новое время (XVI в.-1917) г. /А. М. Гафуров (и.др.): по общ. ред. Академик Р. Масов-Душанбе, 2010.-Т.4 -1124 с.

51. История таджикского народа [Текст]: Новейшая история (1917-1941 г.) /А. М. Гафуров (и.др.): по общ. ред. Академик Р. Масов- Душанбе, 2004.- Т.5 - 752 с.

52.История таджикского народа [Текст]: Новейшая история (1941-2010 г.) / А. М. Гафуров (и.др.): по общ.ред. Академик Р. Масов-Душанбе, 2011.- Т.6 - 688 с.

53.Караковский В.А. Общечеловеческие енности – основа целостного учебно- воспитательногшо процесса /В.А. Караковский.//воспитания школьников.-1993.-№2.-С.4-8; № 3.-С.2-7; №4.-С.2-9; №5-С.2-8. 28

54. Крупская Н.К. Об интернациональной и национальной культуре (Доклад на 1-ой сессии Совета по просвещению национальных меншеств)//ПЕд. соч. в 10-и т. -М,,1958.-Т.2.-С 248-263 37

55. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе 2018, 36 с.

56. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсумӣ.- Теҳрон,137

57. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,2017.-36 с.

58. Қаландаров А. Патриотическое воспитание в педагогической деятельности учителей Республики Таджикистан-Дисс. на соиск. уч. степени канд. Пед. наук.-Душанбе.2006.-166 с.

59. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»

60. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи маориф”-Душанбе, Матбааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022. -240 с.

61. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон.-Душанбе, 28.06.2011, №716.

62. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён. Тарҷумаи Рашид Ёсумӣ. - Теҳрон, 1370., 435 с.

63.Латипов Д.Н. кори маданию маърифатӣ ва роли он дар тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон /Д.Н. Латипов.-Душанбе:ИДСТ,1990.-70 с. 105

64. Лихачёв Б.Т.Педагогика Б.Т. Лихачёв.- М.:Прометей, 1993.-528 с. 40

65.Луначарский А.В. Культурные задачи рабочего класса: Культура обечеловеческая и классовая. / А.В. Луначарский // Собр. Соч.-М., 1965.т.2.-С. 183-198 41

66.Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи аҷам. /М. Лутфуллоев.-Душанбе:Дониш,1997.-149 с. 106

67.Лутфуллоев М. Андешаи миллӣ ва тарбияи он. /М. Лутфуллоев.-Душанбе, 2010.-109 с.

68. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат. /М. Лутфуллоев.-Душанбе: Сарпараст, 2003.-283 с. 108

69. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. /М. Лутфуллоев.-Душанбе: Саҳбо, 2006.-220 с. 109

70. Мавлоно Абулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн]: Пажуҳиши илмӣ, бостоншиносӣ, тафсирӣ / О.А. Мавлоно.-Душанбе: Адиб, 2019.-214 с.

71.Мадамеджанова З. Национальные отношение в Таджикистане, этносы Таджикистана: реальность и перспективы развития //Бизнес и политика,-2002. 8 февраля. 42

72.Матушкин В.Н. Сущность и особенности патриотического воспитания в современных условиях. / В.Н.Матушкин, Н.В. Ипполитова /Пед. исслед.: гипотезы, проекты, вредрения .-2001 .№1. -С.5-21 46

73. Масов Р. Таджики: витеснение и ассимиляции [Текст] /Р. Масов.-Душанбе, 2003.-175 с.

74. Масов Р. Таджики: история национальной трагедии [Текст] /Р.Масов.-Душанбе, 2008. -535 с.

75. Масов Р. Таърихи тоҷикон бо мухри «комилансиррӣ» [Матн] / Р. Масов. - Душанбе, 1996. -206 с.

76.Муллоҷон С. Тавсифи «Вилояти Тожик» дар асари Рашидаддин. //Фарҳанг. 2013. №1. С.22-28.

77.Муллоҷон С. Таърихи мактабу маорифи тоҷикон дар пажуҳиши академик Бобоҷон Ғафуров. [Матн] / С.Муллоҷон-“Промэкспо”, 2021.- 150 с.

78. Мухторов А. Сомониён: замон ва макон [Матн] / А. Мухторов.- Хуҷанд, 1999.-288 с.

79. Мухторов А. Ҳисор. Очерки таърихӣ [Матн] / А. Мухторов.- Душанбе, 1995.- 185 с.

80. М. Лутфуллоев Педагогикаи миллии халқи тоҷик. [Матн] /М.Лутфуллоев- Душанбе «Сифат», 2015.-704 с.

81. Муҳаммад Лутфуллозода “Тоҷикон” ва тарбияи ватандӯстӣ. [Матн] /М. Лутфуллозода -Душанбе “Таъминот-55”, 2022.-84 с.

82. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон [Матн] /Ҳ. Назаров. -Душанбе: Дониш, 1998.- 656 с.

83. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] /Ҳ. Назаров. -Душанбе: Дониш, 2005.- 492 с.

84. Негматов Н.Н. Таджикский финомен: история и теория [Матн] /Н.Н. Негматов.-Душанбе, 2005.-423 с.

85. Негматов Н. Н.Давлати Сомониён. Тоҷикон дар асрҳои XI-X [Матн] /Н. Негматов.-Душанбе: Ирфон, 1989.-304 с.

86. Негматов Н.Н. Тоҷикон. Тоҷикистони таърихӣ. Тоҷикистони муосир [Матн] / Н. Негматов.-Душанбе, 1996.-48 с.

87. Ориёиҳо кистанд ва ватани онҳо куҷост [Матн] /Таҳияи Қ. Расулиён.- Душанбе, 2004.-120 с.

88. Окладников А.П. Утро искусства. -Л, 1967. 135 с. -С. 56.

89.Орлова Л. А. Национальный патриотизм: нужен ли он нам? // Школа и общество.-2003.-№2.- с. 14-18. 56

90. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн].-Душанбе: Дониш, 2016.-463 с.

91. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба МОҶТ-Душанбе, 2017.-47 с.

92. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба МОҶТ-Душанбе, 2019.- 47 с.

93. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба МОҶТ-Душанбе, 2008.- 45 с.

94. Пирумшо Ҳ. Ахтари илму сиёсат [Матн] /Ҳ. Пирумшо.-Хуҷанд:Нури маърифат, 2019.- 384 с.

95. Пирумшо Ҳ., Бобоҷон Ғафуров [Матн]: Силсилаи Қаҳрамони Тоҷикистон / Ҳ. Пирумшо -Душанбе: ДДОТ баноми С. Айнӣ, 2018.-251 с.

96. Пирумшоев Ҳ. Давлати Сомониён дар тарозуи таърихнигорӣ. [Матн] / Ҳ. Пирумшоев.-Душанбе: Дониш, 2020.-440 с.

97. Проблемаҳои рӯзмарраи беҳдошти таълиму тарбияи хонандагон дар шароити кунунӣ. // Маводи конференсияи илмию амалӣ бахшида ба 80-солагии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2004.-84 с.

98. Пянков И.В. Осиёи Миёна дар номаҳои бостон [Матн] / И.В. Пянков.-Душанбе, 1991.-64 с.

99. Раҳмонов Э.Ш. Аз Ориён то Сомониён.-Душанбе. 2006.- 114с.

100. Раҳмонов Э.Ш. Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ 28 августи соли 1995.-Дар китоби: / Э.Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 1-Душанбе: Ирфон, 2002.

101. Раҳмонов Э.Ш. Боргоҳи илму маърифат. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев.-Душанбе,6 октябри соли 2001.-Дар китоби: / Э.Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат . Ҷилди4.-Душанбе: Ирфон, 2002.

102.Раҷабов М.Р.Фирдавсӣ ва замони муосир /М.Р. Раҷабов.-Душанбе: Ирфон,1976.-136 с.

103. «Саҳеҳ»-и Тирмизӣ, хадиси 3083, Алҳоким «Алмустадрак», хадиси 486.

104. «Саҳеҳ»-и Бухорӣ, ҳадиси 99-4, «Саҳеҳ»-и Муслим, ҳадиси 1376.

105. Сомониён ва эҳёи тамаддуни форси тоҷикӣ [Матн]:-Душанбе: Дониш,1998,-534 с.

106.Сомониён дар оинаи таърих [Матн]: иборат аз ду ҷилд /Фароҳамовардагон Н.Салимӣ, Н.Зоҳидӣ ва диг. -Душанбе:Дониш,2019,-567 с.

107. Сечкина Л.П. Таджикистан в годы Великой Отечественной войны (1941-1945гг.) [Текст] /Сечкина Л.П.-Душанбе: Дониш,1989. -244 с.

108. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат.- Душанбе 2020.-40с.

109. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ 28-уми августи соли 1995. Дар китоби Истиқлолияи Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.1.- Душанбе: Ирфон, 2002.- 38 с.

110. Сухомлинский В.А. Ватан дар дил. [Матн] /В.А.Сухомлинский- Душанбе «Маориф», 1986.- 196 с.

111. Тиллоев Х. Педагогическая система подготовки будущих учителей к патриотическому воспитанию школьников.-Дисс на соискание учен. степени канд. пед. наук.- Душанбе, 1994.-169 с. 83

112. Тоҷик, тоҷдор, тоҷвар [Матн]: Гирдовардагон М.Шукурзода,- Душанбе: Адиб, 1990.-128 с.

113. Тоҷикон дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқон. [Матн]: /Мураттибон С. Бостонгуҳар ва Н. Убайдуллоев. Китоби ҷ 2.- Душанбе:Дониш, 2018.-282 с.

114.Турсунов А. Национальный дух. Исторические размышление // Эҳёи Аҷам.-2001.- №2.

115.Турсунов Н. Таърихи тоҷикон. [Матн]:/ Н.Турсунов-Хуҷанд,2001.- 788 с.

116. Турсунова М Педагогические особенности формирования национального самосознания (на примере средних специальных учебных заведений культуры и искусств Республики Таджикистан) Автореферат канд. пед. наук.-Душанбе, 2005.-22 с. 87

117. Усмонҷон Ғаффоров Марди накуном. [Матн] / У.Ғаффоров-Хуҷанд, 1998. - 88 с.

118. Усмонҷон Ғаффоров Бобоҷон Ғафуров фарзанди фарзонаи миллат [Матн] /У. Ғаффоров-Хуҷанд, 1996.-55. с.

119. Усмонҷон Ғаффоров Равшангари таърих. [Матн] /У. Ғаффоров - Душанбе, Ирфон, 1990.-85 с.

120. Файзулло Шарифзода, Ҷумахон Файзалиев Ҳикмати афкори педагогии ниёгон [Матн] / Ф. Шарифзода, Ҷ, Файзалиев-Душанбе “Ирфон”, 2012.- 402 с.

121. Фирдавсӣ Шоҳнома: В 6-т / А. Фирдавсӣ.-М.: Издательство АН СССР, 1957-1968.-Т.-691с.

122. Фрай Р.Н. Мероси Осиёи Марказӣ [Матн]: Аз замонҳои бостон то истилои турк /Р.Н.Фрай.-Душанбе: Суруш, 2000.-273 с.

123.Фрай Р. Бухоро дастоварди қуруни васатӣ. Тарҷумаи Маҳмуд Маҳмудӣ. Теҳрон, Маркази интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1365. –С. 258

124. Ҳақиқати таърих [Матн]: Доғҳои сиёҳи таърихи Тоҷикистон. Маҷмуаи мақолаҳо.-Душанбе, 1990. -145 с.

125. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик. [Матн]: Аз солҳои 60-уми асри 19 то соли 1924 /Н.Б.Ҳотамов.-Душанбе, 2001.-395 с

126. Ҳасан Ҷӯраев Омӯзаҳои раҳнамои саодат. [Матн] /Ҳ. Ҷӯраев-Душанбе: Сифат, 2011.-204 с.

127. Шакурӣ М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. [Матн] /М.Шакурӣ-Душанбе: Адиб, 2010.-348 с.

128. Шакурӣ М. Равшангари бузург. [Матн] /М. Шакурӣ-Душанбе, 2006.-338 с.

129. Шукурзода М. Тоҷикон дар қаламрави Ориёно [Матн] /М.Шукурзода.-Душанбе:Деваштич, 2007.-478 с.

130.Шукуров М.Р.Таърихи халқи тоҷик [Матн] /М.Р.Шукуров., А.З.Раҳматуллоев.- Душанбе, 1975.-338 с.

131. Шишов А. Тоҷикон [Матн] /А.Шишов-Душанбе -Андалеб-Р, 2015.-464 с.

132. Эмомалӣ Раҳмон. Давлатдории тоҷикон: аз Сомониён то оғози асри 21. [Матн]: суханронӣ бахшида ба Ҷашни Истиқлолва 1100-солагии давлати Сомониён, 08 сентябри соли 1999) [Матн] / Э.Раҳмон.-Душанбе, 1999.-310 с.

133. Эмомалӣ Раҳмон Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ [Матн] /Э. Раҳмон -Душанбе, 1999.-343 с.

134. Эмомалӣ Раҳмон Уфуқҳои истиқлол. [Матн] /Э. Раҳмон -Душанбе, «Ганҷ-нашриёт», 2018.- 421 с.

135. Эмомалӣ Раҳмон. Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] /Э. Раҳмон-Душанбе, «ЭР-граф», 2009.-35 с.

136. Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо. [Матн] /Э.Раҳмон-Душанбе: Ирфон, 2006.-372 с.

137. Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. [Матн] Андешаҳо дар остонаи ҷашни Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ. [Матн] /Э.Раҳмон- Душанбе, 2007.-372 с.

138. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. [Матн] Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб. [Матн] /Э.Раҳмон – Душанбе: Ирфон,1996.- 228 с.

139. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. [Матн] /Э. Раҳмон – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. -364 с.

140. Яъқубшоҳ Ю. Тоҷикон [Матн] /Ю. Яқубшоҳ.-Душанбе, 1994.-190 с.

141.Юсуфшоҳ Яъқубшоҳ. Давлати Каёниён.–Душанбе, 2014. 160 с.

142. Рӯзномаи Минбари халқ аз 24.08.2022, № 33 (1379) .

143. Ҳафтаномаи Адабиёт ва санъат аз 08.09.2022 № 36 (2163)

## МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### *А) Мақолаҳое, ки дар нашруияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:*

[1-М] Суриева Ш.Ч. Ватан, тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир /Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Душанбе, № 1(42) 2022. -С.52-57. (ISSN 2222-9809).

[2-М] Суриева Ш.Ч. Роҳҳои ташаккули ифтихори ватандории наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе, № 4.(14).2022. - С. 52-56. (ISSN 2074-1847).

[3-М] Суриева Ш.Ч. “Тоҷикон”- шиносномаи миллат ва раҳнамои ватандӯстӣ /Суриева Ш.Ч. [Матн] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, № 2 (49). -С.104-108. (ISSN 96-99).

[4-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Б. Ғафуров /Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, № 1(41)2023. -С.5-10. (ISSN 2617-5320).

[5-М] Суриева Ш.Ч. “Тоҷикон”- асари бунёдӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ/ Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. - Душанбе, 2023., № 2. - С.25-30. (ISSN 2074-1847).

### *Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:*

[6-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Барномаи озмоишии омӯзиши асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. -Душанбе, “Сифат”, 2022. -15 с.

[7-М] Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Бозтоби эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ дар омӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва осори ниёгон (дастури методӣ). -Душанбе, “Сифат” 2023. -70 с.

***В) Маводи конференсия ва маърӯзаҳо:***

[8-М] Суриева Ш.Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи ватан-дӯстии наврасону ҷавонон // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳурия-вӣ дар мавзӯи "Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб" бахшида ба ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров (8-9-уми июни соли 2023, ш.Хуҷанд). – Хуҷанд, 2023. - С. 284-289.

[9-М] Суриева Ш. Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон / маърӯза дар Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – ш.Душанбе - 24.02.2023).